**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД 371: [37.034+377] + 802.0**

**ҚУРБОНЗОДА НАВБАҲОР ҚУРБОН**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶАРАЁНИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ)

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафаров Шодӣ Асомуродович**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................ 3

**БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶАРАЁНИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ**........................................................................ **19**

1.1.Ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон........................................................................ 19

1.2. Тафаккури ахлоқӣ ва сифатҳои шахсии донишҷӯй ҳамчун объекти ҷараёни таълиму тарбия........................................................................ 36

1.3.Нақши шахсияти омӯзгори забони англисӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ахлоқии донишҷӯён............. .......................... 65

Хулоси боби якум........................................................................ 95

**БОБИ II. МАЗМУН ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ**........................................................................ **98**

2.1.Ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ........................................................................ 98

2.2.Китоби дарсӣ ва машғулиятҳои амалӣ – омили муҳимми тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён.................................................... 118

2.3. Арзёбии самаранокии фаъолияти тарбиявӣ дар ҷараёни корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ................... 143

Хулоси боби дуюм........................................................................ 164

**ХУЛОСА**........................................................................ 167

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**........................................ 174

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи Истиқлолияти давлатӣ чун давлати демократӣ ва дунявӣ барои ҳифз ва таҳкими арзишҳои маънавию ахлоқӣ, тарбияи насли дорои ҷаҳонбинии муосир ниёз дошта, барои амалӣ намудани чунин ҳадафҳо тадбирҳои муҳим андешида мешавад. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] таъкид менамояд, ки риояи меъёрҳои ахлоқӣ талаботи ҳатмии давлат ва ҷомеа гашта, гуманизм – дӯст доштани инсон, эҳтироми мақом ва муҳити моддию маънавии вай ҳадафи асосии тарбия қарор мегирад.

Тарбияи шаҳрвандии насли ҷавон беҳтар шуда, мафҳумҳои дӯст доштани зодгоҳ, сарзамин, Ватан ҳамгироӣ пайдо мекунанд [7, с.50.]. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки масъалаи тарбияи ахлоқӣ дар сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор дошта, таъмини иҷрои муқаррароти санадҳои давлатӣ дар ин марҳилаи рушди ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷумҳурӣ барои тарбияи ахлоқии шаҳрвандон, хусусан, ҷавонон мусоидат хоҳад кард.

Маврид ба зикр аст, ки низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар баробари ба донишҷӯён додани донишҳои замонавии касбӣ, ҳамчунин, вазифадор аст, ки тарбияи ахлоқии онҳоро низ фаро гирад. Рушди маънавӣ ва ташаккули тафаккури ахлоқии донишҷӯён дар раванди таҳсил, аз ҷумла таълими забонҳои хориҷӣ, яке аз самтҳои муҳимми таълиму тарбия маҳсуб шуда, чун омили муҳимми омода намудани мутахассисони соҳибкасб арзёбӣ мешавад.

Дар робита ба ин, соли гузашта дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” таъкид гардид, ки: – “Дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд

дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисиро хуб медонанд, рӯз ба рӯз меафзояд”[11]. Воқеан ҳам, имрӯз ҷумҳурии мо ба мутахассисони дорои тахассуси баланди касбӣ, ки дар хориҷи кишвар таҳсил кардаанд ва ё забонҳои хориҷиро хуб медонанд, эҳтиёҷи баланд дорад.

Табиист, ки дар марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон ба дигаргуниҳои маънавию ахлоқӣ дар тафаккури ҷомеа ва шахсият, хусусан, ҷовонон, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, албатта, дар раванди амалӣ сохтани вазифаҳои тарбиявӣ, ҷаҳонбинӣ, ҳамчунин, ташаккул ва рушди инсони дорои донишу маърифати баланд дар ҷомеа мусоидат менамояд. Мавҷудияти зарурати тарбияи шахсияти дорои маънавиёти ғанӣ, ахлоқи баланду қобилияти эҷодӣ ҷомеаро водор месозад, ки барои ҳалли мушкилоти соҳаи мазкур ба омӯзиши дастовардҳои маънавии халқҳои ҷаҳон тавассути таълими забонҳои хориҷӣ рӯ биёрад.

Бешубҳа, дар амалисозии ҳадафҳои таълиму тарбия ва рушди инсони бомаърифат, ҳамроҳ шудан ба равандҳои фарҳанги ҷаҳонӣ, дастрасӣ ба илму технологияи пешқадам таълими забони хориҷӣ нақши муассир дорад. Имрӯз ҷомеаҳои пешрафта барои амалисозии чунин ҳадафҳо ба беҳтар кардани сифати таълиму тарбия ва, қабл аз ҳама, ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ рӯ меоранд.

Дар марҳалаи кунунии рушди низоми маориф ва ҷомеаи Тоҷикистон тарбияи ахлоқии ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён, аҳамияти муҳим пайдо карда, рӯйдодҳои солҳои охир, ки ба вазъи иҷтимоии ҷомеа, аз ҷумла, дар муҳоҷирати меҳнатӣ будани волидон, аз таҳсил дур мондани теъдоди муайяни ҷавонону наврасон вобаста ба авзои сиёсии кишвар дар марҳилаи аввали истиқлолият, ба таври самаранок мавриди истифода қарор нагирифтани муассисаҳои таълимӣ ва ғайраҳо алоқамандӣ дорад, далели мавҷудияти чунин мушкилот мебошанд.

Тавре ки медонем, масъалаи тарбияи ахлоқӣ тӯлонӣ ва мураккабу душвор буда, барои таъсиррасонӣ ба шахсияти тарбиягиранда аз аҳли ҷомеа,

қабл аз ҳама, аз волидону омӯзгорон тадбирҳои ҳадафманду саривақтиро тақозо мекунад. Бешубҳа, дар раванди тарбияи сифатҳои ахлоқии шахсияти ҷавонони донишҷӯ нақши муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ муҳим мебошад, зеро ки маҳз дар ин марҳила ҷаҳонбинӣ, сифатҳои ахлоқӣ, инчунин, хислатҳои дигари ӯ аз қабили садоқату хайрхоҳӣ, ҳамкорию фурӯтанӣ ташаккул меёбанд.

Таҳлили адабиёти мавҷуда, маърӯзаҳо дар ҳамоишҳои илмӣ, мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва ғайраҳо, ки бевосита ба омӯзиши масъалаи тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ бахшида шудаанд, собит месозад, ки масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон ҳанӯз мавриди омӯзиши амиқ қарор нагирифтааст. Ҳамчунин, доир ба таҳлил ва таҳқиқи масъалаи тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар раванди дарсҳои забонҳои хориҷӣ (анлгисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир таваҷҷуҳи ҳам муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам ватанӣ меафзояд.

Гуфтаҳои боло собит месозанд, ки таҳқиқи масъалаи **“Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ”** дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шуда, натиҷаҳои таҳқиқот барои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ташаккули ахлоқии донишҷӯён нақши муассир хоҳад гузошт.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи тарбияи ахлоқии ҷавонон чи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар кишварҳои хориҷӣ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Масъалаи мазкур аслан, дар доираи илмҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ таҳлил ва баррасӣ мешавад. Ҳамчунин, мафҳумҳои “маънавӣ”, “рушди маънавӣ”, “арзишҳои маънавӣ” ва монанди инҳо хеле маъмул буда, дар адабиёти муосири иҷтимоию фалсафӣ мавриди истифода қарор доранд, ки ин далели амалишавии пажӯҳишҳои зиёд доир ба тарбияи маънавию ахлоқии аҳли ҷомеа мебошад.

Бояд зикр намуд, ки тарбияи ахлоқӣ чун ҷузъи муҳимми маъанавиёт ва ҷаҳонбинии насли ҷавон решаҳои қадим дошта, ҳанӯз дар осори мутафаккирони Юнони қадим – Суқрот, Афлотун, Арасту, Демокрит ва дигар донишмандони аҳди қадим мақоми хосса дошт [22].

Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаи тарбияи ахлоқӣ аз афкори ҷамъиятӣ – педагогии мутафаккирони бузурги тоҷик, монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибн Сино, Носири Хисрав, Абдураҳмон Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон маншаъ мегирад.

Ҳамчунин, масъалаи ахлоқ ва таълиму тарбия дар асарҳои саромадон ва олимони маъруфи соҳаи педагогика – Я.А.Коменский, К.Д.Ушинский, А.С.Макаренко, В.С.Сухомлинский, А.С.Хомяков ва дигарон ба таври васеъ инъикос ёфта, таҳлил ва баррасӣ шудааст. Омӯзиши асарҳои олимони зикргардида собит месозад, ки дар асарҳои онҳо паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои таълиму тарбия бо фарогирии ҳамаи синнусол ва зинаҳои таҳсилот аз синни кӯдакӣ то таҳсил дар мактаби олӣ инъикос ёфтаанд.

Таҳлили адабиёти илмии соҳаи педагогӣ нишон медиҳад, ки истифодаи мафҳумҳои марбут ба таълиму тарбия, хусусан, оид ба соҳаи маънавиёт дар асарҳои муҳаққиқони россиягӣ – С.Ф.Анисимов [16], Л.М.Архангельский [21], А.В.Иванов [43], Т.Л.Гаврилова [43], О.П.Целикова [100], Г.Н.Филонов [94], А.Н.Леонтьев [56], дучор шуда, дар соҳаи дарки тамоилҳои ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии ҷавонон бошад, саҳми олимони дигар – В.Т.Лисовский [43], О.А.Никитина [115], Ю.А.Самарин [117], Г.В.Аверкиева [105], С.Ш.Пашаев [75] ва дигарон бузург аст.

Ҷанбаҳои дигари масъалаи тарбияи ахлоқӣ, аз ҷумла, доир ба шаклгирии рафтори инсон дар раванди муносибати вай бо ҷомеа дар осори муҳаққиқон – И.А.Арабов [17], А.Б.Зосимрвский [42], С.Ф.Анисимов [16], Л.М.Архангелский [20], доир ба манбаъҳо ва марҳалаҳои раванди тарбияи ахлоқӣ – И.С.Маренко [65], А.И.Титаренко [92], А.Г.Харчев [96], доир ба

омӯзиши масъалаҳои ташаккули шахсият дар раванди фаъолияти меҳнатӣ, таълимӣ ва робитаҳои байни шахсиятҳо – Г.Н Филонов [94], Т.Т.Капезина [112], Ю.В.Стафеева [118], доир ба ҳадафҳо, мазмуну мундариҷа ва усулҳои тарбияи ахлоқӣ – Д.С.Шимановский [121], В.Г.Иванов [43], М.Г.Казакина [44], Т.В.Шуртакова [122] ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт корҳои тадқиқотии зиёде мавҷуданд, ки ба масъалаи тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бахшида шудаанд ва дар онҳо баъзе шаклҳо ва методҳои тарбияи ахлоқии донишҷӯён баррасӣ шудааст.

Вобаста ба ин, махсусан, тадқиқоти диссертатсионии О.А.Гланова [124], А.М.Ионова [126], М.Г.КАраева [128], Е.В.Осипчукова [131], М.Г.Казакина [127], Е.С.Салахутдинова [134], О.Б.Ершова [125] ва дигарон, ки бештар ба масъалаи ахлоқ, инчунин, тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ бахшида шудаанд, арзиши баланди илмӣ доранд.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи масъалаи тарбияи ахлоқӣ дар даврони истиқлолият аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Аз он ҷумла, дар тадқиқотҳои М.Лутфуллоев [58], А.Нуров [70], Б.Раҳимов [80], Х.Рахимзода [133], Б.Маджидова [62], И.Х.Каримова [47], Ф.Гулмадов [38], Х.Авзалов [23], Л.А.Эшонҷонова [137], Ф.А.Қурбонова [130] ва дигарон паҳлуҳои мухталифи масъалаи ахлоқ, ҳамчунин, тарбияи ахлоқии насли наврас ва ҷавонони донишҷӯй дар ҷараёни таҳсил, аз ҷумла, дар раванди таълими забони хориҷӣ инъикос ёфтааст.

Дар тадқиқотҳои зикргардида ҷиҳатҳои алоҳидаи аҳамияти забони хориҷӣ чун фанни таълимӣ барои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ё касбии хонандагон ва донишҷӯён инъикос ёфтааст. Аммо имкониятҳои фанни

таълимии «забони хориҷӣ» (англисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Таҳлили корҳои тадқиқотӣ бахшида ба такмили сифатҳои ахлоқӣ дар раванди таълиму тарбия (дар ҷараёни дарс ва берун аз дарс) бо назардошти хусусиятҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нишон дод, ки масъалаи мазкур дар илми педагогикаи миллӣ тақрибан мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Зиёда аз ин, то ҳоло муҳаққиқону таҳлилгарон ба масъала дар бораи ин ки забони англисӣ ҳангоми таълим метавонад воситаи тарбияи ахлоқӣ бошад, дахл накарда, онро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор надодаанд.

Вобаста ба он ки масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ мавриди таҳлили муҳаққиқони ҷумҳурӣ қарор нагирифтааст, доир ба ин мавзуъ асару мақолаҳо низ зиёд нестанд. Аз ин рӯ, айни ҳол дар ҷумҳурӣ асари монографие, ки ба таҳқиқи масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи мавзуи тадқиқотии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон «Такмили низоми таҳсилот дар тамоми зинаҳои касбӣ ва баъдидипломӣ бо назардошти талаботи соҳаи илм, техника ва технология» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Ҳадафи таҳқиқи мавзуи мазкур аз омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни таълими дарсҳои забони англисӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи мазкур ҳалли як қатор вазифаҳои зерин дар назар аст:

– таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявии масъалаи тарбияи маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зимни таълими забони англисӣ;

- омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии масъалаи тарбияи маънавӣ ва ахлоқии ҷавонони донишҷӯй;

- таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва сифатҳои шахсии донишҷӯй ҳамчун объекти ҷараёни таълиму тарбия;

- нишон додани нақши шахсияти омӯзгори забони англисӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ахлоқии донишҷӯён;

- таҳлили ташаккули меъёрҳои сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ;

- нишон додани нақши китоби дарсӣ ва машғулиятҳои амалӣ ҳамчун омили муҳимми тарбияи маънай-ахлоқии донишҷӯён;

- арзёбии самаранокии фаъолияти тарбиявӣ дар ҷараёни корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ.

**Объекти таҳқиқот** – тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот –** таҳқиқи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ.

**Фарзияи таҳқиқот -** тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ дар ҳолате самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар:

-тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар заминаи таҷриба ва малакаи ғании педагогӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хосси тафаккур ва сатҳи ҷаҳонбинии донишҷӯён роҳандозӣ карда шавад;

-тавассути омӯзиши забони хориҷӣ (анлисӣ) шиносоии донишҷӯён бо фарҳанг, таърих ва дастовардҳои маънавию ахлоқии халқҳои ҷаҳон таъмин

карда шавад;

-таъмини донишҷӯён бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи зарурӣ доир ба омӯзиши забони англисӣ ва тарбияи маънавию-ахлоқии онҳо амалӣ карда шавад;

-омӯзгори фанни забони хориҷӣ (англисӣ) ҳамчун шахсият ва омили асосии таъсиррасон дар раванди тарбияи маънавию-ахлоқии донишҷӯён нақши муассир дошта бошад;

-машғулиятҳои амалӣ ва фаъолияти беруназдарсӣ ба таҳкими шуури ахлоқӣ, ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқӣ ва эътиқоди мутахассисони оянда мусоидат намояд;

-омилҳои асосӣ ва шароити тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён дар дарсҳо бо назардошти хусусиятҳои забони хориҷӣ чун фанни таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷудо карда шаванд;

-ҳамкории мутақобилаи ҳадафманд ва мунтазами фаъолияти педагогӣ ва маърифатӣ – иртиботии омӯзгорон ва донишҷӯён ба роҳ монда шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Бояд зикр намуд, ки ҷамъоварии маводи зарурӣ, омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, баргузории назарсанҷӣ, нашри мақолаҳо ва таҳияи диссертатсия (солҳои 2021-2024) се марҳиларо дар бар мегирад.

Дар ***марҳалаи аввал*** (солҳои 2021-2022) таҳлили назариявии вазъи масъалаи тадқиқшаванда бо роҳи омӯзиши адабиёти гуногуни илмӣ сурат гирифта, фаъолияти кории омӯзгорони забонҳои хориҷии якчанд муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷ.Балхӣ) мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Ҳамчунин, барои назарсанҷӣ саволнома тартиб дода шуда, бо омӯзгоон ва донишҷӯён мусоҳибаҳо баргузор гардида, омӯзиши барномаҳои дарсии фанни забони англисӣ ва ғайра анҷом дода шуд.

Дар ***марҳалаи дуюм*** (солҳои 2022-2023) мавқеи ибтидоии назариявӣ

тарҳрезӣ шуда, методикаи тадқиқот муайян ва фарзияи корӣ ташаккул дода шуд. Анкетаҳо барои пурсиши 450 нафар донишҷӯён омода ва барномаи гузаронидани пурсиш таҳия гардид. Ғайр аз пурсиш тавассути анкетаҳо, инчунин, бо донишҷӯёни солҳои гуногуни таҳсил ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбии номбурда суҳбатҳо гузаронида шуд.

Дар ***марҳалаи сеюм*** (солҳои 2023-2024) ба низом даровардани натиҷаҳои ҳосилшуда ва натиҷагирии назариявӣ ва амалӣ анҷом дода шуда, бо мақсади такмили тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ барои омӯзгорони забонҳои англисии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавсияҳои амалӣ таҳия гардиданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** натиҷаҳои корҳои илмию тадқиқотии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷии соҳаи педагогика ва психология доир ба асосҳои назариявии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, аз он ҷумла, тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон ташкил медиҳанд. Тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ қисми таркибии масъалаи тарбияи ахлоқӣ маҳсуб шуда, ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии он мавриди пажӯҳиши олимону донишмандони соҳаи мазкур қарор гирифтааст. Дар баробари асарҳои тадқиқотии муҳаққиқон, инчунин, санадҳои расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъмини таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, дар кори тадқиқотии мазкур ҳамчун асоси назариявӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Ҳамчунин, осори илмӣ-педагогии олимони соҳаи мазкур – Г.Н.Филонов, А.И.Титаренко, Ю.В. Стафеева, И.С.Макаренко ва олимони ватанӣ Лутфуллоев М., Раҳимов Б., Рахимзода Х., Каримова И.Х., Гулмадов Ф., Авзалов Х. ва дигарон, ки таҳқиқи масъалаи тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълими хонандагони мактаби миёнаро фаро гирифтаанд, ба сифати асоси назариявии кори тадқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Маврид ба зикр аст, ки дар раванди тадқиқот санадҳои расмии давлатӣ – Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии такмили тадрис ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин, мақолаҳо, суханрониҳои олимони соҳаи педагогика ва психология, методистҳо ва равоншиносони маъруф оид ба проблемаи тарбия ва ғайраҳо дар кори мазкур чун манбаи маълумот мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ** – барои кори диссертатсионии мазкур, қабл аз ҳама, маҷмуи далелу маълумот ва натиҷаҳои таҷрибавие мебошанд, ки дар раванди таҳқиқот тавассути таҷриба ва омӯзиш ҳосил шудаанд. Заминаҳои эмпирикӣ барои хулосаҳои илмӣ бояд далелҳои боэътимод фароҳам биёранд. Ба хотири таъмини иттилооти дақиқ дар ҷараёни таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ маълумоти дақиқ дастрас шуда, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами омӯзгорон, мушоҳидаи мунтазам ва давомнок ба раванди тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ), муносибати донишҷӯён ва майлу рағбати онҳо ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, гузаронидани назарсанҷӣ тавассути анкетаҳо, суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ бо донишҷӯён аз омилҳое буданд, ки дар кори тадқиқотӣ чун заминаи боэътимоди эмпирикӣ хизмат намуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқот муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ – Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷ.Балхӣ маҳсуб мешаванд. Дар тадқиқот барои омӯзиши масъалаи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ

450 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии зикршуда ҷалб гардиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки доир ба масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавону донишҷӯён аз ҷониби муҳақиқони хориҷӣ ва ватанӣ тадқиқотҳо анҷом дода шудаанд, вале мавзуи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ дар шакли алоҳида ва мушаххас аввалин бор мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода мешавад.

Нововарии кори пешниҳодшуда ба таври мушаххас аз инҳо иборат мебошад:

- дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба асосҳои илмӣ-педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ нишон дода шуданд;

- нишон дода шуд, ки дар раванди таълиму тарбия надонистани арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ аз қабили оила, анъана ва расму оин, малакаи касбӣ, инчунин, арзишҳои эстетикӣ аз қабили зебоию санъат ва қобилияти дарки зебоӣ барои мутахассиси оянда тасаввурнопазир буда, чунин шакли фаъолият натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод;

- муайян гардид, ки камолоти касбӣ ва маънавию ахлоқии шахс бо сатҳи таҳсилоти ӯ робитаи мустақим дошта, дараҷаи таҳсилот чун омили асосӣ дар ташаккули маънавӣ ва касбии шахс нақши муайянкунанда дорад;

- собит гардид, ки шахсияти омӯзгор дар раванди тарбияи манавию ахлоқии донишҷӯён нақши муҳим дошта, таълими омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ, барои донишҷӯй дунёи наверо мекушояд, ки тавассути он дониши ӯ доир ба одаму олам, равандҳои илмию техникӣ ва дигар зуҳуроте, ки ҷаҳони маънавии ӯро фаро мегиранд, ғанӣ ва мукаммал мегардад;

- муайян гардид, ки дар раванди таълиму тарбия ва таҳсили доншиҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷиҳати ташаккули шуури илмӣ ва

сифатҳои ахлоқии донишҷӯён, сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии онҳо дар баробари дигар фанҳо, омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) низ чун фанни таълимӣ имкониятҳои фаровон дорад;

- ошкор карда шуд, ки маҳз норасоии китобҳои дарсии босифат, барномаҳо ва дигар маводи зарурӣ барои муассисаҳои таълимӣ, хусусан, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, инчунин, таваҷҷуҳи камтар ба таълими забони хориҷӣ боиси паст гардидани шавқу завқи донишҷӯён дар ин самт гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Барои ҳимоя нуктаҳои асосии зерин пешниҳод мешаванд:

1. Омӯзиш ва таҳлили масъалаи тарбияи маънавию ахлоқӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии ташаккули тафаккури ахлоқӣ ҳамчун объекти ҷараёни таълиму тарбия, инчунин, ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ собит намуд, ки таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ахлоқии ҷавонони донишҷӯй мусоидат намуда, дар ин раванд нақши муассир мегузорад.

2. Шароити муосир методологияи нави тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон ва дарки амиқи ин равандро тақозо менамояд. Зеро ки марҳилаи кунунии рушд бо навгониҳои босуръати илму технология ва таъсири баръалои онҳо ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ боиси тағйирёбии тафаккури аҳли ҷомеа, аз ҷумла, ҷавонон гардида, ҳамзамон, ба муносибати онҳо ба арзишҳо низ таъсири амиқ мерасонад. Дар ин раванд ҷанбаҳои ахлоқӣ аз мадди назар дур монда, зуҳуроти ахлоқӣ аз қабили дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром ва ғайра, мутаассифона, коҳиш меёбанд. Аз ин рӯ, дар чунин маврид зарурат ба тарбияи одами дорои маънавиёти ғанӣ, ахлоқи баланд, ки қобилияти на танҳо истеъмол кардан, балки эҷод кардан кардан ҳам дошта бошад, рӯз аз рӯз меафзояд.

3. Таҷриба собит месозад, ки раванди таълиму тарбия бе донистани арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ аз қабили оила, анъана ва расму оин, малакаи касбӣ, инчунин, арзишҳои эстетикӣ аз қабили зебоию санъат ва қобилияти дарки зебоӣ барои мутахассиси оянда тасаввурнопазир мебошад ва чунин шакли фаъолият натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод. Таҳлил ва омӯзиши масъала нишон дод, ки ташаккули ахлоқ ва шахсияти донишҷӯ маҳз дар ҷараёни фаъолият шакл мегирад, зеро ки шаклҳои фаъолият ба унсурҳо ва самтгирии ахлоқӣ робитаи зич дорад. Раванди фаъолият донишҷӯро бо чунин муносибатҳои ахлоқие рӯ ба рӯ месозад, ки онҳо тибқи меъёрҳо ва низоми мавҷудаи маънавию ахлоқии ҷомеа ташаккул ёфта, ҷавононро ба масъулиятшиносию меҳнатдӯстӣ, хоксорию инсондӯстӣ, ҷавонмардию ватанпарастӣ ва дигар падидаҳои арзишманди инсонӣ равона месозанд.

4. Тавре ки маълум аст, кори тарбиявӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ мисли дигар шаклҳои таълим қисми ҷудонопазири раванди умумии таълиму тарбия мебошад. Дар замони бознигарии низоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ нақш ва мазмуну мундариҷаи кори мустақилона ва беруназдарсӣ такмил ёфта, аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Омӯзиши таҷрибаи омӯзгорони пешқадами забони хориҷӣ аз ҷониби як силсила муҳаққиқон аз он шаҳодат медиҳад, ки корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ барои такмили дониши ҷавонони донишҷӯй оид ба забон ва ташаккули тафаккури ахлоқии онҳо мусоидат мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот** аз он иборат аст, ки дар он асосҳои педагогии тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиши амиқ қарор дода шуда, доир ба ҷанбаҳои муҳим ва зарурии таълими забони англисӣ дар таҳкими шуури ахлоқии донишҷӯён хулосаю тавсияҳои муфид ва арзишманд таҳия ва пешниҳод шудаанд. Натиҷаи озмоишҳое, ки аз ҷониби диссертант ба даст оварда шудаанд, дар самти амалисозии рушди тафаккури маънавию ахлоқии донишҷӯён дар

раванди таълими забоҳои хориҷӣ (англисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нақши мусбат хоҳанд гузошт.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия,** қабл аз ҳама, бо дақиқ будани маълумотҳо, баргузор намудани тадқиқот бо риояи принсипҳои илмӣ, ҳаҷми кофии мавод, мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳурӣ нашргардида ва иштрок бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ асоснок карда шудааст. Инчунин, дар асоси натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлили васеи масъала хулоса ва пешниҳодҳо манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба мазмуни шиносномаи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мувофиқ буда, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои методологии педагогика, таърихи педагогика ва таҳсилот, этнопедагогика, педагогикаи муқоисавӣ, омӯзиши антропологияи педагогӣ ваояндабинии педагогиро дар бар мегирад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз таҳлили амиқи масъала бо муайян намудани объект ва мавзуи (предмети) тадқиқот, муайян намудани ҳадафу вазифаҳои тадқиқот, омӯзиш ва таҳлили адабиёти зарурӣ ва дигар манбаъҳои илмӣ, коркард ва таълифи кори тадқиқотӣ иборат мебошад. Дар тӯли фаъолияти илмӣ аз ҷониби муаллиф бо истифода ва риояи асосҳои методологӣ ва назариявӣ кори тадқиқотии мазкур мустақилона анҷом дода шудааст. Ҳамчунин, доир ба тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими забони англисӣ корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ баргузор намудааст, ки ин, бешубҳа, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия маҳсуб мешавад.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** Натиҷаҳои тадқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии олимон, дар семинару ҷаласаҳои илмии донишгоҳҳо ва муасссаҳои илмӣ, аз ҷумла, Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявиӣ дар мавзуи «Вазъи илм ва маориф дар шароити истиқлолияти

давлатӣ» (Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2022), Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир” (ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, ш.Кӯлоб, 19 марти соли 2021), Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Вазъ ва дурнамои таъмини муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ бо кадрҳои илмӣ» (Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 июни соли 2024), ҳамчунин, дар мақолаҳои диссертант, ки дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳурӣ нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои кори тадқиқотӣ дар 13 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи дигар дар маҷалла ва маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб (6 зербоб), хулоса ва номгӯи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 181 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶАРАЁНИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

## 1.1.Ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

Тарбияи ахлоқӣ чун ҷузъи муҳимми маъанавиёт ва ҷаҳонбинии насли ҷавон решаҳои қадим дошта, ҳанӯз дар осори мутафаккирони Юнони қадим – Суқрот, Афлотун, Арасту, Демокрит ва дигар донишмандони аҳди қадим мақоми хосса дошт. Ғояҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ дар фалсафаи Юнони қадим, қабл аз ҳама, бо номи Сукрот (тақрибан 469-399 пеш аз милод) иртибот дошта, дар муколамаҳои ӯ ба масъалаҳои фазилатҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда, қисмати амалии фалсафа – аъмоли нек ва хирадро ҷудо кардааст. Ба андешаи ӯ, ҳикмат (фалсафа) - фазилати нек аст, яъне дониш дар бораи амалҳои  нек, ки фардро ба корҳои нек ҳидоят мекунад ва аз бадиҳо бозмедорад. Афлотун (427-347 пеш аз милод) бошад, ба масоили таълиму тарбия таваҷҷуҳ намуда, таъкид намудааст, ки вазифаи аввалиндараҷаи педагогика ин интиқоли принсипҳои некӣ ба наслҳои оянда ва бо ин роҳ таҳким бахшидани қисмати оқилонаи рӯҳ аст. Ҳамчунин, дар осори Арасту (384-322 пеш аз милод) низ доир ба зарурати тарбияи ахлоқии кӯдакон тавассути машқҳо ва анҷом додани корҳои нек тавсияҳои арзишманд вуҷуд доранд. Ба ақидаи Демокрит (460-370 пеш аз милод) шахси аз ҷиҳати ахлоқӣ такмилёфта ва устувор бояд боҷасорат ва ҳокими нафси хеш бошад, ба некӣ саъй кунад, ба бекорию тарзи ҳаёти бесамар роҳ надиҳад, барои ҳамоҳангӣ ва идора кардани хоҳишҳои худ, ба имкониятҳои воқеӣ мутобиқ кардани онҳо кӯшиш намояд. [22]

Проблемаи ахлоқ чи дар мамлакати мо ва чи дар хориҷа мавриди таҳқиқи олимону донишмандон қарор гирифтааст. Вобаста ба муҳим ва

фарогир буданаш, мавзуи мазкур дар доираи илмҳои фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ баррасӣ шуда, ҳамчунин, дар замони рушди илму фалсафа дар кишварҳои аврупоӣ то аввали асри XX ва дар давраи шуравӣ низ дар ин самт тадқиқотҳои муҳим анҷом дода шуда, асарҳои зиёд нашр гардидаанд. Хусусан, мутафаккирони ин давра аз қабили Ф.Аквинский, А.И.Ильин, А.Коменский, А.С.Макаренко, В.С.Сухомлинский, К.Д.Ушинский ва дигарон дар самти рушд ва таҳкими илми педагогика ва ахлоқ саҳми беназир гузоштанд.

Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаи тарбияи ахлоқӣ аз афкори ҷамъиятӣ – педагогии мутафаккирони бузурги тоҷик, монанди Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибн Сино, Носири Хисрав, Абдураҳмон Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон маншаъ мегирад.

Омӯзиши адабиёти муосири иҷтимоию фалсафӣ собит месозад, ки мафҳумҳои маънавиёт ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар низоми арзишҳо ҷойгаҳи хосса дошта, дар осори муҳаққиқон зиёд вомехӯранд. Аз ҷумла, таҳқиқотҳои замони муосири олимони тоҷик собит месозанд, ки омӯзиш ва таҳлили ҳаёти маънавии ҷомеа, хусусан, муносибати насли ҷавон ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ  дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, дар ин самт таълифоти зиёде дастраси  аҳли ҷомеа гардидааст.

Қобили қайд аст, ки аз нигоҳи назарияи тарбияи ахлоқӣ ба вуҷуд овардани намунаи сифати ахлоқӣ барои аниқ кардан ва мушаххас сохтани ҳадафҳои тарбияи ахлоқӣ зарур аст. А.С. Макаренко навиштааст: «Таҳти ҳадафи тарбия ман хислати инсониро мебинам ва зимнан, дар мафҳуми хислат ман тамоми мазмуни шахсият, яъне ҳам хислати зоҳирӣ, ҳам эътиқоди ботинӣ, ҳам тарбияи сиёсӣ, ҳам дониш ва умуман, тамоми манзараи шахсияти инсониро дохил мекунам». [61, с.114]

Хислати инсон дар фаҳмиши ҳамаҷонибаи он зоҳиршавии шахсияти вай, одат, сифатҳои ахлоқӣ, яъне тамоми хусусиятҳои фардии ӯ дар ягонагӣ

мебошад». [99, с.161] Муаллифи дигар А.Ф. Шишкин навиштааст: «Бо вуҷуди гуногуннавъии хислатҳои инсонӣ, дар хислати шахс омили асосӣ маҳз сифатҳои ахлоқии вай мебошад». [103, с. 231]

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки тамоми хусусиятҳои хислати дорои мазмуни муайяни ахлоқӣ дар айни замон сифатҳои ахлоқии шахсият низ мебошанд. Тасодуфӣ набуд, ки В.А. Сухомлинский бо ишора ба тарбияи шаҳрвандӣ гуфта буд: «Ин мағз, меҳвари тамоми кори тарбиявӣ мебошад. Сухан дар бораи ташаккули эътиқоди мустаҳками шаҳрвандӣ меравад…» [87, с.119]

Педагоги маъруф А.С. Макаренко муҳимтарин вазифаи мактабро тарбияи шахсият бо тамоми хусусиятҳо, эҳсосот, хислатҳо, ирода ва қобилияти ӯ шуморида, таъкид намудааст: – «Нуктаи хеле хатарнок, яъне ҳарос дар баробари хислати гуногун доштани инсон, бо унсурҳои гуногун бунёд кардани як мувозинаи бутун барҷой хоҳад монд. Бинобар ин, дар мо ҳамеша кӯшиш хоҳанд кард, ки ҳамаро якхела «тарошанд», шахсро дар қолаби стандартӣ ҷой диҳанд, шаклҳои инсонии якхеларо тарбия намоянд – зеро ин кори осонтар аст, нисбат ба он ки ҳар шахс мутобиқи хислату андешаю қобилияташ тарбия шавад». [63, с.170]

Вай талоши ба эътибор нагирифтани гуногуннавъии инсониро саҳлангорӣ меномид, ба муқобили бехусусияткунии шахсият баромад мекард, аз хатари муносибати қолабӣ, стандартӣ ба тарбияи афроди гуногун огоҳ мекард. Тавсифи муъҷаз ва дақиқи тарбияи шахсият, ки А.С. Макаренко ба асоси омӯзиши амиқи тарбиягирандагони худ додааст, ин усул ва шеваҳои кори инфиродӣ бо онҳо мебошад, ки дар асарҳояш инъикос ёфтааст.

Ин маълумот аз он шаҳодат медиҳад, ки зоҳиран, дар мактаб, қабл аз ҳама, эътибору нуфуз доштани муаллим ба назар гирифта шудааст, яъне фақат қисмати якуми формулаи машҳури А.С. Макаренко дар бораи муносибати муаллим бо шогирд иҷро шудааст, ки гуфта буд: ҳадди ниҳоии (максимум) серталабӣ нисбат ба шогирд, ҳамзамон бо *ҳадди ниҳоии*

*(максимум) эҳтиром* ба вай мутаносиб аст.

Маврид ба зикр аст, ки дар омӯзиши масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ва таҳлили нуктаҳои назриявии он тадқиқоти файласуфон, равоншиносон, педагогҳо, ҷомеашиносони рус Б.Г.Ананев, П.П.Блонский, Л.С.Виготский, К.К.Крупская, А.С.Макаренко, З.А.Сухомлинский ва дигарон мақоми муҳимро ишғол мекунанд.

Баъзе масъалаҳои ҷузъии тарбияи насли наврас ва ҷавонони таҳсилкунанда дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар тадқиқоти М. Бобоҷонов, Р.М. Герасимов, Г.И. Исаева, Н.А. Ниёзова, Н.А. Шарер, Н.А. Шукурова ва дигарон инъикос ёфтааст.

Ҳамчунин, дар ин самт аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозода, И.Каримова, Ф.Шарифзода, Ф.Гулмадов ва дигарон пажӯҳишҳои илмӣ анҷом дода шуда, муаллифон ба масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии хонандагону донишҷӯён дар раванди таҳсил таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд.

Аз сатрҳои боло чунин бармеояд, ки андешаҳои мутафаккирони замони қадим ва муосирро чунин ақидаи умумӣ муттаҳид менамояд, ки тибқи он дарки табиати инсонро бидуни дарки меъёрҳо ва арзишҳои ҳаёти инсон, пайваст кардани тамоми ҷанбаҳои инкишофи шахсият, қабл аз ҳама, бо тарбияи маънавию ахлоқӣ, тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Маврид ба зикр аст, ки имрӯз масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонони донишҷӯй, хусусан, муассисаҳои таҳсилоти касбии самти омӯзгорӣ, ки минбаъд онҳо тарбияи маънавию ахлоқии насли наврасро бояд ба сомон расонанд, хусусияти ҷиддӣ ва мубрам гирифтааст. Зеро ки дарки масъалаи мазкур – моҳияти маънавию ахлоқӣ чун арзиши муҳим ва муайянкунанда барои омӯзгор ва донишҷӯй, ҳамчунин, таҳкими шаклу усулҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ аз самтҳои калидии кори тарбиявӣ маҳсуб мешавад. Чунин фаҳмиш на танҳо дар шуури тарбиятгиранда, балки дар зеҳну мафкураи тарбиятгар низ бояд муносибати нав ва созандаро ба

вуҷуд биёрад. Омӯзгор на танҳо шогирдро ба роҳи камолоти маънавӣ мебарад, балки худаш ҳам бо ин роҳ пеш меравад. Вазифаи муҳим дар ин самт нишон додани роҳу василаҳои имконпазири расидан ба қуллаҳои ахлоқ бояд бошад. Дар ин маврид яке аз мушкилоти мубрам бедор намудани худшиносии маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯ, ҷустуҷӯҳои маънавии ӯ дар самти муносибат бо олами беруна, арзишҳои олӣ ва худи фард мебошад. Ҷустуҷӯҳои амалишуда метавонанд аз он чизе, ки дар аввал пешбинӣ шуда буд, падидаҳои комилан нав ва фарқкунадаро пайдо кунанд.

Имрӯз зарурати дарки амиқи назариявӣ ва методологияи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон пеш омада, инкишофи муносибати ҳамаҷониба ва дар амал татбиқ намудани он аҳамияи муҳим пайдо намудааст. Оҳиста-оҳиста марҳалаи нави рушди ҷомеа, ки бо тағйирёбии тафаккури шахсият ва самтҳои арзишманди насли наврас алоқаманд аст, оғоз меёбад. Рушди технологӣ ба он оварда мерасонад, ки одамон дар бораи такмили рӯҳонӣ фикр намекунанд ва ҷанбаи ахлоқии амалҳо камтар мавриди таваҷҷуҳи онҳо қарор мегирад.  Чунин зуҳуроти ахлоқ монанди дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром ва ғайра, мутаассифона, аз мадди назар дур мемонанд. Зарурат ба тарбияи одами дорои маънавиёти ғанӣ, ахлоқи баланд, ки қобилияти на танҳо истеъмол кардан, балки эҷод кардан кардан ҳам дошта бошад, рӯз аз рӯз меафзояд.

Муҳтавои асосии тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён – мутахассисони ояндаро (сарфи назар аз шаклҳои фаъолият ва касбу кориояндаи онҳо) бояд арзишҳои башардӯстона, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, эстетикӣ, касбӣ ташкил намоянд. Маврид ба зикр аст, ки арзишҳои башардӯстона, аз ҷумла, кӯдакӣ ҳамчун давраи инкишоф ва оғози дарки олам, фардияти шахс ва нотакрории шаклҳои фаъолияти он зимни фаъолияти педагогӣ вижагиҳои худро дошта, дар раванди таълиму тарбия муассир маҳсуб мешаванд. Арзишҳои зеҳнӣ бошад, қабл аз ҳама, қобилияти тафаккур, дарёфти иттилооти зарурӣ, кӯшиши дарёфти ҳақиқат ва ғайраҳоро фаро мегирад.

Таҷриба собит месозад, ки раванди таълиму тарбия бе донистани арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ аз қабили оила, анъана ва расму оин, малакаи касбӣ, инчунин, арзишҳои эстетикӣ аз қабили зебоию санъат ва қобилияти дарки зебоӣ барои мутахассиси оянда тасаввурнопазир мебошад ва чунин шакли фаъолият натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод.

Фаъолияти касбии донишҷӯй ҳамчун мутахассиси оянда бояд бо арзишҳои башардӯстона – муҳаббат ба ҳамкорон, ҳисси ҳамдардӣ, дарки масъулият барои ҳифзи саломатии онҳо зич алоқаманд буда, дар хислатҳои шахсӣ ва касбии ӯ инъикос шаванд. Мавҷудияти чунин арзишҳо дар зеҳни донишҷӯй имкон медиҳад, ки ӯ ҳамчун мутахассиси оянда вазифаи касбии худро дар сатҳи баланд иҷро намоянд.

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ доир ба фалсафа, психология ва ахлоқ чунин шаклҳои ҳиссиёти ахлоқиро аз қабили шарм, миннатдорӣ, уҳдадорӣ, имон, эҳтиром, адолат, ҳамдардӣ ва ғайра нишон медиҳад, ки ҳар кадоми он дар ташаккул ва таҳкими тафаккури ахлоқии донишҷӯй нақши муҳим дошта, самаранокии фаъолияти минбаъдаи ӯ (донишҷӯй) бо риояи ин арзишҳо иртиботи қавӣ дорад.

Бояд зикр намуд, ки ташаккули иродаи ахлоқӣ муколамаи инсонро бо умқи ботинии рӯҳи ӯ дар бар гирифта, ӯро ба некӣ ва беҳбудӣ раҳнамоӣ мекунад, боиси муқовимат ба бадӣ ва зоҳиршавии сабру таҳаммул мегардад, ки барои бартараф намудани мушкилиҳо мусоидат намуда, инчунин, ба васвасаҳо муқовимат мекунанд.

Дар «Луғати забони русӣ»-и С.И.Ожегов ахлоқ, аз як тараф, «қоидаҳои муайянкунандаи рафтор» бошад, аз тарафи дигар, ҳамчун «сифатҳои маънавӣ ва рӯҳонӣ барои инсон дар ҷомеа зарур» шарҳ дода шудааст.[70] Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки тарбияи ахлоқии донишҷӯён, бешубҳа, ҷузъи муҳимми раванди таълиму тарбия маҳсуб шуда, ҳадафи ниҳоии он ташаккули шахсияте мебошад, ки ӯ дорои маърифат ва сифатҳои баланди ахлоқӣ бошад.

Фазои маънавии ҷомеаи муосир тақозо мекунад, ки масъалаи тарбияи

ахлоқии ҷавонону донишҷӯён мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода шавад. Бояд гуфт, ки чунин масъалагузорӣ дар баробари талаботи дохилии ҷомеа, ҳамчунин, бо муносибатҳои беруна, хусусан, бо густаришу таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо муайян карда мешавад, ки дар ин росто донистани забонҳои хориҷӣ (англисӣ) нақши муҳим бозӣ мекунад.

Моҳияти тарбияи ахлоқии донишҷӯён аз ташаккули дарку эҳсоси ахлоқӣ, малака, одат ва рафтори нек  дар онҳо иборат мебошад. Дар низоми тарбияи ахлоқӣ бошад, тамоми ин ҷузъҳо якҷо ва ҳамгиро мешаванд.

Метавон гуфт, ки ташаккули ахлоқ ва шахсияти донишҷӯ маҳз дар ҷараёни фаъолият шакл мегирад, чунки дар ҳар гуна фаъолият унсурҳо ва самтгирии ахлоқӣ вуҷуд дорад. Дар ҷараёни фаъолият донишҷӯён ба робитаҳои ахлоқие ворид мешаванд, ки дар асоси меъёрҳо ва талаботи мавҷудаи ахлоқӣ бунёд ёфта, бо усулҳои ахлоқӣ танзим мешаванд. Омӯзгорон зимни тарбияи донишҷӯён, онҳоро меомӯзонанд, ки фурӯтан, содиқ, масъулиятшинос, ватандӯст, меҳнатдӯст ва дар муносибат бо одамон меҳрубон бошанд.

Ҳадаф ва вазифаи ниҳоии тарбияи ахлоқии мутахассисони оянда дар ҳар кадоми онҳо ташаккул додани мавқеи фаъоли ҷамъиятӣ мебошад. Тамоми вазифаҳои тарбияи ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар иртибот ва ягонагии наздик ҳаллу фасл мешаванд.

Ҷиҳати ҳам бевосита (шифоҳӣ) ва ҳам бавосита (хаттӣ) ба роҳ мондани машғулиятҳо зимни таълими забони хориҷӣ, бояд алоқамандии назария ва амалияи омӯзиши забони мазкур то ҳадди имкон бо ҳам наздик карда шавад. Муошират бояд ҷолиб, ихтиёрӣ ва мустақилона сурат гирад. Омӯзонидани муошират дар асоси малака, ки ба қадри кофӣ коркард шудааст ва бо истифода аз машқҳо (тақлидӣ, саҳнавӣ ва ғайра) имконпазир аст. Ин  кори заҳматталаб буда, вақту фурсати зиёдро талаб мекунад. Вазифаи муассисаҳои таълимӣ аз он иборат аст, ки мураттаб ва ба таври мунтазам

самти иртиботиро дар тамоми марҳалаҳои таълим бо роҳи ҳалли вазифаҳои мушаххаси иртиботӣ амалӣ созанд. Ба омӯзгори забони англисӣ зарур аст, ки тибқи супоришҳои омоданамудаи ӯ донишҷӯй тавонад дар ҳудуди коллеҷ ва берун аз он муошират карда тавонад. Ҳангоми муошират ба забони хориҷӣ мушаххас сохтани доираи супоришҳои иртиботӣ барои ҳар як марҳалаи омӯзиш хеле муҳим аст.

Дар айни замон, бояд вазифаи муошират дар ҷараёни фаъолияти муштарак, монанди мубодилаи иттилоот, ҳавасмандкунии мутақобила, назорати раванди амалишавии он, ҳамчунин, вазифаи муоширатӣ вобаста ба шинохти якдигари одамон, ташаккул ва рушди муносибатҳои байни шахсиятҳо дар назар гирифта шавад. Амалӣ гардидани муошират бо шаклҳои мухталифи он дар ҷараёни таълим бояд, қабл аз ҳама, ба таҳкими малакаи муошират ва қобилияти аз худ кардани нутқ нигаронида шавад.

Ҷанбаи дигари ин масъала ба шароит ва имкониятҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ вобастагӣ дорад, ки зимни таълим дар нақшаҳои таълимии ин муассисаҳо то кадом дараҷа хусусиятҳои забонии маводи пешниҳодшуда ва мутобиқати он ба забони модарӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Дар ҳаллу фасли ин вазифаҳо истифодаи дурусти ҳолати таълимӣ – нутқӣ нақши муҳим бозӣ мекунад. Ҳолати таълимӣ – нутқӣ чунин намунаи таълимии ҳолати нутқӣ мебошад, ки муошират берун аз дарсиро ифода менамояд. Ҳанӯз дар соли 1968 маҷаллаи "Иностранные языки в школе" вазифае гузошта буд, то муайян карда шавад, ки «омӯзанда бояд дар кадом ҳолат қарор дода шавад, то ин ки вай фикр кунад, ки нутқи вай бо воситаҳои забонии азхудкардааш комилан таъмин шудааст». [57, с.63]

Тӯли солҳо бисёр тадқиқотҳое анҷом гирифтаанд, ки дар онҳо аз ин ё он мавқеъ масъалаҳои вобаста ба истифодаи ҳолат дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.[43, с. 12] Таҳлил ва арзёбии масъалаи мазкур собит месозад, ки натиҷаҳои он метавонист барои омӯзгор дар

алоқамандӣ бо чунин муқаррароте бошад, ки он имконияти мустақилона идора кардани раванди омӯзишро бо кумаки ҳолати таълимӣ-нутқӣ фароҳам орад. Тақвияти самтгирии иртиботӣ, бешубҳа, омӯзиши хонишро низ талаб менамояд.

Маълум аст, ки мазмун ва ҳадафи тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар шуур ва рафтори донишҷӯён равона шудааст. Албатта, зимни тарбияи ахлоқии донишҷӯён ба нуктаҳои гуногун таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Аз ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти педагогӣ дар ҷараёни таълим бо нуктаҳои зерин муайян карда мешавад: а) талаботи ҷомеаи мо ба мутахассисони дорои ғоя ва ахлоқи баланди соҳаи маориф; б) тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи замон ва арзишҳои умумиинсонӣ.

Маврид ба зикр аст, ки тайи солҳои охир ба сабаби барқарории робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ талабот ба донистани забони хориҷӣ, қабл аз ҳама, забони англисӣ рӯ ба афзудан дорад. Ошноии донишҷӯён бо ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодии кишваре, ки забонаш омӯхта мешавад, ба тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, такомули маънавӣ – ахлоқии шахсият мусоидат мекунад. Диплом дар бораи дараҷаи таҳсилот (таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ) то андозаи муайян дониши шахсро ифода менамояд, аммо наметавонад муайянкунандаи сатҳу сифатҳои ахлоқии хатмкунанда бошад. Аз ин ҷо вазифаи такмили низоми тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин, идоракунии тамоми маҷмуи тадбирҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва берун аз дарс ташаккул меёбанд. Тавре ки муҳаққиқи русиягӣ Л.М. Архангелский қайд намудааст, «Самаранокии тарбияи ахлоқӣ аз дурустии тамоми ҳалқаҳои бавуҷудоварандаи омилҳои объективӣ ва фазои иҷтимоии шахсият вобастагии мустақим дорад». [25, с. 22]

Дар ҷомеаи муосир, вақте ки ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ истиқлоли худро эълон карданд, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва

миёнаи касбии Тоҷикистон бомасъулияттарин вазифа – омода кардани мутахассисони баландихтисос, тарбияи онҳо, аз ҷумла, тарбияи ахлоқии онҳо қарор гирифтааст. Ин талабот, хусусан, барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии педагогӣ, ки, аслан, мутахассиони соҳаи маорифро тайёр мекунанд, махсусан муҳим ва зарур ба шумор меравад.

Қобили қайд аст, ки тарбияи ахлоқии донишҷӯён чун қисми таркибии мушкилоти таълиму тарбия баррасӣ гардида, ҳадафи ниҳоии он ташаккули шахси дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ мебошад. Дар ташаккули дарк ва эҳсоси ахлоқӣ дар замони муосир ҳамкории иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакати мо бо халқҳои кишварҳои хориҷӣ аҳамияти зиёд дорад. Муносибатҳои ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар давраи таҳсил ҷанбаи махсуси муносибатҳо дар соҳаи истеҳсолот ё фаъолияти илмиро шакл медиҳад. Маълум аст, ки: «Фаъолияти ҳаётии фард чи хеле ки бошад, худи ӯ низ ҳамин хел аст». [66, с. 19]

Роҳнамоиҳо ва дастурҳои ахлоқӣ, ки дар солҳои донишҷӯӣ ташаккул меёбанд, дар оянда дар соҳаи фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар намудҳои муоширати иҷтимоӣ бештар такмил меёбанд. Маҳз барои ҳамин таҳлили муоширати ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар ҳама мавридҳо аҳамияти калони амалӣ дорад.

Бозсозӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил баланд бардоштани шуурнокии одамон, махсусан, ҷавонон ва донишҷӯёнро талаб менамояд. Насли ҷавон бояд ғояҳои навро, ки таҷрибаи ҳаётӣ матраҳ менамояд, зуд аз худ кунад, аз ақидаҳои қолабӣ ва куҳнашуда даст кашад. Дар ин росто нақши калидӣ ба низоми таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тааллуқ дорад. Ташаккули симои иҷтимоӣ – ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар дарсҳои забони англисӣ сохтори мураккаб дорад, ки ба ақидаи мо, унсурҳои зерини муҳимро дарбар мегирад:

*Раванди таълимӣ-тарбиявӣ:* аз тарафи омӯзгорони забони хориҷӣ истифода бурдани имкониятҳои фанҳои таълимӣ аз нигоҳи таъсири иҷтимоӣ

– ахлоқии он ба донишҷӯён, интихоби матнҳои дорои мазмуни ахлоқӣ, суҳбатҳо доир ба анъана ва расму ойин, этикети кишваре, ки забонаш ҳадафи омӯзиш қарор дода шудааст, ҳамчунин, аз ҷониби донишҷӯён таҳия намудани корҳои хаттӣ дар шакли реферат ва гузоришҳо, истифодаи иттилооти гуногун аз манбаъҳои гуногуни васоити ахбори омма ва ғайра.

*Машғулияти беруназдарсӣ:* ташкили семинарҳои методологии омӯзгорони забонҳои хориҷӣ оид ба масоили ахлоқӣ; кори фарҳангӣ – оммавии созмонҳои донишҷӯён, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, намоиши филм ва созмондиҳии кори тарбиявӣ дар китобхонаи коллеҷҳо; таблиғи маводи зарурӣ бо забонҳои хориҷӣ дар байни донишҷӯён, баргузор намудани маҳфилҳои мавзуӣ ва шабҳои саволу ҷавоб аз ҷониби омӯзгорон; ташкили мулоқот бо адибон ва рассомон; амалисозии тадбирҳо доир ба омӯзиши фарҳанг ва санъат, арзишҳои маънавии кишвари забонаш омӯхташаванда дар гурӯҳҳои донишҷӯӣ ва ғайра.

*Кори мустақилона:* истифодаи маводи воситаҳои ахбори омма ва дарсҳои телевизионӣ ба забони англисӣ, нашрияҳои илмӣ, асарҳои беҳтарини адабии муаллифони хориҷӣ ба забони англисӣ бо мақсади тарбияи маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯён.

Дар тарбияи иҷтимоӣ – ахлоқӣ ҳар як фан ба забони хориҷӣ, ҳар як машғулият, ҳар як чорабинии ҷамъиятӣ нақши муҳим бозӣ мекунад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ донишҷӯён тақрибан 30 фанни таълими умумӣ ва махсусро меомӯзанд, ки барои аз худ кардани чунин ҳаҷми дониш на танҳо омӯзиш таҳти роҳбарии омӯзгор, балки худомӯзӣ, босабрӣ, боинтизомии ҳар як донишҷӯ зарур аст. Раванди омӯзиш беш аз пеш ба мустақилӣ такя мекунад, ки унсурҳои фаъолияти эҷодии мутахассиси ояндаро дарбар мегирад.

Тадриси тамоми фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва масъалаҳои таълиму тарбия бояд боҳамалоқамандии диалектикӣ дошта бошанд, то ин ки ба ҷаҳони маънавии донишҷӯ таъсири амиқ расонанд. Аз

омӯзгорони кафедраҳои фанҳои махсус талаб карда мешавад, ки онҳо ба асоси маводи фанни худ ба донишҷӯён барои муътақид намудани онҳо ба аҳамият ва зарурати донистани забони хориҷӣ, дарки моҳияти арзишҳои ахлоқӣ ва дар амал, инчунин, дар шуури одамон ҷо додани онҳо кумак расонанд.

Низоми тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд тавре роҳандозӣ шавад, ки он хусусияти мунтазамӣ гирад: яъне дар дарс, дар манзил ва ҳам истироҳати донишҷӯён ҷараён дошта бошад, то ин ки меъёрҳои ахлоқӣ зимни пешравии донишҷӯён аз рӯи зинаҳои таълим дар коллеҷҳо таҳким ёбанд.

Бинобар ин, тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ чун омили муассири рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар такмили муносибатҳои ҷамъиятӣ саҳм мегирад. Аз ин рӯ, ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳайати омӯзгорон ва созмонҳои ҷамъиятии он зарур аст, ки ба хотири ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён аз имконияҳои мавҷуда ба таври самаранок истифода баранд.

Такмили тарбияи ахлоқии донишҷӯён раванди мураккаби комплексӣ мебошад, ки самаранокии он аз саъю талоши тамоми омӯзгорон, аз ҷумла, муаллимони фанҳои забони хориҷӣ низ вобастагӣ дорад. Дар ин раванд ягонагии таълиму тарбия, яъне робитаи наздик бо донишҷӯён ва, инчунин, имкониятҳои воқеие, ки фанҳои забони хориҷӣ дар раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи онҳо доранд, нақши муҳим доранд.

Ин имкониятҳо, қабл аз ҳама, аз инҳо иборатанд:

-мавҷудияти имкониятҳои тарбиявӣ дар маводи мавзуии машғулиятҳои забонӣ (ҷамъиятӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ, кишваршиносӣ, педагогӣ, адабиёти бадеӣ, асарҳои тасвирӣ, мусиқӣ, театр, синамо ва ғайра);

-ҳаҷми зиёди вақти таълими ҷудошуда барои омӯзиши забони хориҷӣ;

-имконияти кори инфиродӣ бо гурӯҳҳои на чандон калони академӣ ва нисбатан зиёд будани машғулиятҳо дар давоми тамоми давраи омӯзиш;

-дар шавқу рағбати нисбатан зиёд ва устувори донишҷӯён ба аз худ кардани ихтисоси интихобкарда.

Самтҳои асосии такмили тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони англисӣ инҳоянд:

-ба донишҷӯён додани дониш ва ташаккули қобилияти касбӣ – методӣ дар онҳо, ки барои гузаронидани намудҳои алоҳидаи кори тарбиявӣ дар мактаб зарур аст;

-ташаккул ва дастгирии омодагии психологии донишҷӯён ба кор дар мактаб, ба иҷрои вазифаи тарбиявии муаллим;

-инкишофи шуури ахлоқӣ, эътиқод, омодагии донишҷӯён ба шароити гуногуни ҳаётӣ ва касбӣ;

-фароҳам овардани шароит барои худтарбиякунии мутахассисони оянда.

Омӯзгорони тамоми фанҳои соҳаи забон метавонанд ба андозаи зиёд ба ташаккули баъзе малакаҳо ва маҳорати «техникаи педагогӣ» дар донишҷӯён (тарзи худро нигоҳ доштан, ҳаракат кардан, ёфтани оҳанги дуруст ва истифодаи он дар муошират бо атрофиён вобаста аз вазъият ва ғайра) мусоидат намоянд. Асос барои ташаккули чунин малака ва қобилият рафтори худи омӯзгорон мебошад, ки бояд аҳамияти «техникаи педагогӣ» -ро таъкид намоянд, унсурҳои онро бо далелҳои мушаххас дар ҷараёни машғулиятҳо ва ҳангоми таҳлили дарси донишҷӯён баррасӣ намоянд. Дар машғулиятҳои амалии нутқи шифоҳӣ, ҳамчунин, суҳбат ё баҳс оид ба мавзуи дахлдор ва дар машғулиятҳои хониш таҳлили матни бадеӣ (ки шахси амалкунанда худи муаллим мебошад), аз зовияи «техникаи педагогӣ» (дар лаҳзаҳои муайян муаллим чи гуна сухан мегӯяд, чи тавр худро нигоҳ медорад, имову ишораи вай чи гуна аст ва ғайра) чунин имкониятҳо вуҷуд доранд.

Илова бар ин, забонҳои хориҷӣ то андозае дониш ва қобилияти мутахассисиояндаро ташаккул медиҳанд, то ин ки вай зимни фаъолияти корӣ дар истеҳсолот ё дигар шакли фаъолият тавассути забони хориҷӣ аз

навигариҳои соҳаи касби худ огаҳӣ пайдо кунад.

Яке аз воситаҳои ташаккули омодагии устувори равонии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, хусусан, соҳаи омӯзгорӣ ҳамчун муаллимони оянда ба машғулият дар мактаб ба таври муназзам дар зеҳни онҳо ҷой додани ҳамаи он чи ки бо мактаб, бо тарбияи бачагон, бо хусусиятҳои касби омӯзгор алоқамандӣ дорад, маҳсуб мешавад. Чунин таваҷҷуҳ метавонад дар шакли эрод ва шарҳи алоҳидаи омӯзгор, аксуламали вай ба нуқтаи назари муайяни донишҷӯ сурат гирад, ки баъзан ин метавонад як лаҳзаи машғулияти бахшида ба баррасии ягон масъалаи худ ба худ ба миён гузоштаи донишҷӯ ё муаллим бошад.

Дар амалияи тарбияи ахлоқӣ баъзан таваҷҷуҳ бештар ба таъсироти беруна ҷалб гардида, неруҳои ботинии ин раванд камтар омӯхта мешаванд. Зимнан, бозсозии шахсият маҳз дар заминаи дигаргуншавии таъсироти беруна ва муносибатҳои шахсӣ рӯй медиҳад ва аз устуворию самтгирии онҳо рушди мусбат ё манфии ахлоқии шахсият вобаста аст. Бинобар ин, таъсири беруна ва сарчашмаҳои дохилии рушди ахлоқӣ ҳамеша дар боҳамалоқамандии мураккаб қарор доранд.

Натиҷаҳои тарбияи ахлоқиро набояд аз таъсири беруна хориҷ кард ва ҷаҳони ботинии равонии шахсиятро набояд нодида гирифт. Ба муқобили чунин равиш дар замони худ равоншинос С.Л. Руйинштейн изҳори назар карда буд: – “Вақте аз чунин тасаввуроти содаи механикӣ бармеояд, ки гӯё таъсири педагогӣ бевосита дар кӯдак нуфуз мекунад, зарурати махсус кор кардан рӯйи рушд, рӯйи ташаккул аз байн меравад. Аммо кори педагогиро бояд тавре роҳандозӣ кард, ки омӯзиш на танҳо самараи маърифатӣ ва дониш диҳад, балки ба рушди шуурнокӣ низ мусоидат намояд. Дар натиҷа тарбия на танҳо ба такмили қоидаи рафтор, балки имкон дорад ба ташаккули хислат ва муносибати ботинии инсон низ таъсири амиқ расонад. Муносибати нодуруст ба ин проблема ва номукаммалии он дар педагогикаи мо яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар тарбияи насли наврас мебошад”. [84, с. 201]

Омӯзиши масъала собит месозад, ки дар шароити муосир барои дарки амиқи роҳу равиши тарбияи маънавию ахлоқӣ, рушди муносибати маҷмуӣ ва дар амал татбиқ намудани он зарурати воқеӣ ба миён омадааст. Давра ба давра марҳалаи нави рушди ҷомеа, ки бо тағйири тафаккури шахсият ва ташаккули арзишҳои маънавӣ алоқаманд аст, фаро мерасад. Тавре ки таҳлилҳо собит месозанд, рушди технологӣ боиси он гардидааст, ки таваҷҷуҳи одамон ба рушди маънавӣ ҷанбаҳои ахлоқии амалҳо коҳиш ёфтааст. Падидаҳои муҳимми ахлоқӣ аз қабили дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром нисбат ба дигарон, мутаассифона, аз мадди назар дур шуда истодаанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ҷомеаи имрӯза ба ташаккули шахсияти дорои тафаккури наву замонавӣ, ғановати маънавӣ, ахлоқи шоиста, ки на танҳо истеъмолгар, балки эҷодкору офаранда низ бошад, ниёзи бештар дорад.

Мушкилоти мубрами таҳсилоти муосир ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши ҳамкории педагогӣ барои дар хонандагон тарбия намудани низоми арзишҳое мебошад, ки фарҳанги умумӣ ва ахлоқии шахсиятро инъикос мекунанд. Муҳаққиқ Л.П.Маслюк бамаврид қайд менамояд, ки: – "Тазоди байни хоҳиши хонандагон барои мустақилона инкишоф додани ҷаҳонбинии худ ва набудани шароити кофӣ ва зарурии психологию педагогӣ барои ошкор намудан ва инкишоф додани эҳтиёҷот, саъю кӯшиш, ангезаҳо ва тамоюли арзишҳои онҳо шадидтар шудааст". [143]

Имрӯз дар назди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои хеле муҳим – баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ба таври бунёдӣ беҳтар кардани тарбияи ахлоқӣ, мунтазам дар донишҷӯён ташаккул додани малакаи ҳимоя кардан аз арзишҳо ва эътиқоди ахлоқии худ ва ғ. қарор доранд. Дар ин замина, ҳар як фан дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар ҳалли вазифаҳои наздаш гузошташуда нақши муайяне бозӣ мекунад, ки дар ин раванд забони хориҷӣ низ дар канор нест.

Ҳаллу фасли вазифаҳои амалӣ дар ягонагӣ бо вазифаҳои тарбиявӣ ва

таълимӣ барои методикаи таълими забонҳои хориҷӣ хос аст, ки дар он, ҳамзамон, бо аз худ кардани забони мушаххас ва баланд бардоштани саводи лингвистии зарурӣ барои ҳар як шахси бофарҳанг, ҳамчунин, ошноии амиқтар бо арзишҳои фарҳангии кишварҳои Аврупои ғарбӣ ва дастовардҳои онҳо дар соҳаҳои гуногуни илму техника, инкишофи малакаи истифодаи адабиётӣ иттилоотӣ, тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, меҳнатдӯстӣ ва ташаккули қобилияти кори мустақилона бо китобро низ пешбинӣ менамояд.

Тасаввуроти мо дар бораи аҳамияти забони хориҷӣ дар ташаккули шахсияти донишҷӯ дар солҳои охир вобаста ба инкишофи психолингвистика, назарияи нутқ ва назарияи муошират хеле ғанӣ гардид. Имрӯз омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зовияи фаъолияти иртиботӣ ва доштани қобилияти муошират баррасӣ карда мешавад. Ин қобилият асоси созмондиҳии истеҳсолот, афкори ҷамъиятӣ, соҳаҳои идоракунӣ ва хизматрасонӣ, тамоми намудҳои омӯзиш, муносибатҳои оилавӣ, санъат ва варзишро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, барои он ки донишҷӯёни муосир иштирокчии фаъол ва комилҳуқуқи раванди фарҳанги ҷаҳонӣ бошанд, онҳо бояд ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, ки инсоният дар тӯли садсолаҳо ҷамъ овардааст, рӯ биёранд ва онро омӯзанд. Як фард ва ё як миллати том, ки ба фазои фарҳанги умумибашарӣ ворид мешавад, бояд воситаҳои гуногуни иртиботи байнифарҳангиро аз худ намояд. Аз ин нуқтаи назар, барои иштирокчии ин раванд будан, донистани ақаллан як забони хориҷӣ нақши муҳим мебозад. Тавре ки муҳаққиқи россиягӣ Е.С.Добринская [141] менависад, забон махзани фарҳанги ҷомеа буда, тамоми таҷрибаи маърифатии одамон, идеалҳои маънавӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, бадеӣ, эстетикӣ ва тарбиявии онҳоро дар бар мегирад. Раванди таълими забонҳои хориҷӣ дорои неруи беназири педагогии тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва касбӣ мебошад. Бо итминони комил метавон гуфт, ки омӯзиши забони хориҷӣ барои такмили

фарҳанги маънавию ахлоқӣ, ташаккули тафаккури мантиқӣ, таҳкими хотира ва баланд гардидани фарҳанги умумӣ мусоидат менамояд.

## 1.2. Тафаккури ахлоқӣ ва сифатҳои шахсии донишҷӯй ҳамчун объекти ҷараёни таълиму тарбия

Фаъолияти омӯзгор ба мақсади тарбияи ахлоқии донишҷӯён бе муносибати илмӣ – тадқиқотӣ ба раванди таълиму тарбия, бе истифодаи адабиёти илмӣ бо ҳадафи баланд бардоштани омодагии касбӣ ва бе таҳлили мунтазами кори худ ва фаъолияти ҳамкорон имконнопазир хоҳад буд. Ин ҷузъи тадқиқотии фаъолияти педагогӣ маҳсуб шуда, маҳз тавасути мавҷудияти равобити диалектикии байни омӯзгор ва донишҷӯй сурат мегирад. Зимни омӯзиши масъала баъзе усулҳое ба назар гирифта мешаванд, ки шавқу рағбати донишҷӯёнро ба фанни таълимӣ бедор намуда, равандҳои маърифатӣ, монанди таваҷҷуҳ, хотира, тафаккурро инкишоф медиҳанд, ҳисси вазифаю масъулиятшиносиро бедор менамоянд. Дар ин зербоб масъалаи рушди тафаккури ахлоқии донишҷӯй дар асоси сифатҳои шахсии ӯ ҳамчун субъект ва объекти ҷараёни таълиму тарбия, инчунин, муносибати диалектикии омӯзгору донишҷӯй дар ин раванд мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки камолоти касбӣ ва маънавию ахлоқии шахс бо сатҳи таҳсилоти ӯ робитаи мустақим доранд. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз омилҳои муҳимме маҳсуб мешаванд, ки дар ташаккули маънавӣ ва касбии шахс нақши муайянкунанда доранд. Амалияи зиндагӣ низ собит месозад, ки рушд ва пешрафти фарди алоҳида ва кулли ҷомеа аз сифати таҳсилот ва дараҷаи касбияти мавҷуда вобастагии қавӣ дорад. Дар алоқамандӣ бо ин қонуният метавон гуфт, ки педагогикаи муосир низ принсипҳои худро тағйир медиҳад ва бо ин равандҳо мутобиқ месозад.

Шароити имрӯза тақозо мекунад, ки фаъолияти яктарафаи дар

педагогикаи авторитарӣ мавҷудбуда ба шакли нави он – фаъолияти муштараки омӯзгор ва донишҷӯ иваз карда шавад. Нишонаҳои асосии ин шакли фаъолиятро дастгирию боварӣ, муносибату ҳамдигарфаҳмӣ ва ғайра ташкил намуда, дар ин маврид, қабл аз ҳама, муносибати башардӯстонаи байни омӯзгор ва шогирд мавқеи муҳим пайдо мекунад. Бинобар ин, эътирофи шахсияти хонанда дар ин раванд чун арзиши олии иҷтимоӣ ҷилвагар шуда, моҳияти гуманизатсияи таълимро инъикос мекунад.

Тавре ки А.С.Макаренко таъкид карда буд, моҳияти ҳамкории педагогӣ таъсири мутақобилаи субъектҳои ин раванд ба ҳамдигар буда, робитаи бевосита онҳоро ба вуҷуд меорад.[63, с. 361] Дар ин маврид донишҷӯй танҳо объекти омӯзиш баҳри иҷрои талабот ё муқаррароти муайян маҳсуб нашуда, балки чун субъекти раванди таълим низ эътироф мешавад. Ҳолати мавҷуда имкон медиҳад, ки сатҳи маърифат ва касбияти донишҷӯ тағйир ёфта, худи ӯ низ чун шахсият тағйир ёфта, объекти омӯзиш қарор мегирад.

Хусусияти хосси муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз он иборат аст, ки ҳайати донишҷӯёни он ҳар сол нав карда мешавад. Аз рӯзҳои аввали таҳсил ҷавонписарон ва духтарон барои мутахассиси соҳаи муайян шудан ва дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ фаъолият намудан омода карда мешаванд. Самаранокии чунин таълим, қабл аз ҳама, ба раванди мутобиқшавии муваффақонаи ҷавон ба мақоми нави донишҷӯӣ ва низоми нави фаъолияти таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ вобаста аст. Бояд зикр намуд, ки бедор намудани ҳавасмандии ҷавони акнун ба муассисаи таҳсилоти касбӣ дохилшуда ба гирифтани донишу малака ва маҳорати касбӣ, ки аз интизориҳои ӯ ба ҳисоб меравад, хеле муҳим мебошад.

Тавре ки медонем, синни донишҷӯӣ давраи рушд ва таҳкими ҷисмонии шахсият аст. Ҷисми ҷавон дорои қобилияти назарраси иҷроиш, сатҳи баланди фаъолияти функсионалӣ ва устуворӣ мебошад. Ҳамчунин, ин синну сол барои ташаккули бисёр вазифаҳои равонӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии

инсон мусоидтар аст. Зеро ки маҳз дар солҳои донишҷӯӣ хусусиятҳо ва ҷаҳонбинии ҷавонон ташаккул меёбанд.

Тавре ки маълум аст, таҳсил дар мактаби миёна ва таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо тафовути синнусолӣ ва ғоявӣ дар ҳаёти ҷавонон нақши гуногун мегузоранд. Ин тафовут ҷанбаҳои равонию иҷтимоӣ дошта, рушди ҷисмонию зеҳнӣ аз як тараф ва маҳдудиятҳои замонию гуногунии имкониятҳои молиявӣ аз тарафи дигар, барои амалӣ гардидани орзу ва ниятҳои онҳо метавонанд таъсиргузор бошанд. Бар хилофи мактаббачагон шавқу ҳаваси донишҷӯён ба доираи касбиояндаи худ мегузарад. Мустақилияти фаъолият дар синни донишҷӯӣ хусусияти амалӣ мегирад. Ин ба зиндагӣ дар хобгоҳ, тақсими буҷаи худ ва истифодаи оқилонаи вақти холӣ алоқаманд аст. Таҳсил, зиндагии рӯзмарра ва фароғати донишҷӯён бештар аз доираи иҷтимоии онҳо, яъне гурӯҳҳои донишҷӯён вобаста аст. Мушкилот, самтҳои арзишӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва роҳбарони ғайрирасмӣ ба самаранокии тамоми низоми кори таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти касбӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Дар ҷараёни дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷавонон ба мушкилоти мухталиф аз қабили – дидактикӣ, иҷтимоӣ-равонӣ ва касбӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Бояд гуфт, ки ҳар кадом аз ин мушкилот вижагиҳои худро дошта, дар зиндагӣ ва фаъолияти донишҷӯй нақши худро доранд. Масалан, мушкилоти *дидактикӣ* – ба навгониҳо ва усулҳои раванди таҳсил, *иҷтимоӣ-психологӣ* – ба ворид шудани шахс ба муҳити нав – шароити зиндагӣ, меъёрҳои рафтор, муносибатҳои мухталиф дар ҷойи таҳсил, *касбӣ – ба* надоштани қобилият ва малакаи самтгирии касбӣ ва ғайраҳо, инчунин, хусусиятҳои ҳаёти мустақилона, идора кардани буҷети худ ва бартараф намудани душвориҳои эхтимолии молиявӣ ва ғайра иртибот доранд. Донишҷӯён дар давраи муайян ин душвориҳоро паси сар намуда, тадриҷан ба шароити нав мутобиқ мешаванд ва ҷидду ҷаҳди худро ба самти гирифтани дониш равона месозанд.

Бартараф гардидани ин душвориҳо ба раванди дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ё олии касбӣ мавҷудбуда иртибот дошта, ба мутобиқшавӣ, яъне ба шароити муассисаи таҳсилоти касбӣ муносибати фаъолона ва эҷодкорона пайдо намудани донишҷӯёни нав, ки дар раванди он маҳорату малакаи шахсии роҳандозии оқилонаи фаъолияти фикрӣ ташаккул ёфта, инчунин, барои ворид шудан ба касби интихобшуда, омӯзиш ва тарбияи касбӣ мусоидат мекунад.

Тибқи тадқиқотҳои олимони соҳаи педагогика ва психология [79, 133, 118, 130, 112] раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба ҳаёти муассисаи таҳсилоти касбӣ се марҳиларо дар бар мегирад: 1) аксуламали равонӣ ба шароитҳои нави донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти касбӣ давомнокии гуногун дорад, вале одатан дар миёнаҳои нимсолаи якум ба охир мерасад; 2) таҷдиди механизмҳои мутобиқшавӣ, қолабҳои динамикӣ, равандҳои равониро дар бар мегирад ва тақрибан дар миёнаи нимсолаи дуюм анҷом меёбад; 3) давраи мутобиқшавии устувор, ки ташаккули қолабҳои динамикӣ ва реаксияҳои мутобиқшавӣ ба охир мерасад. Бояд гуфт, ки то охири соли якуми таҳсил тақрибан дар 70 фоизи донишҷӯён ин раванд ба охир мерасад.

Муассисаи таҳсилоти касбиро зарур аст, ки барои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва раванди таҳсил шароити мусоид фароҳам оварад. Ин ҷо, қабл аз ҳама, сухан дар бораи ёрии тахассусӣ дар ташкил ва ба нақша гирифтани кори мустақилонаи таълимӣ, яъне муҷаҳҳаз намудани донишҷӯёни курси якум бо дониш дар бораи фарҳанги инноватсионии кори таълимӣ ва аз худ намудани технологияҳои муосири таълимӣ, шиносонидани онҳо бо хусусиятҳои методологияи кори мустақилонаи ҳар як фанни илмӣ, таҳкими фаъолияти равонии талабагон дар рафти дарс, инчунин, таъмини робитаи байни омӯзгорон ва донишҷӯён меравад.

Хусусияти хосси давраи наврасӣ майл доштан ба мустақилият мебошад, ки он ба таъмини рушд ва тарбияи худи шахс мусоидат менамояд.

Дар давраи охири наврасӣ бошад, идеали ахлоқию равонии шахс ташаккул меёбад, ки он раванди таълим ва рафтори шахсро танзим мекунад. Тавре ки тадқиқотҳо нишон медиҳанд, танҳо як қисми ками донишҷӯёни соли аввал дар бораи идеал тасаввуроти равшан доранд ва барои такмили худ мутобиқи ин идеал (улгу) кӯшиш менамоянд. Аксари донишҷӯён дар бораи идеали худ фикр накардаанд ва дар бораи он тасаввуроти мушаххас надоранд. Натиҷаи мусоҳибаи мо бо донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ собит намуд, ки 39,6% дар бораи идели худ тасаввуорти аниқ надоранд ва ба саволи **анкета "Дар муассисаи таълимӣ рафтори кӣ бештар барои Шумо писанд аст ?"** ҷавоби аниқ дода натавонистанд.




***Диаграммаи 1.* Дар муассисаи таълимӣ рафтори кӣ бештар барои Шумо писанд аст?**

Тавре ки натиҷаи мусоҳиба (Диаграммаи 1) собит менамояд, аз шахсиятҳои маъруфи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки мавриди таҳқиқи мо қарор гирифтанд (Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи

энергетикии ноҳияи Ҷ.Балхӣ), зимни пурсиш бо фарогирии 350 нафар донишҷӯй теъдоди хеле ками онҳо шахсиятҳои дар анкета зикргардидаро барои худ чун намуна ё улгу эътироф намуданд. Масалан, аз теъдоди умумии мусоҳибон дар шахсияти директори коллеҷ – 8%, декани факултет – 12,4%, омӯзгор – 18% ва куратори гурӯҳ – 22% ашхоси дар зиндагӣ барои худ намуна ё улгуро мебинанд.

Таҷриба ва мушоҳидаҳо собит месозанд, ки дар раванди таҳсил аз масъулону омӯзгорони коллеҷҳо шахси барои донишҷӯй нисбатан наздик ва дастрас сарпарасти гурӯҳ (куратор) маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, натиҷаи пурсиш низ инро собит намуд, ки сарпарасти гурӯҳ нисбат ба дигар ашхоси иштирокчии раванди таълиму тарбия дар коллеҷ барои донишҷӯён шахси наздик ва эътимоднок ба ҳисоб меравад ва нисбат ба онҳо муҳаббат дошта, сипосгузор мебошанд.

Қобили қайд аст, ки ба одамони ин синну сол ҳисси муҳаббат хос буда, он ба тамоми ҳаёт ва фаъолияти онҳо дахл мекунад. Шавқу ҳавас инсонро асил, орзупарвар, ҳассостар гардонда, ба худшиносӣ ташвиқ мекунад. Дар ин давра як қисми муайяни ҷавонон оила бунёд мекунанд, ки боиси ба миён омадани мушкилоти гуногуни рӯзмарра мегардад. Аммо кори ҳаррӯзаи ин гуна донишҷӯён бештар мақсаднок ва оқилона гардида, майлу талоши онҳо баҳри ташаккули шахсият ва ҳам касбияти худашон мусоидат менамояд.

Тафовут дар низоми арзишҳои хонандагон ва дараҷаи камолоти шахсии онҳо вобаста ба муваффақият дар таълим дар типологияҳои гуногуни донишҷӯён, ки асоси онҳоро муносибат ба касб, таҳсил, инчунин, низоми арзишҳои ҳаётӣ ва дигар муқаррарот ташкил медиҳанд, инъикос меёбад.

Тибқи тадқиқотҳои мавҷуда, бо назардошти муносибат ба таҳсил, донишҷӯён ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1.Донишҷӯёни ҷиддӣ, ки сарфи назар аз соҳаи дониш барои маълумот пайдо намудан ба ҳама чизи нав кӯшиш мекунанд. Онҳо ҳамаи фанҳои дар барномаи таълим пешбинишударо бомуваффақият меомӯзанд, дар маҳфилҳо,

чорабиниҳои таълимӣ иштирок намуда, адабиёти бадеӣ ва илмӣ-оммавиро мутолиа менамоянд, барномаҳои телевизиониро тамошо мекунанд, ба музейҳо, театрҳо, выставкаҳо ва ғайра мераванд, инчунин, дар ҳаёти ҷамъиятии муассисаи таълимии касбӣ ва берун аз ҳудуди он фаъолона ширкат меварзанд.

2.Донишҷӯёне, ки ба як соҳаи дониш тавaҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ин самт дониши амиқ ва мутолиаи зиёд доранд, хабарҳои навтаринро пайгирӣ мекунанд ва дар баробари ин, зарурати аз худ кардани фанҳои дигар, инчунин, тамоми фанҳоеро, ки дар барномаи таълимӣ пешбинӣ шудаанд, дарк мекунанд.

3.Донишҷӯёне, ки ба як фанни муайян авлавият дода, доир ба ин фан дониши амиқ ва мукаммал ҳосил намуда, ба фанҳои дигар беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Онҳо аксар вақт донишҷӯёни миёна ва, ҳатто, ақибмонда маҳсуб мешаванд. Аз ин рӯ, маҳз ҳамин қабил донишҷӯён ба омӯзиш ва тарбияи иловагӣ ниёз доранд.

Муҳаққиқи маъруфи рус, профессори Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург В.Т.Лисовский бо назардошти муносибат ба касби интихобкарда, донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст: [113, с.39-48]

1.«*Мутаносиб*». Донишҷӯе, ки ихтисоси худро бошуурона интихоб намуда, софдилона мехонад, дар чорабиниҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунад. Ором, ботарбия ва хушмуомила буда, ба адабиёт, рассомӣ, варзиш мароқ зоҳир мекунад. Дар коллектив ҳамчун рафиқи боэътимод обрӯю эътибор дошта, ҳамеша тайёр аст ба дигарон ёрӣ расонад ва ин корро бо завқи бепоён ба анҷом медиҳад.

2. «Мутахассис» (профессионал). Донишҷӯе, ки мувофиқи хости худ ихтисос интихоб намуда, дар хониш босубот аст. Вале ӯ ба кори илмӣ шавқу ҳавас зоҳир намекунад. Дар ҳамаи машғулиятҳои донишҷӯён фаъолона иштирок карда, супоришҳоро софдилона ба ҷо меорад. Коллектив ӯро хурмат

мекунад, вале медонанд, ки барои ӯ чизи асосӣ бомуваффақият омӯхтан аст ва ба хотири “сайру гашт” аз баҳри дарс намегузарад.

3. «Фаъоли ҷамъиятӣ». Ба ин қабил донишҷӯй майлу рағбати бештар ба фаъолияти ҷамъиятӣ хос мебошад, ки ин, албатта, ба фаъолияти таълимӣ ва илмӣ таъсири манфӣ мерасонад. Касбро низ дуруст интихоб намудааст. Ба адабиёт ва санъат шавқманд буда, дар соҳаи истироҳату фароғат ташкилотчии моҳир аст. Фаъолияти мустақилонааш маҳдуд буда, бештар аз издиҳом пайравӣ мекунад, аммо дар он нақши назаррас надорад.

4.«Иҷрокунанда». Ихтисосро комилан бошуурона интихоб намуда, софдилона мехонад, саъю кӯшиши зиёд сарф мекунад, вале қобилияти махсус надорад. Камгап буда, ба санъат шавқ надорад, вале ба кино, консертҳои эстрадӣ ва дискотека рафтанро дӯст медорад ва ба хотири чунин амалҳо омода аст, ки аз баҳри лексия гузарад.

5. «Миёнаҳол». Донишҷӯе, ки ба хондан муносибати бетафовут дошта, барои омӯзиш кӯшишу ғайрат надорад ва аз он ифтихор ҳам дорад. Шарти ӯ: «Диплом мегираму аз дигарон беҳтар кор мекунам». Касбро таваккалӣ интихоб намудааст, вале чунин андеша дорад, ки “модоме, ки дохил шудӣ, бояд хатм кунӣ”. Кӯшиш мекунад, ки хуб хонад, аммо аз он лаззат намебарад. Дарсгурезиро дӯст медорад.

6.«Ноумед». Донишҷӯ қобилият дорад, аммо ба ихтисоси интихобкарда майлу рағбат надорад. Бо вуҷуди ин, ӯ медонад, ки мактабро бояд хатм кунад. Хоҳиши ба дарсҳо иштирок кардан надорад. Кӯшиш мекунад, ки худро дар маҳфилҳо, соҳаи санъат ва варзиш нишон диҳад.

7. «Танбал». Донишҷӯе, ки суст мехонад ва ягон саъю кӯшиш нишон намедиҳад. Аз чунин рафтор худаш қаноатманд аст. Вай дар бораи касби интихобнамудааш ҷиддӣ фикр намекунад, дар тадқиқоти илмӣ ва кори ҷамъиятӣ низ иштирок намекунад. Хамкурсонаш ба ӯ мисли «сарбории зиёдатӣ» муносибат мекунанд.

Фаъолияти омӯзгор ба мақсади тарбияи ахлоқии донишҷӯён бе муносибати илмӣ-тадқиқотӣ ба раванди таълиму тарбия, бе истифодаи адабиёти илмӣ ба ҳадафи баланд бардоштани омодагии касбӣ ва бе таҳлили мунтазами кори худ ва фаъолияти ҳамкорон имконнопазир хоҳад буд. Маврид ба зикр аст, ки ин ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи фаъолияти педагогӣ мебошад. Бинобар ин, дар раванди таълим ҳар як донишҷӯй бо хислату рафтору хулқу атвори худ омӯзгорро водор менамояд, ки донишу малакаи худро мунтазам такмил диҳад, роҳу равиш ва усулҳои нави таълиму тарбияро ҷустуҷӯ карда, мавриди истифода қарор диҳад.

Тайи даҳсолаи охир таваҷҷуҳи илмӣ ба проблемаҳои омодагии касбӣ ва тарбияи ҷавонони донишҷӯ хеле афзудааст. Бинобар ин, афзалият дар тадқиқи доираи васеи проблемаҳои ҷавонони донишҷӯ ба ҷомеашиносӣ тааллуқ дорад. Ҳоло гурӯҳҳои тадқиқотӣ оид ба проблемаҳои ҷавонон дар марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳслоти олии фаъолият мекунанд. Онҳо маводи зиёди таҷрибавӣ андӯхта, проблемаҳои вобаста ба мақом, вазифа, таркиб, хусусиятҳои иҷтимоӣ – равонӣ, тарзи зиндагии донишҷӯёни муосирро аз нигоҳи назариявӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор медиҳанд.

Тайи ин солҳо адабиёти зиёд оид ба масъалаҳои омодагии касбӣ ва тарбияи донишҷӯён ба вуҷуд омад, ки дар он масоили банақшагирӣ ва идоракунии раванди тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ҳамчунин, муносибати комплекӣ ба ин проблема ҷойи махсусро ишғол мекунад.

Дар солҳои охир, махсусан, баъд аз солҳои 2000-ум дар соҳаҳои этика, педагогика, психология бахшида ба тарбияи ахлоқӣ тадқиқоти ҷиддӣ анҷом гирифтанд. Ва дар байни онҳо тадқиқотҳои зиёде ҳастанд, ки ба тарбияи ахлоқии шахсият, идоракунии тарбияи ахлоқӣ дар коллективи меҳнатӣ, ҳамчунин тарбияи ахлоқии мактаббачагон дахл доранд. Тавре ки муҳаққиқ В.Г. Иванов барҳақ қайд мекунад, дар ин соҳа «амалия аз назария пеш гузаштааст». [43, с. 12]

Бояд ёдовар шуд, ки дар шароити кунунӣ бе омӯзиши ҳамаҷонибаи донишҷӯйи муосир чун объекти тарбияи ахлоқӣ рушди назарияи тарбияи ахлоқӣ ва такмили минбаъдаи он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ имконнопазир хоҳад буд. Зеро ки субъекти асосии низоми Болон, қабл аз ҳама, донишҷӯ маҳсуб мешавад. Донишҷӯ дар низоми Болон мақоми хосса дошта, имкон дорад ба раванди таълим таъсири муҳим расонад. Ҳамчунин, дар баёнияи Прага низ (2001) донишҷӯён чун "аъзои комили ҷомеаи таҳсилотӣ" эътироф шудаанд. Аз ин рӯ, итминон ҳосил кардан мумкин аст, ки маҳз таъсири омӯзгори муассисаи таҳсилоти касбӣ метавонад мавқеи ӯро дар назди донишҷӯй муайян кунад.

Тавре ки маълум аст, синну соли донишҷӯ дар давраи таҳсил ба давраи ҷавонӣ мансуб буда, марҳилаи гузариш ба «камолоти мустақил»-ро ифода мекунад, ки ин аз як тараф, расидан ба камолоти ҷисмонӣ, аз ҷумла ҷинсӣ ва аз ҷониби дигар, расидан ба камолоти иҷтимоиро дар назар дорад. [65, с.269]

Дар ин давра (яъне, синни 18-20-солагӣ) ҳиссиёти ахлоқию эстетикии донишҷӯй ташаккул ёфта, характери ӯ устувор мегардад. Воқеан, ин давраи фаъолтарини инкишоф ва азхудкунии унсурҳои иҷтимоии шахси бавоярасида, аз ҷумла, хусусиятҳои шаҳрвандӣ, касбию меҳнатӣ ва тарбиявӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Дар тадқиқотҳое, ки аз ҷониби Р.М.Грановская доир ба омӯзиши шахсияти донишҷӯй анҷом дода шудаанд, номутаносибӣ дар ҷаҳони ботинӣ, мушкилоти муайян намудани асолати худ, ба воя расидани шахсияти маъруф ва дорои фарҳанги баланд нишон нишон дода шудаанд. [36, с. 73]

Бояд гуфт, ки таҳаввулот дар инкишофи зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, инчунин, пайравии кӯркӯрона ва дарк накардани оқибатҳои чунин пешравӣ чун роҳи сабук ва безаҳмати амалишавии ормонҳо ва нақшаҳои оянда ҷилвагар мешавад.

Р.М.Грановская хусусияти пешгӯинашавандагии амалҳои ҷавонро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд мекунад ки, 19-20- солагӣ давраи

фидокориҳои беғаразона ва комил, ҳамчунин, зуҳуроти манфӣ низ мебошад. [36, с. 84] Вобаста ба ин, арзёбии дақиқи “ман”-и идеалӣ ва воқеӣ, ки имкон дорад дар хонанда ҳисси нобоварӣ ва шубҳаи ботиниро ба вуҷуд биёрад, вуҷуд надорад.

Қобили қайд аст, ки донишҷӯён, баҳри дастрасӣ ва азхудкунии иттилоот, ки мунтазам дар ҷараён ва навшавӣ мебошад, талош варзанд, зеро ки мутахассиси ҷавон бидуни дониши муосир ва иттилооти нав наметавонад дар бозори мутахассисон мавқеи мувофиқ пайдо кунад. Бинобар ин, ҷавононро зарур аст, ки ҷиҳати рушди тафаккур, таҳкими диққат ва хотира, ки зимни фаъолияти касбии ӯ дар оянда мақоми муҳим доранд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Тавре ки маълум аст, эҷодкорӣ ва рушди фаъолияти зеҳнии донишҷӯён бо шаклҳои шуғл алоқамандӣ дошта, чунин алоқамандӣ имкон медиҳад, ки ҳадафу вазифаҳои нав ба миён гузошта шаванд. Дар натиҷа ҳамбастагии шахсияти донишҷӯй ва фаъолияти таълимию маърифатӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид аз усулҳое истифода бурдан лозим аст, ки на танҳо майлу рағбати донишҷӯёнро нисбат ба фан ташаккул диҳад, балки ҳисси вазифаю масъулиятро низ инкишоф диҳад.

Донишҷӯён дар раванди таълим бояд чунин хулосаеро ҳосил намоянд, ки ташаккули сифатҳои диққат, хотира, тафаккур ба онҳо имкон диҳад иттилооти мунтазам навшавандаро мустақилона аз худ намоянд, чунин қобилият ва малакаҳоеро инкишоф диҳанд, ки пас аз хатми таҳсил ҳам барои қафо намондан аз прогресси босуръати илму техника мусоидат намоянд. Ҳамчунин, ташаккули чунин хислатҳо, монанди мақсаднокӣ, масъулиятшиносӣ, суботкорӣ, фаъолнокӣ ва ғ. барои ба узви арзандаи ҷамъият табдил ёфтани онҳо кумак хоҳанд расонд.

Лекин танҳо бо чунин андешаҳо маҳдуд шудан лозим нест. Агар муаллими фориғбол ва бемасъулият моҳияти ченакҳо ва меъёрҳои ахлоқиро, ҳатто, хеле моҳирона баён кунад, дар бораи муносибати софдилона ба меҳнат

ҳарф занад ҳам, метавонад дар байни донишҷӯён шакку шубҳа, аз байн рафтани эътиқод ба маънои суханони олиро ба вуҷуд оварда, ба фаъолнокии ҷамъиятии онҳо халал ворид кунад. Маҳз дар ин хусус хонандагон кори омӯзгорони худро таҳлил намуда, хулосаҳои худро менависанд. Аз ин рӯ, ҳангоми машғулиятҳо, лексияҳо, семинарҳо ё машғулиятҳои амалӣ робитаи психологӣ бо донишҷӯёнро нигоҳ доштан зарур аст.

Агар дар раванди таҳсил дилгирӣ, нороҳатӣ ва маҷбурӣ пайваста эҳсос карда шавад, пас бо итминони комил метавон гуфт, ки ҳеҷ кас бо майлу хоҳиши том ба ин амал машғул намешавад. Ҳол он ки таҳсил дар ҳама синну сол метавонад бо шавқу ҳавас ва ҳаловати махсус идома ёбад. [36, с. 59]

Ташаккули донишҷӯ ҳамчун шахс, ҳамчун субъекти фаъолият вазифаи муҳимтарини ҳар як низоми маориф буда, таҳсилотро ҷузъи асосии он донистан мумкин аст. [17, с. 82] Дар ҷараёни таҳсил ба донишҷӯён додани на танҳо дониш дар бораи асосҳои илм, балки инкишоф додани сатҳи шуурнокӣ ва тафаккури мантиқии онҳо бояд ҳадафи асосӣ бошад. Ҳар як усули таълим бояд на танҳо таъсири омӯзишӣ, балки ҳавасмандкунанда низ дошта бошад. Он гоҳ инкишофи зеҳнӣ, доираи дарку эҳсосот, эътимод ба худ, муносибати мусбӣ ба воқеияти атроф, мустақилият таъмин хоҳад гашт.

Бинбобар ин, метавон гуфт, ки дар шароити имрӯза бидуни омӯзиш ва таҳқиқи донишҷӯй чун объекти тарбияи ахлоқӣ рушди назарияи тарбияи ахлоқӣ ва такмили минбаъдаи он дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ғайриимкон аст.

Вазифаи ба вуҷуд овардани намунаи идеалии низоми сифатҳои ахлоқиро ҳанӯз дар замони худ А.С.Макаренко ба таври равшан матраҳ намуда буд. Вай зимни тавсифи намунаи идеалии тарбия огоҳ намуда буд, ки ӯро барои пойбандӣ ба стандартҳои педагогӣ маломат хоҳанд кард: «…Барои ман ин савол вуҷуд надорад, ки оё тарбиягири ман аз ин ҷо чун шахси ҷасур мебарояд, ё ман бояд тарсончакро тарбия намоям. Ин ҷо ман риояи стандартро ҷоиз медонам». [60, с. 181]

Аз нигоҳи назарияи тарбияи ахлоқӣ барои аниқ кардан ва мушаххас сохтани ҳадафҳои тарбияи ахлоқӣ, қабл аз ҳама, ба вуҷуд овардани намунаи сифати ахлоқӣ зарур аст. А.С. Макаренко навиштааст: «Таҳти ҳадафи тарбия ман хислати инсониро мебинам ва зимнан, дар мафҳуми хислат ман тамоми мазмуни шахсият, яъне ҳам хислати зоҳирӣ, ҳам эътиқоди ботинӣ, ҳам тарбияи сиёсӣ, ҳам дониш ва, умуман, тамоми манзараи шахсияти инсониро дохил мекунам». [63, с. 73]

Хислати инсон дар фаҳмиши ҳамаҷонибаи он зоҳиршавии шахсияти вай, одат, сифатҳои ахлоқӣ, яъне тамоми хусусиятҳои фардии вай дар ягонагӣ зоҳир мешавад. А.Ф. Шишкин навиштааст: «Бо вуҷуди гуногуннавъии хислатҳои инсонӣ, дар хислати шахс омили асосӣ маҳз сифатҳои ахлоқии вай мебошад». [103, с. 161]

Тамоми хусусиятҳои хислати дорои мазмуни муайяни ахлоқӣ дар айни замон сифатҳои ахлоқии шахсият низ мебошанд. Тасодуфӣ набуд, ки В.А. Сухомлинский бо ишора ба тарбияи гражданӣ гуфта буд: «Ин асос, меҳвари тамоми кори тарбиявӣ мебошад. Сухан дар бораи ташаккули эътиқоди мустаҳками шаҳрвандӣ меравад…». [87, с. 78]

Маврид ба зикр аст, ки инъикоси дурусти ҳадафу вазифаҳо ҷиҳати тарбияи самараноки ахлоқӣ заминаи муносиб муҳайё месозад. Вале, амалисозии он бошад, аз омилҳои гуногуни раванди тарбия – маҷмуи шароитҳо, усул ва методҳо, шаклҳо ва равишҳои таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори донишҷӯй вобастагӣ дорад.

Муҳаққиқи россиягӣ Г.И. Шукина чунин мешуморад, ки методи тарбия чун тарзи тарбияи мақсадноки педагогӣ ба шууру рафтори тарбиягирандагон муайян гардида, мафҳуми метод ва дарк нишондиҳандаи муҳимми тағйири воқеият аз ҷониби онҳо мебошад. [76, с. 32]

Вақте ки сухан дар бораи омилҳои берунии таъсиррасонӣ ба шахсияти донишҷӯ меравад, итминони комил ҳосил мешавад, ки иҷрои вазифаи тарбияи ахлоқӣ бе худтарбиякунӣ ғайриимкон мебошад. Барои ҳамин,

ҳангоми баррасии масъалаи ташаккули сифатҳои ахлоқии мутахассиси оянда, проблемаи худтарбиякунӣ чун шарти муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии тарбияи ахлоқӣ набояд сарфи назар гардад.

Тавре ки медонем, худтарбиякунӣ омили муҳимми рушди ахлоқии шахсият маҳсуб шуда, оғози он ба давраи наврасӣ ва навҷавонӣ рост меояд. Аммо барои ба таври комил ва бошуурона амалӣ сохтани раванди мазкур дар солҳои донишҷӯӣ имкониятҳои бештар мавҷуд мебошад. Албатта, дигаргунӣ ва ба зинаи баландтар расидани худшиносии ҷавонон, қабл аз ҳама, бо ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, рушди зеҳнӣ ва иродаи шахсият робитаи мустақим дорад.

Омӯзиш ва таҳқиқи масъала собит месозад, ки худтарбиякунии ахлоқӣ, қабл аз хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ, имкон дорад натиҷаи муайян диҳад, ки чунин натиҷа, қабл аз ҳама, ифодакунандаи сатҳи ташаккули сифатҳои ахлоқӣ шахсият мебошад. Бояд гуфт, ки ҷараёни таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба раванди ҷалби шахсият ба ҷомеа ва худтарбиякунии вай мусоидат менамояд. Дар ҷараёни таҳсил, вобаста ба «арзёбии нави арзишҳо», интихоб ва аз худ намудани касби оянда, то андозае “дақиқшавӣ”-и идеалҳои ҷавонони донишҷӯро муайян намуда, ташаккул медиҳад. Ҳамин тавр, идеалҳои ахлоқии фаъолияти касбиро бошуурона қабул намудани донишҷӯён ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва фаъолсозии худтарбиякунӣ мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки бедор намудан ва рушди устувори тарбияи ахлоқӣ дар ҷавонони донишҷӯ яке аз муҳимтарин вазифаи кори таълимӣ – тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ маҳсуб шуда, он бевосита тавассути алоқамандии бевосита ва диалектикии байни донишҷӯ ва омӯзгор сурат мегирад.

Дар ҷаҳони муосир донишҷӯён қисми фаъол ва пешоҳанги ҷавонон мебошанд. Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки теъдоди донишҷӯён ҳамасола рӯ ба афзудан дорад. Айни ҳол (с.2024) дар ҷумҳурӣ дар 88 муассисаи таҳсилоти

ибтидоии касбӣ аз рӯйи 15 равия мутахассисон омода карда мешавад. Шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 20503 нафарро ташкил медиҳад.

Инчунин, дар ҷумҳурӣ 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (аз ин теъдод 59 муассисаи давлатӣ) фаъолият менамояд, ки нисбат ба соли 2022 4 муассиса зиёд мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 88300 нафар (67641 нафар духтар) донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ташаккули инсон чун узви фаъоли ҷомеа синни донишҷӯӣ давраи муҳимтарин маҳсуб мешавад. Муҳаққиқ Б.Г.Ананев бамаврид таъкид карда буд, ки: «Аз нигоҳи шахсият ин синну сол чун давраи рушди фаъоли эҳсосоти ахлоқӣ ва эстетикӣ, ташаккул ва устуворшавии хислат, соҳиб шудан ба вазифаҳои комили иҷтимоии шахси калонсол, аз ҷумла, вазифаҳои шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ, касбӣ-меҳнатӣ аҳамияти махсус дорад». [15, с.126]

Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аксари донишҷӯёнро, асосан, ҷавонони синни 14-20-сола ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, тақрибан 60-70% донишҷӯёни соли аввал ҷавонони 14-15-сола мебошанд. Ба андешаи К.Д. Ушинский, ин давра дар ҳаёти инсонӣ «аз ҳама муҳимтарин» аст. Зеро ин даврае мебошад, ки бавуҷудоии силсилаи тасаввуроти алоҳида хотима меёбад ва қисмати бештарашон дар як шабакаи васеъ гурӯҳбандӣ мешаванд, то ин ки ба яке аз самтҳо дар тарзи афкори инсон ва хислати вай бартарӣ диҳанд». [93, с. 441-442]

Дар адабиёти илмӣ зикр гардидааст, ки синни 18-20 - солагӣ барои аз худ намудани дониш, шаклгирии зеҳн ва хулқу атвор давраи беҳтарин ба шумор меравад. Ҷавонӣ, ба ақидаи муҳаққиқ Л.М.Архангельский «ҷаҳони севвум» байни калонсолӣ ва бачагӣ; марҳалаи хотимавии иҷтимоишавии аввалия; тавсеаи нақши худмуайянкунии иҷтимоӣ ва шахсӣ, яъне самтгирии равшани ҷойгоҳи худ дар ҷомеа; ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мавқеи ҳаётӣ

мебошад. Хусусияти давраи ҷавонии дерин аз он иборат аст, ки инсон на танҳо объекти иҷтимоисозии тарбия, балки субъекти фаъолияти ҷамъиятии муфид низ мебошад. [25, с. 172]

Вазифаи ба вуҷуд овардани намунаи идеалии системаи сифатҳои ахлоқиро ҳанӯз дар замони худ А.С.Макаренко ба таври равшан матраҳ намуда буд. Вай зимни тавсифи намунаи идеалии тарбия огоҳ намуда буд, ки ӯро барои пойбандӣ ба стандартҳои педагогӣ маломат хоҳанд кард: «…Барои ман ин савол вуҷуд надорад, ки оё тарбиягири ман аз ин ҷо чун шахси ҷасур мебарояд, ё ман бояд тарсончакро тарбия намоям. Ин ҷо ман риояи стандартро ҷоиз медонам». [307]

Аз нигоҳи назарияи тарбияи ахлоқӣ барои аниқ кардан ва мушаххас сохтани ҳадафҳои тарбияи ахлоқӣ ба вуҷуд овардани намунаи сифати ахлоқӣ зарур аст. А.С. Макаренко навиштааст: «Таҳти ҳадафи тарбия ман хислати инсониро мебинам ва зимнан, дар мафҳуми хислат ман тамоми мазмуни шахсият, яъне ҳам хислати зоҳирӣ, ҳам эътиқоди ботинӣ, ҳам тарбияи сиёсӣ, ҳам дониш ва, умуман, тамоми манзараи шахсияти инсониро дохил мекунам». [63, с.114]

Хислати инсон дар фаҳмиши ҳамаҷонибаи он зоҳиршавии шахсияти вай, одат, сифатҳои ахлоқӣ, яъне тамоми хусусиятҳои фардии вай дар ягонагӣ мебошад. Селикова О.П. навиштааст: «Бо вуҷуди гуногуннавъии хислатҳои инсонӣ, дар хислати шахс омили асосӣ маҳз сифатҳои ахлоқии вай мебошад». [100, с. 161]

Тамоми хусусиятҳои хислати дорои мазмуни муайяни ахлоқӣ дар айни замон сифатҳои ахлоқии шахсият низ мебошанд. Тасодуфӣ набуд, ки В.А. Сухомлинский бо ишора ба тарбияи шаҳрвандӣ гуфта буд: «Ин мағз, меҳвари тамоми кори тарбиявӣ мебошад. Сухан дар бораи ташаккули эътиқоди мустаҳками гражданӣ меравад…». [87, с.48]

Бояд тазаккур дод, ки заминаи тарбияи самараноки ахлоқӣ, қабл аз ҳама, аз дуруст матраҳ кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо ибтидо гирифта,

амалисозии он бошад, тавассути худи раванди тарбия, яъне маҷмуи шароит, усулу методҳо, шаклҳо, усулҳои таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори тарбиятгиранда анҷом меёбад.

Тавре ки дар боло зикр намудем, бе худтарбиякунӣ ягон шакли вазифаи тарбияи ахлоқӣ натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Аз ин рӯ, вақте ки сухан дар бораи ташаккули сифатҳои ахлоқии мутахассиси оянда меравад, масъалаи худтарбиякунӣ бояд чун шарти муҳимтарини таҳкими самаранокии тарбияи ахлоқӣ арзёбӣ шавад.

Худтарбиякунӣ, ки ҳанӯз аз синни наврасӣ ва навҷавонӣ оғоз меёбад, бешубҳа, неруи муҳимми ботинии рушди ахлоқии шахсият маҳсуб мешавад. Аммо амалисозии бошуурона ва мақсадноки ин раванд маҳз дар солҳои донишҷӯйӣ анҷом мегирад. Маврид ба зикр аст, ки ин раванд, қабл аз ҳама, бо болоравии худшиносӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, худназоратӣ ва инкишофи қобилияти зеҳнии шахсият алоқаманд мебошад.

Бояд зикр намуд, ки раванди худтарбиякунӣ бе таъсири омилҳои беруна натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Вобаста ба ин, доир ба нақши омилҳои беруна ба раванди худтарбиякунӣ ба мусоҳибон ба чунин савол муроҷиат намудем: **“Кӣ ба шумо барои машғул шудан ба худтарбиякунии ахлоқӣ кумак мерасонад?”**, ки дар натиҷа ҷавоби зерин ҳосил шуд:




***Диаграммаи 2. Нақши омилҳои беруна ба раванди худтарбиякунӣ***

Натиҷаи ҷавобҳо собит месозад, ки дар раванди худтарбиякунӣ нақши омӯзгор хеле муҳим – 59,9%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод хусусияти табиӣ ва воқеӣ дорад, зеро ки омӯзгор тавассути муоширати ҳамарӯза бо донишҷӯй ва мавзуъҳои дарсӣ, ки ҷанбаи гуманитарӣ ва маънавию ахлоқӣ доранд, дар раванди худтарбиякунии ахлоқии донишҷӯй нақши муассир дорад. Таъсири сарпарасти (куратори) гурӯҳ 19,2% ва аз декани факултет 9,8%-ро ташкил медиҳад, ки ин бори дигар аз муҳим будани нақши омӯзгор ва фанни дарсӣ дар худтарбиякунии ахлоқӣ ва ташаккули сатҳи маънавиёти донишҷӯй дар ҷараёни таҳсил ба ҳисоб меравад.

Дар ҷараёни таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ худтарбиякунии ахлоқӣ, аллакай, натиҷаи муайян медиҳад ва дар ҷараёни таҳсил дар муассаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ «арзёбии нави арзишҳо» рӯй медиҳад. Муносибати нав ба арзишҳо барои интихоб ва муайян намудани касби оянда мусоидат намуда, идеалҳоиояндаи ҷавонони донишҷӯро то андозае «аниқ мекунад».

Дар маҷмуъ таҷриба собит месозад, ки вижагиҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва синнусолии донишҷӯй барои худтарбиякунии ахлоқӣ дар раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти касбӣ ӯро масъулиятнок менамояд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки яке аз муҳимтарин вазифаи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълиму тарбия, дар баробари тарбияи касбӣ бедор намудан ва таъмину таҳкими худтарбиякунии ахлоқии донишҷӯён мебошад.

Тавре ки медонем, шарти муҳим ва зарурии тарбияи ахлоқии ҷавонон, қабл аз ҳама, ташаккули муносибати эҷодкоронаи онҳо ба меҳнат мебошад. Масъалаҳои рушд ва таҳкими муносибатҳои ахлоқӣ дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷониби омӯзгорон мавриди таваҷҷуҳи хос қарор мегирад. Зимни банақшагирии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷиҳати тарбияи ахлоқии ҷавонон ва тақвияти самтгирии иҷтимоии онҳо тадбирҳои муҳим пешбинӣ карда мешаванд. Тадбирҳои пешбинишуда имконият медиҳанд, ки зимни таҳсили

донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ кори тарбиявӣ ба таври муносиб ба нақша гирифта шуда, ҳамзамон, заминаҳои ташаббускории эҷодии омӯзгорон ва донишҷӯён ҳифз карда шавад.

Омӯзгорон зимни фаъолияти амалӣ ба тарбияи ахлоқии донишҷӯён, аз ҷумла, ташаккули майли робита бо ҷомеа, бо идеалҳои ахлоқӣ шинос намудани донишҷӯён, ба эътиқоди ахлоқӣ табдил додани дониши ахлоқӣ, тарбияи фарҳанги баланди рафтор чун як зуҳуроти эҳтиром ба дигарон ва ғайраҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Тарбияи ахлоқӣ бояд вобаста ба соли таҳсил ва давра ба давра амалӣ карда шавад, зеро ки ҳар соли таҳсил барои донишҷӯй зинаи махсуси азхудкунии забон, касб ва камолоти ахлоқӣ ба шумор меравад. Албатта, тарбияи ахлоқӣ дар сурати дорои хусусиятҳои муҳимму зарурӣ, аз қабили ҳадафмандӣ, илмӣ, мушаххас ва мунтазам будан, метавонад натиҷабахш бошад.

Асоси тарбияи ахлоқиро раванди таълим ташкил медиҳад ва бинобар ин, ба омӯзгорон зарур аст, ки дар лексияву машғулиятҳои амалӣ ҷанбаҳои ахлоқиро матраҳ намоянд. Барои самаранок гардидани натиҷаҳои фаъолият ва ғанӣ гардидани таҷрибаи педагогӣ онҳо бояд дар дарсҳои якдигар ширкат намуда, дастурамалҳои методӣ омода намоянд, зеро ки мубодилаи таҷриба омили муҳимми такмили малакаи касбӣ мебошад.

Дар раванди таълиму тарбия ва кор бо донишҷӯй зарур аст, ки муносибати инфиродӣ ба ҳар як донишҷӯй, ки асоси тарбияи ахлоқиро ташкил медиҳад, ҷудо карда шавад. Омӯзгор, қабл аз мулоқоти нахустин бо ҳар хонанда, бояд дар бораи хонанда иттилои дақиқ пайдо кунад ва баъдан, тавассути суҳбати шахсӣ шавқу завқ ва қобилияту истеъдоди ӯро муайян намояд.

Омӯзиш ва мушоҳидаҳо собит месозанд, ки тарбияи ахлоқӣ раванди мураккаб ва гуногунҷанбаъ буда, аз маҷмуи тадбирҳо иборат аст, ки лексия ва суҳбат дар байни онҳо мақоми вижа доранд.

Бояд зикр намуд, ки лексия ва суҳбат бо вижагиҳои худ – илмӣ будан, алоқамандӣ бо ҳаёт ва бо ҷомеа, дастрас ва фаҳмо будан, ҳаққоният, дар раванди кори тарбиявӣ ва ташаккули ахлоқи ҷавонон нақши муассир дорад. Дар ин раванд мулоқоти донишҷӯён бо роҳбарони муассисаҳо, вакилон, намояндагони истеҳсолот, собиқадорони меҳнат муҳим буда, дар онҳо дарки дурусти воқеият, эҳтиром ба одамонро ташаккул медиҳад.

Дар баробари ин, мулоқот ва суҳбати кормандони масъули муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ташаккули ахлоқи донишҷӯён метавонад таъсиргузор бошад. Вобаста ба ин масъала зимни пурсиш мо ба донишҷӯён бо чунин савол муроҷиат намудем: – **«Оё бо донишҷӯёни гурӯҳи шумо тайи соли таҳсили охир яке аз ашхоси дар пойин зикршуда оид ба масъалаҳои ахлоқ, меъёри ахлоқӣ суҳбат кардааст? Агар «Ҳа», чанд маротиба?”**




***Диаграммаи 3. Мулоқот ва суҳбати кормандони масъули муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ташаккули ахлоқи донишҷӯён***

Натиҷаи пурсиш нишон медиҳад, ки мулоқоти роҳбарони сатҳи гуногуни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо донишҷӯён дар давоми соли хониш сурат мегирад, вале доир ба самаранокӣ ва мазмуну муҳтавои суҳбатҳо натиҷагирӣ кардан, албатта, душвор аст. Зеро ки сатҳи дониши

назариявӣ ва малакаю таҷрибаи амалии масъулони коллеҷҳо гуногун буда, дар хусуси то чи андоза муфид ва муҳим будани мулоқоту суҳбатҳои онҳо хулосаи амиқ баровардан аз имкон берун аст.

Одатан, мо зимни таълиму тарбия усулҳои умумии назариявӣ ва таҷрибаи ғаниро дар ихтиёр дошта, мутассифона, онҳоро аксар вақт ба эътибор намегирем ва донишҷӯро фақат чун объекти тарбия, чун як навъ зарфе баррасӣ менамоем, ки бояд бо усулҳои ахлоқӣ пур карда шавад. Ҷойи тааҷҷуб нест, ки бо чунин кори тарбиявӣ дар коллеҷҳо мо на ҳама вақт ба натиҷаи матлуб даст меёбем. Бинобар ин, бо такя ба усулҳои коркардшудаи назариявӣ ва таҷрибаи амалии ғуншуда, бояд баъзе шаклҳои кори тарбиявиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба таври ҷиддӣ тағйир дод.

*Аввалан*, бояд ба ташаккул ва созмондиҳии коллективҳои донишҷӯӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад ва ба ин мақсад тадқиқоти таҷрибавӣ (эмпирикӣ) ва назариявии проблемаи мазкур ба асоси илмӣ анҷом гирад.

*Сониян,* бояд дар баъзе меъёрҳои васеъ ривоҷёфта дар кори тарбиявии мо бо донишҷӯён аз нуқтаи назари саҳми онҳо дар тарбияи ахлоқӣ, ба таври танқидӣ таҷдиди назар када шавад. Бисёрии ин шаклҳо ва меъёрҳо дар сурати истифодаи оқилонаи онҳо ва риояи ҳадди зарурӣ натиҷабахшанд. Аммо агар ин ҳад халалдор шавад, худи ҳамин шаклу меъёрҳо метавонанд барои тарбияи ахлоқии донишҷӯён осеб расонанд.

Масалан, дар аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳар як гурӯҳи донишҷӯён омӯзгори нозир (куратор) вобаста карда мешавад. Рафиқи калонсол, дорои таҷрибаи ғании ҳаётӣ, коршиноси хуби соҳаи худ – чунин шахс ба донишҷӯён кумак мерасонад, ки вориди назми ҳаёти муассисаи таҳсилоти касбӣ гарданд, ба онҳо машварат ва маслиҳат медиҳад, дар лаҳзаҳои душвор дастгирӣ мекунад ва барои тарбияи ахлоқии донишҷӯён кори муфидро анҷом медиҳад. Куратор чун тарбиягари асосӣ дар гурӯҳ ҳама чизро созмон медиҳад ва барои ҳама чиз масъул аст. Дар айни замон, чунин вазъ ногузир ташкилотҳои донишҷӯӣ, иттифоқҳои касаба ва сардори гурӯҳро

то ҳадде аз кори тарбиявӣ дур месозад. Яъне, аз онҳо масъулият барои кор дар гурӯҳ бардошта мешавад, ҳаллу фасли ягон масъалаи ҷиддӣ ба онҳо бовар карда намешавад ва ба ин тартиб, ба тарбияи ахлоқии донишҷӯён осеб ворид мешавад.

Дар тарбияи донишҷӯён, ҳамчунин, маҳфилҳои илмии донишҷӯён ва дигар шаклҳои ҷалби онҳо ба кори илмӣ нақши муҳим бозӣ мекунанд. Аммо ин амал вақте натиҷаи хуби ахлоқӣ медиҳад, ки кори муҳимму ҳақиқии илмӣ бо тамоми мушкилот ва талаботи ҷиддиаш вуҷуд дошта бошад.

Тарбияи ахлоқии ҷавонон амали муҳим ва масъулиятнок мебошад, ки санҷиш ва арзёбии ҷиддӣ ва танқидии он бешубҳа зарур аст. Дар раванди таълими анъанавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ташаккули шахсияти мутахассиси оянда, ҷаҳони маънавии вай ва сифатҳои ахлоқии ӯ таваҷҷуҳ зоҳир карда намешавад. Дар натиҷа, рағбат ба таҳсил аз байн меравад, фаъолнокии эҷодӣ инкишоф намеёбад ва талаботи маънавӣ қонеъ намегардад.

Тавре ки медонем, раванди таълиму тарбия мураккаб ва фарогир буда, барои тарбиягиранда дар ин раванд омилҳои гуногун ва зиёди таъсиррасон арзи ҳастӣ мекунанд. Зеро ки муҳити оила, гурӯҳи дӯстон, муассисаи таълимӣ бо коллективи педагогиаш ва дигар наздикон имкон доранд, ки дар ташаккули тафаккури ахлоқии ҷавон ба таври мустақим таъсиррасон бошанд. Ҷавоби донишҷӯён ба саволи анкета – **“Кӣ ё чӣ дар ташаккули тафаккури ахлоқии Шумо таъсир мерасонад?”** қобили таваҷҷуҳ мебошад:




*Диаграммаи 4. Таъсиррасонӣ дар ташаккули тафаккури ахлоқии ҷавонон*

Тавре ки ҷавобҳо нишон медиҳанд, нақши волидон ва муҳити оилавӣ дар ташаккули тафаккури ахлоқии донишҷӯён дар мақоми аввал (90%) қарор дошта, баъди ин муаллимон (68%) ва дӯстон (64%) дар ин самт таъсиргузор эътироф шудаанд. Омили дигар ин ҷо – “анъана ва расму оин” қобили таваҷҷуҳ мебошад, ки 37% донишҷӯён нақши ин омилро дар ташаккули тафаккури ахлоқии худ зикр намудаанд.

Гап сари он аст, ки бисёр донишҷӯён худ камбудиҳояшонро дарк мекунанд: «ахлоқи дугона», дурӯягӣ, чизпарастӣ, фориғболӣ нисбат ба сарнавишти худ, осебпазирӣ дар баробари таъсир, беэҳтиромӣ ба калонсолон, дониш ва эҳсосоти сатҳӣ». [46, с.31]

Пас, чи тавр шудааст, ки дар тӯли зиёда аз 30 соли истиқлолият, сарфи назар аз низоми таълиму тарбиявии ҷиддӣ ва дақиқ тарҳрезишуда як насли бутуни ҷавонони «мушкилтарбия» аз мадди назар дур мондаанд.

Бояд гуфт, ки дар ҷумҳурӣ муссисаҳои таҳсилоти касбие ҳастанд, ки омӯзгорони пуртаҷриба доранд ва метавонанд бо хатмкунандагони худ ифтихор кунанд. Аммо ҳанӯз ҳам муассисаи таҳсилоти касбӣ вобаста ба мушкилоти мавҷудаи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ – педагогӣ он

накшеро, ки ҷомеа барояш таъин кардааст, иҷро намекунад.

Ҳамин тавр, раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ баъзан бо табиати ҷавонони донишҷӯ дар ихтилоф қарор гирифта, ба вайроншавии солимии ахлоқӣ ва ҷисмонӣ мусоидат менамояд.

Имрӯз яке аз роҳҳои асосии башарисозии ҳаёти муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла коллеҷҳо – ҷониби омӯзгорон дастрас намудани иттилооти пурра дар бораи донишҷӯй ва омӯзиши шахсияти вай мебошад. Омӯзиши шахсияти донишҷӯй масъалаи комплексӣ буда, ба омӯзгор зарур аст, ки бо ин мақсад дастовардҳои илм дар бораи инсонро мавриди истифода қарор диҳад.

Муассисаи таҳсилоти касбӣ маконест, ки худшиносӣ ва тафаккури ахлоқии донишҷӯй ташаккул ёфта, мукаммал мешавад, ки дар ин раванд омилҳои таъсиррасон гуногун мебошанд. Бо мақсади омӯзиши масъала мо ба донишҷӯён ба чунин савол муроҷиат намудем: – “**Агар шумо эътироф кунед, ки дар раванди таҳсил дар коллеҷ баъзе хислатҳои мусбати шахсияти худро пайдо кардаед, пас муайян кунед, ки кадом омилҳо ба ин мусоидат кардаанд?**”




***Диаграммаи 5. Худшиносӣ ва тафаккури ахлоқии донишҷӯён***

Аз ҷавобҳои мусоҳибон маълум мешавад, ки теъдоди муайяни онҳо ташаккули баъзе хислатҳои мусбати худро дар давраи донишҷӯӣ эътироф мекунанд ва 49,9 фоизи онҳо дар ин раванд таъсири омӯзгорро таъкид намудаанд. Албатта, раванди таълим ва баргузории чорабиниҳои фарҳангию варзишӣ, инчунин, маҳфилҳою шабнишиниҳо (мутаносибан 25,1 ва 16 фоиз) ба хулқу атвор ва маънавиёти донишҷӯй, сарфи назар аз синну сол, бетаъсир намемонад.

Бояд зикр намуд, ки дар адабиёти педагогӣ ва психологӣ усули ба назар гирифтани хусусиятҳои синну солӣ ва инфиродӣ дар ҷараёни омӯзиш ба таври кофӣ тадқиқ шудааст, ки он ба раванди тарбия низ тааллуқ дорад.

Омӯзгори забони англисӣ хусусиятҳои инфиродии донишҷӯёнро ошкор намуда, метавонад барномаи тарбияи онҳоро дар раванди таълиму тарбия тартиб диҳад. Зеро маълум аст, ки дар давраи ҷавонӣ қобилияти азхудкунии дарсҳо зиёд буда, зудҳаракатии иҷтимоии ҷавонон бештар аст ва маҳз донистани забони хориҷӣ барои васеъ шудани муошират, инчунин, рушди шуури ахлоқӣ ва ҷаҳонбинӣ мусоидат менамояд.

Устоди муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фақат дар сурати хуб донистани донишҷӯёни худ метавонад ҳадафмандона ва дар асоси илмӣ кори худро роҳандозӣ намояд. Ин ба хотири худи донишҷӯ анҷом дода мешавад, то ин ки донишҷӯ худро дар донишкада хуб эҳсос намояд, то ин ки чун инсони содиқ, вафодор, дурусткор, фаъоли ҷомеа, зиндагидӯст, меҳнатдӯст ба камол расад.

Бояд гуфт, ки омӯзгор дар раванди фаъолияти педагогӣ ва муносибати наздик донишҷӯро дониста мегирад, барои ӯ шароити заруриро фароҳам месозад, ки ин омилҳо ҷиҳати рушди қобилият ва мавқеи фаъолона пайдо намудани донишҷӯй мусоидат мекунад ва бо ин васила ба омӯзгор муяссар мешавад, ки аз шахсияти ҳар яки онҳо «мағзе» -ро ошкор намояд.

Бо истинод ба суханони В.Н. Караковский, метавон гуфт, ки муассисаи таҳсилоти касбӣ барои донишҷӯ вуҷуд дорад, на барои муаллимон. [46, с. 49]

Дар ҷараёни таҳсил омӯзгор бо донишҷӯёни худ ҳамарӯза вомехӯрад, вале муоширати ҳангоми танаффус, ҳангоми машғулиятҳо ва корҳои берун аз дарс барои донистани ҳар як донишҷӯ кофӣ нест.

Агар омӯзгор дар назди худ вазифаи махсус, яъне омӯхтани донишҷӯи худро нагузорад, методҳои физиологӣ, психологӣ, педагогиро аз худ накарда бошад, муошират кардан ва созмон додани фаъолияти донишҷӯёнро натавонад, донистани шогирд барои ӯ ғайриимкон мегардад.

Бисёр солҳо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ байни ҷавонписарон ва ҷавондухтарон тақрибан тафовуте намегузоштанд. Аммо таҷрибаи ҳаёт нишон дод, ки надонистани хусусиятҳои ҷинсӣ аз тарафи омӯзгор метавонад паёмади ғайри қобили интизор дошта бошад.

Табиист, ки ин хусусиятҳо аз омӯзгор муносибати комилан гуногунро ба тарбияи ҷавонписарон ва ҷавондухтарон тақозо мекунад. Бояд қайд намуд, ки агар ба таври анъанавӣ дар гузашта маъмулан кор бо ҷавонписарон мушкил буд, воқеияти имрӯза зарурати таваҷҷуҳи бештар ба тарбияи ҷавондухтаронро эҷод мекунад.

Омӯзгор, ҳамчунин, наметавонад хусусиятҳои миллӣ – фарҳангӣ, монанди забон, дин, мазҳаб, урфу одат, анъанаи минтақаҳои кишварро ба эътибор нагирад. Агар дар гурӯҳ намояндагони миллатҳои гуногун таҳсил кунанд, ба назар гирифтани хусусиятҳои миллии донишҷӯён махсусан муҳим аст.

Бояд таърихи халқҳои муайян, хусусиятҳо ва анъанаҳои миллии онҳоро донист. Фақат дар ин сурат метавон эътимоди донишҷӯёнро ба даст оварда, дар тарбияи ахлоқӣ ба муваффақият ноил шуд.

Ҳамин тариқ, ба омӯзгори имрӯза зарур аст, ки дар омӯзиш ва тарбияи донишҷӯй муносибати инфиродӣ дошта бошад. Вай набояд фаромӯш кунад, ки ҳар як донишҷӯ фард аст ва хислати вайро бояд донист, то ин ки кори таълимӣ – тарбиявӣ бо вайро ба асоси илмӣ роҳандозӣ кард ва шароити мусоидро барои рушди қобилияти вай фароҳам овард. Ҳамаи ин зарурати

амалисозии вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофии омӯзишро дар ягонагӣ ба миён меоварад.

Қобили қайд аст, ки ҳаллу фасли проблемаи мазкур якчанд ҷанба дошта, омӯзгорро вазифадор месозад дақиқ намояд, ки зимни машғулиятҳо кадом вазифаҳоро бояд ҳаллу фасл намояд. Дар ин маврид интихоби маводи мусоидкунанда ба рушди фарҳанги ахлоқӣ –эстетикии донишҷӯён аҳамияти зиёд дорад.

Ҳамчунин, интихоби чунин методҳои омӯзиш ва тарбия, ки азхудкунии амиқи идеяҳои ҷаҳонбинӣ – эстетикиро таъмин менамояд, муҳим аст. Ҳамчунин, амалисозии ин ҷанба ташаккули ақидаҳо ва эътиқоди ғоявӣ-сиёсиро талаб менамояд, тамоюл ба хидмати содиқона ба ватанро рушд медиҳад, ирода ва хислатро обутоб медиҳад.

Дар марҳилаи истиқлолияти давлатӣ ҷомеаи Тоҷикистон ва низоми таҳсилоти он ба таҳаввулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, дар ин замина таваҷҷуҳ ба шахсият, аз ҷумла, ба шахсияти донишҷӯ зиёд шуд. Зери таъсири муносибатҳои имрӯзаи ҷамъиятӣ вазифаҳои нави тарбия шакл мегиранд, талаботи нав ва хусусиятҳои сифатан нави худи раванди тарбия ба миён меоянд.

Донишҷӯи имрӯза бояд на чун фарди бешахсият, балки чун шахсияти рӯҳан ва ҷисман қавӣ, омодаи ширкат дар рақобати фикрӣ ва истеъдод, шахсияти озод аз психологияи тангназарию худбинӣ ба ҳаёт ворид шавад. На чун технократ, балки чун шахси бофарҳанг ва дорои ҷаҳонбинии васеъ, на чун ғуломи техникаи муқтадири муосир, балки чун ҳукмрони он ва, албатта, на чун "инсони кучак», балки ворисн комилҳуқуқи ҳаёт бошад.

Бинобар ин, имрӯз вазифа гузошта шудааст, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди қобилияти инфиродии донишҷӯён зоҳир карда шавад. Муроҷиати тамоми ҷомеа, илм ба масъалаи инсон, ба шуур, маънавият, фарҳанг ва ахлоқ муҳимтарин шарти бозсозии ҳаёти ҷомеаи муосир маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, инсон объекти тадқиқоти тамоми илмҳо дар бораи табиат

ва ҷомеа мебошад. Проблемаи шахсият ва ташаккули он аз тарафи илмҳои гуногун тадқиқ шудааст. Инсонро ҳам фалсафа ва ҷомеашиносӣ, ҳам психология ва равоншиносии иҷтимоӣ, ҳам педагогика ва иқтисод, ҳам генетика ва экология, ҳам этика, эстетика ва ғайра меомӯзанд. Масалан, фалсафа инсонро ба сифати фарди иҷтимоӣ баррасӣ мекунад; ҷомеашиносӣ чун намояндаи гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ; психология чун субъекти фаъолияти равонӣ (психикӣ); психологияи иҷтимоӣ ба сифати объект ва субъекти муносибати мутақобила дар гурӯҳҳои мушаххас; педагогика чун низоми муносибати донишҷӯ бо худ ва бо ҷаҳон меомӯзанд.

### 1.3. Нақши шахсияти омӯзгори забони англисӣ дар тарбияи ахлоқии донишҷӯён

Ҳадафи фасли мазкур муайян намудани шартҳои асосии педагогии ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки шартҳои асосии тарбияи арзишҳо дар шуури донишҷӯён муайян карда шуда, усулҳои тарбияи ин арзишҳо тавассути таълими забони хориҷӣ баррасӣ карда шавад.

Маврид ба зикр аст, ки дар ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии хонандагон дар дарсҳои забони хориҷӣ омӯзгор нақши муҳим дорад. Вазифаи асосии ӯ аз он иборат аст, ки дар раванди дарс мафҳумҳои забонӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва забоншиносиро то андозае инъикос намуда, тавзеҳ диҳад. Омӯзгор бояд бо фаъолияти шахсии худ рафтори намунавиро нишон дода, инчунин, рафтори донишҷӯёнро дар вазъияти мавҷуда пешбинӣ ва муайян намуда, онро аз мавқеи хирад ва ахлоқ асоснок намояд ва дар мавриди зарурат ин рафторро ислоҳ намояд.

Омӯзгор бояд на танҳо усулҳои таълимро донад, балки дар раванди таълими забони хориҷӣ фаъолияти худро ба тарбияи маънавию ахлоқӣ

равона карда тавонад. Маҳз ӯ бо донишҷӯён ба муошират ворид шуда, дар байни онҳо нуфузу эътибор дорад ва барои таъсир расондан ба онҳо аз ҷиҳати ахлоқӣ имкони васеъ дорад. Маҳз доштани сифатҳои фарҳанги баланд, ахлоқу одоб, масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ ва хирадмандӣ барои омӯзгор хеле муҳим аст. [138]

Тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён хусусияти маҷмуӣ дошта, ҳамчун ҳадаф ва вазифаи умумӣ метавонад тавассути робитаи байнифаннӣ ва дигар чорабиниҳои иловагӣ ва беруназсинфӣ ба роҳ монда шавад. Дар раванди таҳсил нақши омӯзгор ҳамчун омили муҳимми таъсиррасон ба тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯй муҳим буда, малакаи касбӣ, рафтори педагогӣ ва муносибати шахсии ӯ ба ташаккули маънавиёт ва ҷаҳонбинии донишҷӯён ҳамчун субъекти асосии тарбия нақши муассир дорад. Моҳияти тарбияи маънавию ахлоқӣ ҳамчун болоравии муштараки омӯзгор ва тарбиятгиранда ба он арзиши олии муайянкардаи онҳо, ҷузъи муҳтавои тарбияи маънавию ахлоқӣ, ки арзишҳои инсондӯстӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, эстетикӣ, касбиро дар бар мегирад, дониста мешавад, ки масъалаи мазкур дар ин зербоб мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон имрӯз аҳамияти муҳим касб намуда, мавриди таҳлил ва таҳқиқи олимон ва пажӯҳишгарон қарор гирифта истодааст. Тавре ки муҳаққиқи руссиягӣ Г.В.Аверкиева менависад: – "Агар ақл ҷузъи зеҳнии маънавӣ бошад, пас ахлоқ маънавиётро ифода мекунад. Бинобар ин, ташаккули маънавию ахлоқии мактаббача дар шароити рушди босуръати ҷомеа муҳимтарин ҷанбаи иҷтимоисозии шахсият маҳсуб шуда, омили тадриҷан ва бошуурона ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ шомил шудан он мебошад. [105, с. 55-60]

Бояд зикр намуд, ки бунёди давлати қудратманд аз неруи насли имрӯза, саъю талош, дониш ва қобилияти зеҳнии он вобастагии ҷиддӣ дорад. Масъулияти тақдири кишвар ва ояндаи миллат маҳз ба дӯши ҷавонони аз

ҷиҳати ҷисмонӣ қавӣ, ташаккулёфта ва дорои маънавиёти баланд ҳавола мегардад. Дар ин раванд маориф вазифадор аст, ки масъулияти тарбияи шахсияти ҳамаҷониба ташаккулёфтаро бар дӯши худ гирад. Ташаккули эътиқоди донишҷӯён ба фардо, дар шуури онҳо тарбия намудани хислатҳои арзишманди маънавӣ аз қабили муҳаббат ба Ватан, хайрхоҳӣ, виҷдон, мардонагӣ, таҳаммулпазирӣ, адолатпарварӣ, ва, инчунин, бедор намудани майлу хоҳиши онҳо ба донишу маърифат ба уҳдаи омӯзгорон вогузор мешавад.

Дар шароити муосир барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ имконоти васеи илмию педагогӣ, ахлоқӣ, ғоявӣ, эстетикӣ ва меҳнатии насли ҷавон вуҷуд дорад. Шиносоӣ бо намунаҳои фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ зимни таълими забонҳои хориҷӣ барои такмили фарҳанги муоширати байни миллатҳо ва таҳкими ҳисси ватандӯстӣ мусоидат менамояд.

Одатан, ҳар шахс ҳаёту фаъолияти худро дар алоқамандӣ бо соҳаи шуғл ва касбу кори худаш тасаввур мекунад: нависанда дар асарҳояш, рассом дар расмҳояш, пайкарасоз дар пайкараҳояш ва ғ. Вале, омӯзгор бошад, бо фикру зикр, кирдор ва рафтори шогирдонаш, бо равандҳои ҳаёти педагогӣ зиндагию фаъолият ба сар мебарад. Ташаккули шахсияти донишҷӯ тавассути ҳамкорӣ ва алоқамандӣ бо ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим – ҳамкорон, донишҷӯён, падару модарони онҳо, шарикони иҷтимоӣ, донишҷӯёни дигар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои давлатӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Пӯшида нест, ки ҳоло ҷомеаи ҷаҳонӣ буҳрони маънавию ахлоқиро аз сар мегузаронад. Вазъияти имрӯза таҷассуми дигаргуниҳое мебошад, ки дар шуури ҷамъиятӣ ба вуҷуд омаданд ва дар ин раванд идеалҳои маънавию ахлоқии ҷомеа тағйир ёфтанд. Функсияҳои таълимӣ-маънавӣ ва тарбиявии низоми маорифи муосир то ҳадди имкон коҳиш ёфтанд. Натиҷаи ҳамин буд, ки маҷмуи муносибатҳои арзишӣ, ки ба шуури омма (аз ҷумла, ба кӯдакон ва ҷавонон) хос аст, аз нигоҳи рушди шахсият, оила ва давлат хусусиятҳои созандаю башардӯстонаи худро то андозае аз даст додаанд.

Ба вуҷуд омадани тағйирот дар самти идеология, рад шудани ҳама гуна асосҳои ҷаҳонбинӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба холигии маънавӣ оварда расонд, ки он зуд бо фарҳанги оммавӣ пур мешавад. [19] Сифатҳои ахлоқие, ки муаллим тибқи онҳо мехоҳад тарбияро ба роҳ монад, ҳанӯз рушди иҷтимоии шахсро таъмин карда наметавонад. Мутаассифона, васоити ахбори омма бештар модели рафтор аз қабили ҷаззобият, шаҳватпарастӣ, маъруфият ва сарватманд буданро таҳмил мекунанд ва омили хушбахтӣ меҳисобанд, ки, аслан, ба ғояҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ бегона мебошанд. Хусусияти оммавии шаклҳои рафтори хашине, ки саҳифаҳои журналҳо ва экранҳои телевизионро пур мекунанд, аксар вақт садои муаллим ва рӯҳияи тарбиявии онро пахш менамоянд. Дар шароити муосир аз ҳама ташвишовар ин муносибат ба Ватан ва арзишҳои ватандӯстӣ мебошад. Сарфи назар аз он, ки аксарияти донишҷӯён «аз гузаштаи бузурги халқи худ ифтихор мекунанд», бисьёриҳо тайёранд, ки барои беҳтар намудани шароити иқтисодии зиндагияш ба мамлакати дигар раванд. Маълум аст, ки дар ин маврид ҳама гуна ватандӯстӣ ва эътимоднокии он зери суол қарор мегирад. Бо вуҷуди ин, дар ҳама гуна шароити беруна афзалиятҳои арзишӣ боқӣ монда, онҳо метавонанд ба фазои субъективӣ, ки дар он ҷо фаъолияти амиқи ботинии шахс – ҳам донишҷӯ ва ҳам муаллим аз болои худ сурат мегирад, интиқол дода шаванд.

Бинобар ин, вазифаи тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас аҳамияти ниҳоят калон касб намуда, имрӯз бидуни муболиға, бояд чун яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти миллии кишвар арзёбӣ шавад.

Кумаки педагогии худмуайянкунии шахсият, инкишофи қобилият ва истеъдод, ба ӯ додани дониши мукаммали илмӣ, малака ва салоҳият, ки барои иҷтимоишавии бомуваффақият зарур аст, худ аз худ барои инкишофи озод ва камолоти иҷтимоии шахс шароити кофиро фароҳам оварда наметавонад. Одам агар некро аз бад фарқ накунад, ба қадри зиндагӣ, кор, оила, ашхоси дигар, ҷомеа, Ватан, яъне ҳар чизе ки инсон тавассути он худро

аз ҷиҳати ахлоқӣ мешиносад ва шахсияти худро ташаккул медиҳад нарасад, наметавонад озод бошад. Аз бар намудани илм ва надонистани некӣ, доштани ақли тез ва дили ношунаво дарки воқеиятро барои инсон мушкил намуда, ташаккули шахсиятро маҳдуд ва коста мегардонад.

Бояд зикр намуд, ки ташаккули ҳувияти миллӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ раванди мураккаб ва ботадриҷ буда, чун ҷузъи маърифатии шахсияти миллӣ зуҳур мекунад. Ҳамкориҳои мутақобилаи омӯзгорони забонҳои хориҷӣ бо намояндагони забонҳои гуногун барои таҳкими равобити фарҳангӣ мусоидат карда, омӯзгори забони англисӣ дар ин маврид вазифадор аст, ки донишҷӯёнро бо арзишҳои фарҳанги глобалӣ ошно намояд. Ба ақидаи муҳаққиқ Е. И. Пассов фарҳанги забони хориҷӣ як ҷузъи фарҳанги умумибашарӣ буда, донишҷӯ метавонад онро дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ аз худ намояд. [74]

Бояд зикр намуд, ки забони англисӣ дар баробари фанни шавқовару ҷолиб будан, ҳамчунин, омили муҳимми таҳкими равобити фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Раванди мазкур имкон медиҳад, ки шахс тавассути омӯзиши забони англисӣ чун воситаи муоширати байни миллатҳои гуногун ба олами беканори илм ва фарҳангҳо ворид гардида, аз дастовардҳои ақли инсонӣ баҳравар гардад.

Дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар шуури донишҷӯй бояд он арзишҳое ташаккул ёбанд, ки ба тафаккури ахлоқӣ ва сатҳи маърифати фарҳангии вай мусоидат намоянд. Зеро ки арзишҳои маънавию фарҳангӣ маҳз тавассути забон интиқол ёфта, ба кишварҳои гуногун паҳн мешаванд, ки дар ин раванд нақши омӯзгор хеле муҳим аст. Дар ҷараёни дарси забони хориҷӣ донишҷӯён имкон пайдо мекунанд, ки бо таъриху фарҳанг ва расму ойини халқҳое, ки забонашон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ошно шаванд.

Суҳбат дар атрофи табиати аҷибу гуногунранги минтақаҳои гуногуни кишвар боиси ифтихори донишҷӯён аз табиати зебо ва сарватҳои миллии

ватани мо мегардад. Қобили тазаккур аст, ки дарк намудани мафҳуми Ватан, «Ватани хурд» – ҷанбаи тарбиявии дарки амиқтар ва пайдо намудани тасаввурот дар бораи фарҳанги худ мебошад.

Дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ҳамчунин, масъалаҳое мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд, ки барои ташаккули тафаккури интиқодии донишҷӯён замина мегузоранд ва афкори онҳоро бо меъёрҳои ахлоқии ҷомеа алоқаманд месозанд. Ҳамчунин, дар рафти омӯзиши забонҳои хориҷӣ мавзуъҳое мавриди муҳокима қарор мегиранд, ки дорои аҳамияти муҳимми тарбиявию ахлоқӣ мебошанд. Аз ҷумла, баррасии масоили вобаста ба таҳаммулпазирӣ, оилаи муосир, хайрия ва саховатмандӣ, мушкилоти ҷаҳони муосир, масъалаи инсон ва ғайраҳо бешубҳа, барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ғанӣ гардидани маънавиёти донишҷӯён мусоидат менамояд.

Набояд фаромӯш кард, ки дар раванди таълими забони хориҷӣ ва таъсири он ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ дар шуури донишҷӯён омӯзгор нақши бузург дорад. Зеро ки омӯзгор бо донишҷӯён робитаи наздик дошта, имконияти хубтари таъсиррасонӣ ба ташаккули ахлоқи онҳоро дорад. Аз ин рӯ, муаллим бояд дорои фазилатҳои баланди ахлоқию фарҳангӣ, ахлоқу одоб, хирадмандию масъулиятшиносӣ, бошад. Ба ақидаи олим ва педагог Е.М.Арапова ба омӯзиши маводи пешниҳодшуда ҷалб намудани таваҷҷуҳи донишҷӯй, қабл аз ҳама, аз он вобаста аст, ки дарс то чӣ андоза равшан, эҷодкорона ва пурмазмун ташкил карда мешавад. [19, с. 32]

Дар алоқамандӣ бо масъалаи мазкур ба донишҷӯён чунин савол пешниҳод гардид: **“Дар фаҳмиши Шумо омӯзгор бояд дорои кадом фазилатҳо бошад?”** Тавре ки аз ҷавобҳои мусоҳибон бармеояд, донишҷӯён дар муайян намудани фазилатҳои омӯзгорон, қабл аз ҳама, ба сатҳи дониши касбии вай афзалият доданд. Ба андешаи 53 фоизи мусоҳибон омӯзгор бояд шахсе бошад, ки фанни худро ба таври комил донад.

Барои теъдоди дигари донишҷӯён (28,8 %) омӯзгор бояд дорои дониши васеъ буда, аз равандҳои наве, ки дар ҷомеа зуҳур мекунанд, воқиф бошад. Қисмати дигари мусоҳибон (18,2%) изҳор намуданд, ки омӯзгор дорои дониш ва ахлоқи баланд бошад.




***Диаграммаи 6. Муайян намудани фазилатҳои омӯзгорон***

Ҷавобҳои боло далели онанд, ки донишҷӯён нисбат ба омӯзгорон талаботи хосси худро дошта, мехоҳанд дар симои омӯзгор як шахсияти донишманду хушахлоқро бинанд.

Бо назардошти он, ки донишҷӯёни коллеҷҳои мо дар оянда кормандони соҳаҳои гуногун – тиб, омӯзгорӣ, сохтмон, энергетка ва ғ. хоҳанд шуд, қайд намудан зарур аст, ки доштани фазилатҳои воло, аз қабили сатҳи баланди маънавиёт ва ахлоқу маданияти муошират, муносибати дуруст ба ҳамкорон ва ба мардум барои муваффақ шудан дар касбу кори худ ба онҳо мусоидат менамояд. Яъне, таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ҳатман марҳилаҳои расидан ба ин сатҳро дар бар гирад, ба ошкор намудани неруи эҷодии донишҷӯй мусоидат намояд, то ки дар фаъолияти минбаъдааш василаи раҳоӣ аз мушкилиҳоро дарёбад.

Бояд зикр намуд, ки тадқиқи масоили тарбияи ахлоқии донишҷӯён бевосита бо омӯзиши омилҳои алоҳидаи ширкаткунананда дар ин раванд алоқаманд аст. Яке аз чунин омилҳо симои ахлоқии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад. Бо сабаби афзоиши нақши иҷтимоии омӯзгор, табиист, ки талабот ба шахсияти вай, ба сатҳи омодагии ғоявӣ–сиёсӣ, касбӣ–ахлоқии вай низ мураккаб мешавад ва меафзояд.

Маврид ба зикр аст, ки шахсияти омӯзгор ва таълими забони хориҷӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи донишҷӯён нақши муҳим дорад. Зеро ки омӯзиши забони хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ, барои донишҷӯй дунёи наверо мекушояд, ки тавассути он дониши ӯ доир ба одаму олам, равандҳои илмию техникӣ ва дигар зуҳуроте, ки ҷаҳони маънавии ӯро фаро мегиранд, ғанӣ ва мукаммал мегардад.

Назарсанҷии мо собит намуд, ки мавқеи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ доир ба нақши машғулияти забони англисӣ дар **болоравии сатҳи ахлоқи онҳо гуногун буда, теъдоди бузурги онҳо ба ин масъала нигоҳи мусбат доранд. Аз ҷумла, ба донишҷӯён ба саволи зайл – “Оё омӯзгор ва машғулияти забони англисӣ ба сатҳи ахлоқи шумо таъсир мерасонанд?” муроҷиат намудем, ки чунин натиҷа дод:**




***Диаграммаи 7. Нақши машғулияти забони англисӣ дар болоравии сатҳи ахлоқи донишҷӯён***

Тавре ки натиҷаи назарпурсӣ нишон медиҳад, аксари кулли донишҷӯён нақши омӯзгор ва таълими забони англисиро дар тарбияи ахлоқии худ эътироф менамоянд.

Раванди таълиму тарбия дар зинаҳои гуногуни ташаккули шуури ахлоқӣ, зарурати баррасии сатҳи ахлоқи худи омӯзгорро ба миён меорад. Зеро ки ахлоқи омӯзгор он арзиши маънавиест, ки қабл аз ҳама, бо ҳадафу вазифаҳо ва мазмуни фаъолияти касбии омӯзгор, ҳамчунин, бо психологияи тарбиягирандагон муайян карда мешавад.

Ахлоқи омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бевосита дар ҷараёни иҷрои фаъолияти мушаххаси таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ ва ҷамъиятӣ аз тарафи вай зоҳир мешавад. Меъёри асосии арзиши ҳар як намуди фаъолияти омӯзгори муассисаи таҳсилоти касбӣ дар он аст, ки то кадом андоза он бо идеалҳои ахлоқии ҷомеаи мо мутобиқат дорад.

Давраи ҷавонӣ, аз ҷумла донишҷӯӣ, давраест, ки сифатҳои иҷтимоии шахс ташаккул меёбанд, усулҳои ахлоқ муайян карда мешаванд. Дар ин давра шахс амалан дарк мекунад, ки дар зиндагӣ чӣ чиз ба вай халал мерасонад, бар зидди чӣ мубориза мебарад, мавқеи зиндагии вай чи гуна аст. [85]

Воситаи муҳимми табдили сифатҳои ахлоқии мутахассиси ҷавон аз амали мавҳумӣ (абстрактӣ) – назариявӣ ба амали мушаххаси ахлоқи касбии омӯзгор мебошад.

Натиҷаи пурсише, ки бо донишҷӯён анҷом додем, имконият дод, ки доир ба аҳамияти ахлоқи касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ изҳори ақида намоем:

1. «Омӯзгор шахсест, ки дониши энсиклопедӣ дошта, бо доираи фанни худ маҳдуд намешавад, ҳамчунин, дар бораи тамоми чизҳои моддӣ ва маънавӣ тасаввурот дорад» (донишҷӯи соли 3).

2. «Омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд шахсе бошад, ки фанни худро ба таври комил донад ва дар баробари ин, аз рӯйдодҳои муосир

огоҳ бошад»  (донишҷӯдухтари соли 3).

3. «Барои омӯзгор авфнопазир аст, ки мавзуи фанни худро аз рӯйи варақҳои зардшудаи стандартӣ ва бо ибораҳои рӯбардоршуда аз китобҳои гуногун хонад» (донишҷӯи соли 3).

Нутқи шифоҳии омӯзгор низ метавонад вазифаи ахлоқиро иҷро намояд, агар ба он омодагии дақиқ дода шуда бошад. Вале, агар сухангӯй «ибораҳои обшуста», стандартиро «аз варақҳои зардшуда» хонад, ин беэҳтиромӣ нисбат ба шогирдон ва нисбат ба худ ба шумор меравад.

Зимнан, донишҷӯён бештар ба нутқи шифоҳии устод таваҷҷуҳи бештар доранд. Нутқи сухангӯй бевосита ба шунаванда таъсир мерасонад. Амалияи фаъолияти педагогӣ нишон медиҳад, ки дар ҷараёни таълиму тарбия на ҳамаи олим ва педагоги таҷрибадор имкон дорад бо тарбиягирандагон робитаи зарурӣ дошта бошад. Дар фаъолияти педагогӣ дониши амиқ бояд бо муносибати эҳсосотии омӯзгор нисбат ба фанни худ пайванд бошад

Зимни суҳбат 67,8 фоизи донишҷӯён маҳз чунин сифатҳо, монанди меҳри омӯзгор ба фанни худ ва шавқмандию таъсирнокии нутқи ӯро зикр намуданд. Муносибати эҳсосотии омӯзгор ба фанни худ амали муштараки устод ва шогирдро пайванд медиҳад. Чунин эҳсос ҳам омӯзгор ва ҳам донишҷӯро ба ваҷд меоварад. Ба ин тартиб, ахлоқи касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти касбӣ василаи психологие мебошад, ки дар шаклгирии ахлоқии мутахассиси ҷавон иштирок мекунад.

Таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти касбии мо нишон медиҳад, ки то кадом андоза ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ – эстетикии донишҷӯён кам таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ба ақидаи мо, дар ин маврид мухолифати муайян байни омӯзиш ва парвариш зоҳир мешавад, гарчи ягонагӣ байни онҳо вуҷуд дорад. Яъне, ин натиҷаи зиддият байни технократизми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва самтгирии башарии низоми коллеҷҳо мебошад.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ корманди дорои дипломро тайёр мекард ва тайёр карда истодааст, вале на мутахассиси дорои  таҳсилоти

босифат, шахси дорои зеҳнияти баланд, соҳиби фарҳанги амиқ ва аз нигоҳи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ рушдёфта. Аз ин ҷо чунин тезис ба вуҷуд меояд: мутахассиси баландихтисосро наметавон бе тарбия ва худтарбиякунӣ, бе мавқеи масъулиятноки ахлоқӣ ва фарҳанги ғании бадеии шахсияти донишҷӯ тайёр кард.

Набояд ин фактро аз мадди назар дур гирифт, ки падидаҳои бухронии замони карахтии ҷомеаи Шуравӣ дар солҳои 70-80-уми асри гузашта наметавонистанд ба сатҳу мазмуни тарбияи ахлоқӣ-эстетикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла коллеҷҳо, асар нагузоранд.

Дар гумон аст, ки вазифаи омӯзгор дар доираи педагогӣ фақат якҷониба маҳдуд бошад. Муоширати педагогӣ – муоширати шахсиятҳо, муколимаи ду тарафи дахлдор аст. Муколимае, ки байни омӯзгор ва донишҷӯй сурат мегирад, фақат дар сурате натиҷаи мусбат дода метавонад, ки омӯзгор дорои малакаи хуби педагогӣ ва фарҳанги ғании мутобиқ ба арзишҳои ҷомеаи мо бошад. Сабаби сатҳи пасти камогоҳии омӯзгор аксар вақт тарзу усули заифи дарсдиҳӣ ва муоширати педагогӣ мебошад.

Ҳамин тавр, омили калидии тарбияи ахлоқӣ – эстетикии донишҷӯён дар муоширати онҳо бо омӯзгор, омодагии илмӣ ва педагогии вай, ҳамчунин, дараҷаи маҳорати педагогӣ дар ҷараёни таълим мебошад. Аз рӯйи ин омил ба касби худ лоиқ будани педагог маълум мешавад.

Шахсияти омӯзгор дар таваҷҷуҳи вай ба ҳама чиз, ҳам ба соҳаи фанни худ ва ҳам ба проблемаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мешавад. Донишҷӯро на танҳо таваҷҷуҳи ахлоқии омӯзгор ба проблемаҳои иҷтимоӣ, балки неруи ахлоқии вай, ки бо истифода аз он ғояҳои худро ҳимоя мекунад, тарбия менамояд.

Вобаста ба ин, мо ба донишҷӯён бо чунин савол муроҷиат намудем: **«Шумо кадом сифати муаллимро барои таълими забони хориҷӣ дар мактаб арзишманд мешуморед?».** Барои донишҷӯён интихоби васеи ҷавобҳо гузошта шуд, ки ҳар яки он метавонад як хусусияти муҳим ва

арзишманди омӯзгори забони хориҷиро инъикос кунад. Аз ҷумла:




*Диаграммаи 8. Хусусияти муҳим ва арзишманди омӯзгори забони хориҷӣ*

Тавре ки натиҷаи ҷавобҳо нишон медиҳанд, аз нигоҳи донишҷӯён сифати муҳимтарини омӯзгори забони хориҷӣ (78%) ин “сатҳи баланди донистани забони хориҷӣ” маҳсуб мешавад. “Шавқовар гузаронидани дарс” (72%) аз ҷониби омӯзгор дар мавқеи дуюм қарор дошта, чун сифати дигари муҳимми омӯзгори забони хориҷӣ арзёбӣ шудаст.

Бояд зикр намуд, ки доштани назокати педагогӣ барои омӯзгори ҳамаи фанҳо шарти муҳим аст. Дар саволи боло низ 63% -и донишҷӯён “назокати педагогӣ”-ро чун сифати арзишманди омӯзгори забони хориҷӣ қайд намуданд.

Тавре ки мебинем, мавзуи тадқиқоти мо бо масъалаи муҳим - нақши омили инсонӣ дар ҳаёти ҷомеаи имрӯза алоқаманд аст. Бинобар ин, ҳар андоза омӯзгор бо худ бештар кор кунад, ҳар андоза дар таълим ва тарбия мустақилият ва эҷодкорӣ зоҳир намояд, ба ҳамон андоза бештар ба шогирдони худ таъсир мерасонад ва тавонмандии ахлоқӣ – эстетикии онҳоро ташаккул медиҳад.

Объекти асосии идоракунии раванди ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ коллективи донишҷӯён мебошад. Дар доираи коллектив тарбия ҷанбаи ҳадафмандонаро ба худ мегирад ва кумак мерасонад, то ин ки ҳар як аъзои коллектив сифатҳои ахлоқии қобили қабул барои ҷомеаро дар худ парварда тавонад.

Дар айни замон, чунин муносибат метавонад ба он оварда расонад, ки омӯзгор, куратор роҳ ва воситаи таъсиррасонии тарбиявиро интихоб карда, бояд ба намуди «миёнаи» шахсият ва талаботи умумии ахлоқӣ самтгирӣ кунад, на ба донишҷӯёни дорои хислати гуногун.

Субъекти идоракунии раванди ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ, тамоми коллективи педагогӣ ва донишҷӯӣ мебошанд. Ин ки коллективи донишҷӯён субъект ва объекти идоракунӣ мебошад, бо тасаввурот дар бораи ахлоқ чун муносибатҳои субъективӣ ва объективӣ, фаъолияти иртиботӣ ва самтгиришуда ба ҳамбастагии иҷтимоӣ, зиддият надорад.

Вазифаҳои субъект барои баланд бардоштани натиҷаи идоракунии равандҳои ахлоқӣ дар мактабҳои олиро метавон аз рӯи чанд самт муайян кард. Қабл аз ҳама, бояд нақши маърифати ахлоқӣ дар раванди таълимро тақвият бахшид. Тарбия дар раванди таълим аз тариқи идоракунии фаъолияти донишҷӯ амалӣ мешавад, ки дар натиҷаи он табдили иттилооти ахлоқӣ ба сифатҳо ва эътиқоди шахсият ба амал меояд. Бо вуҷуди муҳиммияти маърифати ахлоқӣ, ки ба шахсият дахл дорад, рафтори амалӣ боз бо ҷанбаи эҳсосотии шахсият муайян карда мешавад.

В.А. Сухомлинский навишта буд: «Бадеӣ карда гӯем, фарҳанги эҳсосот скрипкаи (ғижжаки) дуруст ҷуршуда аст. Фақат вақте ки скрипка ҷур бошад, бо он метавон навохт. Фақат вақте ки инсон ҳарфҳои фарҳанги эҳсосотро аз худ кард, ӯро метавон тарбия намуд». [88, с. 172.]

Дар бораи чунин тавсияҳо сухан гуфта, бояд дар назар дошт, ки раванди таълим аз рӯйи ҳар як фан ба шахсият вобаста мебошад, яъне дар

ташаккули мутахассиси ҷавон нақши ҳалкунандаро (ин исбот шудааст) таъсири шахсияти педагог ба донишҷӯён мебозад.

Аммо мо ба омӯзгори забони англисӣ тавсия дода, қабл аз ҳама, бояд таваҷҷуҳро ба сифатҳои муҳимтарини омӯзгор, ки бештар писанди донишҷӯён бошад, ҷалб намоем. Тибқи натиҷаи пурсишҳо донишҷӯён ду сифати омӯзгорро гиромӣ медоранд:

1) Донистани забон ва ҳаёти кишваре, ки забонаш омӯхта мешавад, хуб дарс додан;

2) Муносибати инсонӣ бо донишҷӯён.

Зимнан, ин ду сифат аз рӯйи шумораи ҷавобҳо мавқеи якхела доранд ва дар баъзе гурӯҳҳо, ҳатто, ба дуввумӣ бартарӣ дода шудааст.

Пас, донишҷӯён дар бораи муносибати инсонӣ ба онҳо сухан гуфта, чиро дар назар доранд?

Агар андешаҳо ва мулоҳизаҳои донишҷӯёнро ҷамъбандӣ намоем, мебинем, ки дар муносибати устод ва донишҷӯй пешрафти шахсияти донишҷӯй, ғамхорӣ дар ҳаққи ӯ, боварӣ ва эътимод ба вай, муносибати одилона ба вай аз ҳама муҳим будааст. Муносибати расмию рӯякӣ, муомилаи дағалона, ки ба иззати нафси шахсият ё гурӯҳ мерасад, бадгумонии доимӣ ва нобоварӣ ба имкониятҳои донишҷӯён ба онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар чунин мавридҳо аз ҳама таассуфовар ин аст, ки раванди таълим неруи тарбиявии худро аз даст медиҳад, муносибати мутақобилаи педагог ва донишҷӯён ба асоси яккафармонӣ (авторитарӣ) – яъне талаб кардан ва итоат кардан бунёд меёбад. Албатта, дар чунин маврид бо ҳамдигар на эътимод мемонад ва на эҳтиром.

Ана барои ҳамин тавсияҳо оид ба мавзуи мазкур бояд таваҷҷуҳи омӯзгоронро ҷалб намояд. Чунки аксар вақт набудани муносибати одӣ байни омӯзгор ва донишҷӯ бо он шарҳ дода мешавад, ки омӯзгор натавонистааст муносибати дуруст бо донишҷӯёнро барқарор намояд.

Ҳамчунин, барои он ки муносибат бо донишҷӯён дуруст шакл гирад,

бояд донишҷӯи муосирро хуб донист, ҷаҳони ботинии вайро дарк кард, ба вай эътимод дошт, нисбат ба гурӯҳ ва донишҷӯёни алоҳида бояд ғамхор ва дар айни замон, серталаб, ростгӯй ва беғараз буд. Ҳеҷ гоҳ набояд сухани омӯзгор аз амалаш фарқ кунад:

*«Омӯзгорон баъзан як чиз мегӯянд, аммо амалу рафторашон дигар хел аст»* (менависад як донишҷӯдухтар).

Донишҷӯёнро бояд омӯзонд, на сарзаниш кард:

*«Моро намеомӯзонанд, балки сарзаниш мекунанд»* (менависад донишҷӯдухтари дигар.)

Доир ба ин масъала бояд барои факултетҳои (курсҳои) такмили ихтисоси муаллимони забони хориҷӣ тавсияҳо таҳия карда шаванд. Хеле муҳим аст, ки дар барномаи ин факултетҳо силсилаи лексияҳо ё курсҳои махсус бахшида ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари забонаш омӯхташаванда дохил карда шаванд ва мутахассисони варзида, арбобони санъат барои хондани лексия даъват карда шаванд. Ҳамчунин, боло бурдани ҷаҳонбинии омӯзгорони забонҳои хориҷӣ барои беҳтар кардани сифати таълим хеле муҳим мебошад.

Бояд гуфт, ки раванди амалисозии таълиму тарбия,  роҳу равиши таъсиррасонӣ ба таври ногусастанӣ бо он вобаста аст, ки кӣ ва чи хел тарбия мекунад. Бешубҳа, шахсияти омӯзгори забони хориҷӣ, нуфузу эътибори ӯ дар ҷомеа мустақиман бо натиҷагирии босамари тарбияи ахлоқӣ дар ҷараёни дарсҳои  соҳаи мазкур муайян карда мешавад.

Обрӯю эътибор дар навбати худ ба андозаи зиёд аз алоқаи воқеӣ ва робитаи тарбиядиҳанда бо одамон вобаста аст, чунки дар масоили тарбия ростгӯӣ, эътимод ва садоқат аҳмияти махсус доранд. Барои даст ёфтан ба чунин эътимоду ошкоргӯӣ барои омӯзгори забони англисӣ зарур аст, ки на танҳо аз нигоҳи равонӣ (психологӣ) бо ҳар як донишҷӯ муносибати дуруст намояд, балки заминаро барои чунин муносибат пайдо кунад. Дар ин ҷо шакли муошират дар назар аст, ки дар коллективҳои донишҷӯӣ ва дар

соҳаҳои муносибати байнишахсӣ маъмул шудааст.

Дар психологияи иҷтимоӣ тақсим кардани муносибатҳои байнишахсӣ дар коллективҳо ба расмӣ ё корӣ ва ғайрирасмӣ ё шахсӣ қабул шудааст. Масалан, ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо оид ба забони хориҷӣ робита байни муаллим ва донишҷӯён ҷанбаи расмию корӣ дорад. Нақши тарбиявии чунин шакли таълимро кам накарда, бояд эътироф кард, ки дар он ҷанбаи шахсии муошират амалан вуҷуд надорад.

Ба мақсади ба даст овардани эҳтиром ва эътимод ва сатҳи баланди обрӯ ва нуфуз бояд иртиботи ғайрирасмиро ба роҳ андохт ва муносибати шахсӣ бо донишҷӯёнро барқарор сохт. Маҳз бо чунин шакли муносибати мутақобила шахсияти ҷавон пурратар ошкор мешавад ва имконияти дурии вай аз ахлоқ, тамоюл ва рафтори барои мо бегона бештар мешавад.

Қабл аз ҳама, сухан сари он меравад, ки агар донишҷӯй ба омӯзгор изату эҳтиром дошта бошад, пас, дар муошират ва муносибату рафтори хеш ба ӯ тақлид мекунанд, ки ин ба муваффақияти тарбиявӣ мусоидат мекунад. Барои расидан ба ин мақсад бояд бештар ба тақвияти робитаҳои шахсӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард.

Агар чунин набошад, ё муяссар нашавад, натиҷаи таъсири тарбиявӣ чандон хуб нахоҳад буд. Робитаи шахсӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ бояд на танҳо дар раванди дарс, балки бештар берун аз дарс роҳандозӣ шавад.

Дар ин иртибот, проблемаи ҷустуҷӯи роҳҳои хубтари робитаҳои шахсӣ, фароҳам овардани шароит барои шавқу рағбати мутақобила, аз ҷумла, дар ***муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми таълими забони англисӣ*** ба миён меояд.

Метавон суҳбати танҳо ба танҳо ё дар доираи шунавандагони камшумор бевосита ё баъд аз дарсро роҳандозӣ кард. Муошират берун аз донишгоҳи омӯзгор ва донишҷӯён низ имкон дорад, аммо барои аксарият муаллимон ин ба сабаби серкорӣ ва банд будани онҳо мушкил аст. Бояд

ҳамеша дар ёд дошт, ки ҷавонон нисбат ба мағрурӣ, ҳавобаландӣ, киноясуханӣ ва насиҳатгӯйии мағрурона аксуламали боэҳсос нишон дода, ба он назари манфӣ доранд.

Бояд тазаккур дод, ки робитаҳои ғайрирасмӣ дар айни замон имконият медиҳанд, ки на танҳо дар бораи ҷавонон, балки дар бораи худ низ огоҳӣ дошта бошем. Натиҷабахшии тарбия аз он вобаста аст, ки то кадом андоза омӯзгор огоҳ аст, ки атрофиён ба ӯ чи тавр баҳо медиҳанд.

Бисёриҳо дар бораи таъсир ва нуфузи худ тасаввуроти нодуруст доранд ва таваҷҷуҳ намекунанд, ки атрофиён ба онҳо чи гуна баҳо медиҳанд ва чи тавр муносибат мекунанд. Маъмулан, дар чунин мавридҳо шахс ба худ беш аз ҳад баҳо медиҳад. Бинобар ин, омӯзгор бояд дар бораи худ ва рафтораш огоҳии хуб дошта бошад, ки ин дар ҷараёни муоширати ғайрирасмӣ, суҳбатҳои ошкорои рафиқона бо ҷавонон, ё бо кумаки рафиқони худ ба даст меояд.

Маҳорати таъсиррасонии хуб ба тарбияи ахлоқӣ бо меҳнати пайвастаи эҷодкорона ба даст меояд. Ба чунин муваффақият фақат онҳое даст меёбанд, ки қобилияти тарбиявӣ доранд, дар одамон эҳсоси шоистагӣ ва шарафи инсониро тақвият медиҳанд, ба онҳо кумак мерасонанд, ки мустақил бошанд, дар назди онҳо арзиши воқеии ҳаёти инсонӣ ва фарҳангро боз менамоянд.

Муассирияти фаъолияти амалии омӯзгорон ҳангоми кор бо гурӯҳҳо, рушди худфаъолиятӣ ва ташаббускорӣ зоҳир мешавад. Барои дастрасӣ ба ин ҳадафҳо истифодаи шаклҳои зерин тавсия дода мешавад: мулоқот – суҳбатҳо бо сардорони гурӯҳ доир ба таҳсил, рафтор, интизом, мунтазам гузаронидани маҷлисҳои донишҷӯён барои баррасии масъалаҳои маишӣ, фарҳангӣ – оммавӣ, корҳои ҷамъиятӣ. Ин донишҷӯёни гурӯҳро наздик месозад, фазои мусоидро ба вуҷуд меоварад, дар онҳо рағбат ба муваффақияти коллективро тарбия менамояд, донишҷӯёнро ба фаъолияти иҷтимоӣ шавқманд месозад, ба рушди интиқод ва худтанқидӣ мусоидат менамояд.

Барқарорсозии иртиботи хуб ва мустаҳкам бо тарбиягирандагон

(донишҷӯён) тақвияти эътимод ба тарбиядиҳандаро дар назар дорад. Ва ин маънои онро дорад, ки иттилооте, ки аз муаллим дарёфт мешавад, аз ҷумла, иттилооти дорои аҳамияти ғоявӣ – ахлоқӣ, аз тарафи донишҷӯён чун маълумоти зарурӣ беҳтару хубтар қабул карда мешавад.

Бо назардошти таҳлили таҷрибаи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчунин, омӯзиши адабиёти педагогӣ оид ба ин мавзуъ, мо ба ин натиҷа расидем, ки якчанд тарзи чунин сафарбаркуниро ошкор намоем.

*Аввалан,* бояд он талабот ва сифатҳое нишон дода шаванд, ки зиёии муосир, мутахассиси баландихтисоси педагогӣ, роҳбари соҳаи маориф дорои он бошанд. Яъне донишҷӯёни имрӯза, ки дар оянда ҳамин мақомро соҳиб хоҳанд шуд.

*Сониян,* ҷавононро бояд муътақид сохт, ки бояд сари худ хеле боназокатона кор кунанд, ҳанӯз ба қуллаи матлуб нарасидаанд (аз ҷумла, аз нигоҳи худтарбиякунии ахлоқӣ) ва даргумон аст, ки ба қуллаи мурод расанд, чунки ба андозае, ки худро такмил медиҳанд, сатҳи талабот низ беш аз пеш баландтар мешавад.

*Севвум,* ба донишҷӯён бояд талқин кард, ки роҳи асосии такмил – худтарбиякунии мунтазам ва бетанафус мебошад.

Тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои дарсӣ оид ба забони хориҷӣ дар мактабҳои олӣ ду самти асосӣ дорад: боҳамалоқамандии самтгирии касбӣ ва ахлоқии мутахассиси оянда; ва роҳандозии фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯ дар асоси назарияи умумии фаъолият.

Амалисозии ин самтҳо бояд ҷанбаи мунтазам ва ҳадафмандона дошта бошад ва бо самтгирии ахлоқии тамоми раванди таълиму тарбияи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мувофиқа карда шавад. Тавре ки А.А. Зимняя таъкид менамояд, забони хориҷӣ бар хилофи дигар фанҳои таълимӣ, ҳам мақсад ва ҳам воситаи таълим мебошад. [41, с. 25-30]

Барнома оид ба омӯзиши забони англисӣ барои ихтисосҳои

ғайризабонии муассисаҳои таълими олӣ омодагии донишҷӯёнро барои хондани адабиёти асл доир ба ихтисос ҷиҳати дарёфти маълумот ва муошырати шифоҳӣ дар ҳаҷми пешбинишуда дар барномаро дар назар дорад. Таҷрибаи кори мо нишон дод, ки ба вуҷуд овардани фазои мусоиди психологӣ ҷиҳати бедор кардани шавқу рағбати донишҷӯй ҷиҳати омӯзиши забони хориҷӣ қисми таркибии фаъолияти педагогии омӯзгор ва василаи хуби роҳандозии тарбияи ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад. Ин ҷо метавон чунин корҳо, монанди созмондиҳии конфаронсҳои илмии донишҷӯён, маҳфилҳои мавзуӣ оид ба забони хориҷӣ, вохӯрӣ бо донишҷӯёни хориҷии таҳсилкунанда дар коллеҷ ва ғайраро ном бурд.

Ба ақидаи мо, дар кафедра мунтазам чоп кардани рӯзномаи деворӣ ва лавҳаҳои гуногун бо маводи ҷолиб ва ранга барои бедор кардани майлу рағбат ба омӯзиши забони хориҷӣ, нақши муайянро бозӣ мекунад.

Тамошо кардани филмҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ ба забони хориҷӣ ва баррасии онҳо дар машғулиятҳо низ барои кор дар ин самт фоиданок хоҳад буд. Дар айни замон, таваҷҷуҳи махсус ба таъсири ахлоқии ин мавод зоҳир карда шуд. Чунин тадбирҳо на танҳо барои баланд бардоштани фаъолнокии маърифатии омӯзандагон ва беҳбуди азхудкунии забони хориҷӣ аз тарафи онҳо шароитро фароҳам меоварад, балки асосро барои амиқшавии эътиқоди ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни таълим заминагузорӣ мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти муштараки омӯзгор бо кафедра (деканат, факултаҳо) дар ниҳояти амр, самаранокии таъсири ахлоқии фанҳои таълимӣ, аз ҷумла, забони хориҷиро таъмин мекунад. Худи ғояи ташаккули шуури ғоявӣ - ахлоқии шахсият, қабл аз ҳама, дар самти идеологии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ амалӣ мешавад.

Барои тарбиятгари ҷавонон будан, ба омӯзгор зарур аст, ки дар баробари фанни худро дар сатҳи хуб донистан, бояд дар самти илм корманди эҷодкор низ бошад. Яъне, ӯ бояд касби худро ҳамчун омӯзгор дӯст дорад ва

бо усулҳои содаю фаҳмо дониши худро ба донишҷӯён интиқол диҳад. Табиист, ки дар ин маврид обрӯю эътибори омӯзгор ва масъалаи вобаста ба он, яъне қолабшиканӣ (аз байн бурдани догматизм) дар таълим аҳамияти зиёд дорад.

Қолабшиканӣ дар таълим яке аз вазифаҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи ахлоқӣ мебошад. Омӯзгоре, ки бо дарси шавқовари худ донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи чизи наву номаълум иштиёқманд менамояд ва таълимдиҳандае, ки ҷасорати эҷодии ҷавонро мекушад, наметавонанд пайхас накунанд, ки донишҷӯён ба онҳо чи гуна муносибат мекунанд. Албатта, ҷавонон ба аввалиҳо майл мекунанд. Чунин омӯзгорон, маъмулан, «қарздор» надоранд. Аммо аз дуввумиҳо донишҷӯён худро канор мегиранд ва дар натиҷа, байни омӯзгор ва донишҷӯён ҳусни тафоҳум ба вуҷуд намеояд. Аз ин рӯ, дар гумон аст, ки аз чунин омӯзгорон (гарчи онҳо фанни худро медонанд) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, хусусан, коллеҷҳои соҳаи омӯзгорӣ фоида ба даст ояд.

Такмили кори методии таълим оид ба тарбияи донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ ба муаллимон имконият медиҳад, ки талаботи муосири баланд бардоштани сатҳи кори таълимӣ – тарбиявӣ ва илмӣ – тадқиқотӣ ва методии кафедраҳои забони хориҷиро иҷро намоянд ва имкониятҳо барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва сифатҳои ахлоқии муаллимони оянда самаранoктар истифода бурда шаванд.

Идоракунии раванди тарбияи ахлоқии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ ба интихоби илман асоснок ва истифодаи мазмун, шакл, метод ва усулҳои тарбия, ки бештар барои омӯзгори оянда самарабахшанд, асос ёфтааст. Ин имконият медиҳад, ки намунаи муайяни симои ахлоқии муаллими оянда бо назардошти ҳадафҳо ва вазифаҳои омодагии касбӣ – педагогӣ ва тарбияи донишҷӯён тарроҳӣ шавад.

Таъсироти тарбиявии раванди таълим аз як тараф, ба воситаи мазмуни фан ва аз ҷониби дигар, аз тариқи шахсияти омӯзгор сурат мегирад. Мазмуни

таълим воситаи муҳимми ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва асоси ғоявии ахлоқ мебошад. Ҷаҳонбинӣ ба тамоми унсурҳои зеҳни ахлоқӣ, ба эҳсосоти ахлоқӣ ва иродаи шахс таъсир мерасонад.

Барои ошкор намудани сохтори шахсияти тарбиядиҳанда, бояд баъзе масоили умумии моҳияти он равшан карда шавад. Мафҳуми «шахсият» мураккаб ва чандҷониба мебошад. Он вобаста аз мавқеи методологӣ, табиат ва мазмуни шахсият ба тарзи гуногун фаҳмида мешавад.

Шахсият офарида намешавад, шахсият шакл мегирад. Равоншиноси фаронсавӣ А.Перон навишта буд, ки инсон дар лаҳзаи таваллуд фақат номзад ба инсон аст, ба вай зарур мешавад, ки инсон буданро зимни муошират бо одамон омӯзад. Олими маъруф Г.А. Смирнов навиштааст: «Воқеияте, ки дар натиҷаи тарбия аз тарафи фард аз худ карда мешавад, ба пайванди дониш ва таҷриба, нуқтаи назар ва одате, ки фақат хоси ҳамин фард мебошад, табдил меёбад ва ин шахсро чун фард ва симои махсус тавсиф менамояд. [123, с. 58]

Тарбиядиҳанда, дар баробари анҷоми фаъолияти худ, ҳамеша ташкилотчӣ – созмондиҳандаи ҳар гуна тадбирҳо мебошад. Ба ӯ зарур аст, ки барои ташаккули ҷаҳони ботинии тарбиягирандагон шароити мусоид фароҳам биёрад.

Вазифаҳои имрӯзаи баланд бардоштани самаранокии раванди тарбияи насли наврас талаботи ҳар чӣ бештарро нисбат ба сатҳи касбӣ – педагогии тарбия, яъне маҳорат ва малакаи касбӣ ба миён мегузоранд. Ошкор намудани тамоми гуногунавъии маҳорати касбӣ, ҳамчунин қобилияте, ки асоси ташаккули онҳоро ташкил медиҳад, фақат дар сурате инмконпазир аст, ки ин сифатҳо ба асоси таҳлили мунтазамии фаъолияти педагогӣ баррасӣ карда шаванд.

Ба ҷумлаи қобилияти маърифатии педагог – тадқиқотчӣ, ҳамчунин, хотираи касбӣ, донишдӯстии педагогӣ ва фаросат дохил мешаванд.

Дар фаъолияти касбии омӯзгор, ҳамчунин, қобилияти гуногуни муоширатӣ, монанди одамдӯстӣ, дилсӯзӣ, муҳаббат ба кӯдакон, қобилияти

нуфуз кардан ба ҷаҳони маънавии шахс ва ҳамдардӣ кардан аҳамияти зиёд доранд. Меҳрубонӣ, таҳаммул, назокати педагогӣ, серталабӣ ва дигар қобилиятҳо заминаи маҳорат ва малакаи педагогӣ мебошанд, ки дар ҷараёни фаъолияти касбӣ ташаккул меёбанд.

Мазмун, ҳаҷм ва сохтори маҳорату қобилияти касбӣ – педагогии тарбиягар аз тарафи мо бо роҳи таҳлили мунтазами фаъолияти касбӣ муқаррар гардид. Он чун асос барои таҳияи барномаи ташаккули шахсияти омӯзгор дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ хизмат мекунад.

Ҳеҷ як аз коллектив наметавонад бе роҳбар ба таври одӣ фаъолият кунад, чунки кори муваффақонаи одамоне, ки якҷоя кор мекунанд, бе созмондиҳии дахлдори амали онҳо имконнопазир аст.

Роҳбар симои марказии коллектив аст, тамоми иттилоот ба вай мерасад ва амру супориш аз вай меояд. Вай ҳамроҳи ташкилотҳои масъул фаъолияти тамоми аъзои коллективро ҳидоят ва танзим менамояд, шароити муносибро барои рушди ҳар як шахсият фароҳам меоварад, ҷавононро чун мутахассиси оянда ва чун шаҳрванд тарбия менамояд.

Дар санадҳои давлатии солҳои охир дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ ду роҳи асосии баланд бардоштани сифати таълиму тарбия: – аввалан, такмил додани сифати китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимию тавсияҳои методӣ ва сониян, такмили маҳорати педагогӣ ва омодагии касбии омӯзгор зикр гардидааст.

Таҷрибаи педагогӣ қонуни ба истилоҳ айниятдиҳиро, ки дар психологияи иҷтимоӣ шакл гирифтааст, тасдиқ мекунад ва таҳти он раванди айниятдиҳии худ бо шахсе, фаҳмида мешавад, ки бо вай бештар муошират мешавад.

Дар адабиёти психологӣ – педагогӣ тайи солҳои охир тадқиқоти зиёди бахшида ба омӯзиши сифати омӯзгор, ки барои фаъолияти касбиаш муҳиманд, анҷом гирифтааст (Ю.К.Бабенский, Ф.Н.Гонобилин,

Н.В.Кузмина). Ҳамчунин, вақтҳои охир барои тақсимбандии сифати омӯзгори забони хориҷии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ кӯшишҳо шуда истодаанд (Н.В.Витт, М.Г. Каспарова). Ҳамчунин, хусусияти фан ва фарқияти ҷиддӣ дар сохтори фаъолияти педагогии омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (З.Ф. Есарова) имконият медиҳад, ки омӯзгори забони хориҷӣ ба сифати объект ҷиҳати тадқиқи мустақилона мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шавад.

Маҳорати омӯзгорро маҷмуи содаи дониш, қобилият ва малака шуморидан нашояд. Он бо типи шахсият, бо хусусиятҳои инфиродӣ – психологии омӯзгор, алоқамандии бевосита дорад. Аммо заминаи асосии фаъолияти самараноки омӯзгори забони хориҷиро, аслан, сифатҳои шахсии умумӣ ва зарурӣ барои кор дар ихтисоси мазкур ташкил медиҳад.

Аз ин ҷо хулосаи муҳимми амалӣ бармеояд, ки такомули омӯзгорони оянда ва навкор бояд на танҳо ба воситаи андӯхтани дониш, ки бештар вақт ҳамин тавр аст, балки бо роҳи худтарбиякунии касбӣ, яъне дар худ тарбия кардани сифатҳои барои кор зарурӣ амалӣ шавад. Талаботи алоҳида нисбат ба омӯзгори забони хориҷӣ аз тарафи методистҳо ва психологҳои кишварҳои гуногун дайн мешуд ва барои муайян намудани тамоми доираи талаботи касбӣ нисбат ба шахсияти омӯзгори забони хориҷӣ кӯшишҳо ба харҷ дода шудааст.

Ин феҳристи талабот аз ҷониби муаллифи тадқиқоти мазкур бештар ба таври назарӣ, ба асоси таҷриба ва мушоҳидаи шахсӣ тартиб дода шудааст. Илова бар ин, талаботи мазкур, маъмулан, фақат сохтори дониши педагогии омӯзгори забони хориҷиро кушода медиҳад ва ба хусусиятҳои шахсии вай, ки аксар вақт муаллимро «хуб» ё «бад» нишон медиҳанд, дахл надоранд.

Пайдарпайии баъзе сифатҳои зикршударо аз рӯи гурӯҳи муаллимон, донишҷӯён ва талабагон ба таври алоҳида баррасӣ менамоем. Чунин таҳлил имконият медиҳад, ки дарки маҳорати касбии муаллими забони хориҷӣ дар ҳар як гурӯҳи мусоҳибон ва ҷанбаи иҷтимоии он ошкор карда шавад. Аз ин

нигоҳ, махсусан, муқоисаи ақидаи донишҷӯён ва муаллимон дар бораи сифатҳои арзишманди муаллими забони хориҷӣ ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, чунки самаранокии таълим аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи мутобиқати тасаввурот, майл ва амали омӯзанда дар ҷараёни таълим вобаста аст. Аммо мушоҳидаи фаъолияти педагогии муаллимони забони хориҷӣ аз тарафи мо нишон медиҳад, ки сатҳи баланди донистани забони хориҷӣ (гарчи дар назари аввал чунин менамояд) на ҳама вақт сатҳи баланди дониш, забондонӣ ва маҳорати омӯзандагонро таъмин карда метавонад.

Тавре ки натиҷаҳои назарпурсӣ собит намуданд, *интиқоли дониш ва маҳорат ба шогирдон* вазифаи асосии иҷтимоии муаллим маҳсуб шуда, маҳорати интиқоли дониш, малакаи нутқ, забондонӣ, ҳамчунин, малакаи кори мустақилона бо донишҷӯён инъикоси фазилатҳои асосӣ ва шахсияти омӯзгори забони хориҷӣ ба шумор меравад.

Табиист, ки муаллим бояд забони хориҷиеро, ки таълим медиҳад, хуб донад. Масалан, донишҷӯён ба ин сифат *ҷойи чорумро* лоиқ донистаанд. Аммо хуб донистани забон аз тарафи муаллим бояд барои ҳадафҳои методӣ хизмат кунад, бояд ба ҳадафи асосӣ тобеъ бошад – яъне омӯзонидани талабагон аз рӯи тамоми хулосаҳои методӣ.

*Ҷойи севвумро* дар феҳристи умумии сифати касбии муаллими забони хориҷӣ *серталабӣ* ишғол мекунад.

Дар *ҷойи чорум* дар рӯйхати умумии сифати касбии муаллим *бедор кардани шавқу рағбати шогирдон ба омӯзиши забони хориҷӣ* қарор дорад. Аммо дар ҷавобҳои муаллимон ва талабагон ин сифат ҷойи нуҳумро ишғол мекунад, гарчи донишҷӯён ба он ҷойи чорумро ҷудо кардаанд (29% ҷавобҳо), ки комилан ба ҳақиқат рост меояд, чунки шавқу рағбат ба азхудкунии забони хориҷӣ нақши хеле муҳим бозӣ мекунад. Равшан аст, ки бедор кардани шавқу рағбати шогирдон ва кумак расонидан ба онҳо дар азхудкунии забони хориҷиро фақат муаллими дорои маърифати баланд ва соҳиби «захираи фарҳангӣ» карда метавонад.

Ҷойи тааҷҷуб аст, ки дар байни донишҷӯён ин сифат фақат ҷойи панҷумро ишғол мекунад. Ин маълумот аз он шаҳодат медиҳад, ки зоҳиран, дар мактаб, пеш аз ҳама, эътибору нуфуз доштани муаллим ба назар гирифта шудааст, яъне фақат қисмати якуми формулаи машҳури А.С. Макаренко дар бораи муносибати муаллим бо шогирд иҷро шудааст, ки гуфта буд: ҳадди ниҳоии (максимум) серталабӣ нисбат ба шогирд, ҳамзамон бо *ҳадди ниҳоии (максимум) эҳтиром* ба вай.

Бисёр донишҷӯён хусусиятҳои хоси дарси забони хориҷиро ҷудо кардаанд: пурмазмунӣ, гуногунии шакли дарсдиҳӣ, омӯзонидани дониши забонӣ ва ҳамзамон бо ин, икишофи малакаи нутқ, истифодаи васеи воситаҳои айёнӣ.

Дар *ҷойи панҷум* дар рӯйхати умумии сифатҳои арзишманди муаллими забони хориҷӣ *шавқ ба касб* қарор дорад, ки бе он албатта, наметавон дар таълим ба натиҷаи баланд расид.

Бояд зикр намуд, ки феҳристи умумии даҳ сифати бештар арзишманди муаллими забони хориҷиро *таҳаммул ва истодагарӣ (исрорварзӣ*) ҷамъбаст менамоянд. Натиҷаи умумии назарпурсӣ собит менамояд, ки барои донишҷӯён маҳз сифатҳои таҳаммул ва истогарии омӯзгори забони хориҷӣ дар муқоиса ба омӯзгорони фанҳои дигар муҳим ва арзишманд шуморида мешавад. Ба чунин омилҳо ба ақидаи мо, бояд инҳоро дохил кард:

1.Хусусияти синну солии донишҷӯй дар маҷмуъ.

2.Хусусияти шунавандагони мушаххас (курс, синну сол, ҷинс, таркиби миллӣ).

Профессор Ю.А. Самарин зимни қайд кардани омӯзиши нокифояи масъалаи қонунмандии рушди ҷавонон дар давраи ба истилоҳ дуввум (18 – 25 солагӣ), чунин мешуморид, ки сабаби ин, то гузаштаи наздик вуҷуд доштани ду ақида дар бораи ин давраи синну сол мебошад: [117, с. 16]

1.Пайравони ақидаи якум чунин мешуморанд, ки синну соли дуввуми ҷавонӣ фақат тамоюли ба истилоҳ синну соли калонии мактабӣ (аз 15 то 17

солагӣ) – ро рушд медиҳад.

2. Аз нигоҳи пайравони ақидаи дуввум, ҷавонӣ чун мушкилоти махсуси психологӣ – педагогӣ баъд аз давраи хатми мактаб вуҷуд надошта, масъалаи мазкур таҳлили алоҳидаи усули тарбияро тақозо мекунад.

Бо такя ба таҷрибаи шахсии чандинсолаи муҳаққиқони соҳаи мазкур зимни суҳбат бо омӯзгорон ва донишҷӯён, чунин шуморидан мумкин аст, ки давраи дуввуми ҷавонӣ дар ҳақиқат инкишофи минбаъдаи давраи аввал, яъне синни калони мактабӣ мебошад. Аз сӯйи дигар, давраи дуввум чун қисми таркибии мафҳуми умумии «камолот» ба ҳар ҳол, хусусияти хоси худро дорад, ки онро аз давраи дертари комолот фарқ мекунонад.

Бояд зикр намуд, ки таълими забони англисӣ дар пайванд бо истифодаи матнҳои дорои мазмуни байналмилалӣ, умумибашарӣ аҳамияти зиёд дорад. Албатта, метод ва усулҳои таълим низ нақши муҳим бозӣ мекунанд. Аммо агар моҳияти таълимро чун раванди дуҷониба – яъне таълимдиҳанда ва таълимгиранда, ба назар гирем, табиист, ки нақши ҳалкунандаро омӯзгор – таълимдиҳанда ва ҷараёни таълим бозӣ мекунад.

Сухан на танҳо дар бораи интихоби махсуси матнҳо, балки дар бораи баррасӣ (дастҷамъона) ва шарҳи матнҳо меравад. Дар ҷараёни чунин шарҳ, омӯзгор бояд ба мустақилӣ, худомӯзӣ ва худтарбиякунии донишҷӯён такя намояд.

Тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии донишҷӯ омили ташаккулдиҳандаи шахсияти вай, қабл аз ҳама, эътиқоди ахлоқии ӯ мебошад. Дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ тамоми маҷмуи фанҳо (тахассусӣ ва ғайритахассусӣ) ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки дониш дар бораи усулҳои ахлоқӣ, меъёрҳои зиндагӣ ва малакаи амалиро дарёфт намоянд, ки батадриҷ асоси ахлоқии вайро шакл медиҳанд.

Маҳз дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ бо кумаки муаллим дар донишҷӯён мафҳум дар бораи эътиқоди ахлоқӣ, талаботе, ки дар сурати шароити мусоид ба малака ва қобилият табдил меёбанд ва баъдан, дар

алоқамандӣ бо якдигар рафтор ва меъёри зиндагӣ мегарданд, ташаккул меёбанд, рушд меёбанд ва такмил дода мешаванд.

Маврид ба зикр аст, ки омӯзиши забони русӣ дар кулли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст. Тавре ки медонем, аксари донишҷӯёни соли аввали муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки бештари онҳо парвардаи деҳот мебошанд, бинобар сабаби норасоии омӯзгорони забонҳои хориҷӣ дар мактаби миёна аз омӯзиши забони англисӣ дур монда, дар вақти таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешуданд.

Муассисаи таҳсилоти касбӣ, ки хусусиятҳои худ – коллективҳои омӯзгорон ва донишҷӯёнро дорад, барои донишҷӯи соли аввал муҳити махсусе мегардад, ки дар он ҷо қоидаҳои рафтори худ ва фаъолияти гуногунавъ вуҷуд доранд.

Омӯзиш ва таҳлили масъала собит месозад, ки ташаккули сифатҳои ахлоқӣ метавонад дар машғулиятҳои амалии забони англисӣ сурат гирад. Барои ин интихоби дурусти маводи дидактикӣ аз тарафи омӯзгор бо методикаи дахлдори дарсдиҳӣ муҳим аст. Ҳамчунин, тавре ки қайд карда шуд, ҳамеша дар назар гирифтани ҷанбаи дуҷонибаи ҷараёни таълим муҳим аст. Аз як тараф, ин фаъолияти муаллим – яъне, дарсдиҳӣ ва аз ҷониби дигар, фаъолияти донишҷӯ – яъне, дарсхонӣ. Ҳар ду ҷониб алоқамандии наздик доранд ва ба раванди томи ташаккули шахсият мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, таълими забони хориҷӣ ба ташаккули фарҳанги маънавию ахлоқӣ ва тафаккури мантиқӣ мусоидат намуда, хотираро қавӣ мегардонад. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки он дар васеъшавии ҷаҳонбинии шахс ва фарҳанги умумиии он нақши муассир дорад. Раванди азхудкунии забон донишҳои назариявии касбӣ, малакаҳои тарбиявию ташкилотчигӣ, тарбиявию зеҳнӣ, тарбиявию иттилоотӣ, тарбиявию коммуникатсиониро такмил медиҳад. Илова бар ин, омӯзиши забони хориҷӣ дар ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ нақши муҳим дошта, ба таҳкими маънавиёти шахс таъсир

мерасонад. Дар ҷомеаи муосир донистани забони хориҷӣ рейтинги мутахассисро дар ҳар як соҳа боло бурда, ӯро рақобатпазир мегардонад, барои иҷрои муваффақонаи вазифаҳои касбияш шароит фароҳам меорад.

## Хулосаи боби якум

1. Аз таҳлилҳои боло хулосае бармеояд, ки таҳкими истиқлолият ва рушди давлати демокративу дунявӣ, таъмини фазои ором ва суботу низом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз тавассути тарбияи насли донишманд, ҷасуру хушахлоқ ва эҷодкору ватандӯст муяссар хоҳад шуд. Бояд зикр намуд, ки масъалаи ахлоқ ва тарбияи маънавии насли наврас дар ҳамаи кишварҳо, аз ҷумла дар ҷумҳурии мо низ, мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқи олимону мутахассисон қарор дорад. Мавзуи мазкур муҳим ва фарогир буда, мавриди баррасии илмҳои фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар замони рушди илму фалсафа дар кишварҳои аврупоӣ ва дар давраи шуравӣ низ дар ин самт тадқиқотҳои муҳим анҷом дода шуда, асарҳои зиёд нашр гардидаанд. Аз ҷумла, таҳқиқотҳои замони муосири олимони тоҷик собит месозанд, ки омӯзиш ва таҳлили ҳаёти маънавии ҷомеа, хусусан, муносибати насли ҷавон ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, дар ин самт таълифоти зиёде дастраси аҳли ҷомеа гардидааст.

Таҳлиҳо собит месозанд, ки дар байни андешаҳои мутафаккирони замони қадим ва муосир як умумияте вуҷуд дорад, ки онҳоро муттаҳид менамояд ва тибқи он дарки табиати инсон бидуни дарки меъёрҳо ва арзишҳои инсонӣ, робитаи куллии ҷанбаҳои инкишофи шахсият, қабл аз ҳама, бо тарбияи маънавию ахлоқӣ ғайриимкон аст.

2. Дар шароити кунунӣ масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён, хусусияти ҷиддӣ ва мубрам гирифтааст. Дарки моҳияти маънавию ахлоқӣ чун арзиши муҳим ва муайянкунанда барои

омӯзгор ва донишҷӯй, ҳамчунин, таҳкими шаклу усулҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ аз самтҳои калидии кори тарбиявӣ маҳсуб мешавад. Чунин дарки масъала набояд ҳам дар шуури тарбиятгар ва ҳам дар зеҳну тафаккури тарбиятгиранда низ муносибати нав ва созандаро ба вуҷуд биёрад. Дар ин маврид омӯзгор шогирдро ба роҳи камолоти маънавӣ раҳнамоӣ карда, ҳамзамон, худаш ҳам бо ин роҳ пеш меравад. Дар ин самт нишон додани роҳу василаҳои имконпазири расидан ба қуллаҳои ахлоқ бояд чун вазифаи муҳим эътироф шавад. Дар ин маврид яке аз мушкилоти мубрам бедор намудани худшиносии маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯ, ҷустуҷӯҳои маънавии ӯ дар самти муносибат бо олами беруна, арзишҳои олӣ ва худи фард мебошад. Ҷустуҷӯҳои амалишуда метавонанд аз он чизе, ки дар аввал пешбинӣ шуда буд, падидаҳои комилан нав ва фарқкунадаро пайдо кунанд.

Имрӯз зарурати дарки амиқи назариявӣ ва методологияи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон пеш омада, инкишофи муносибати ҳамаҷониба ва дар амал татбиқ намудани он аҳамияи муҳим пайдо намудааст. Оҳиста-оҳиста марҳалаи нави рушди ҷомеа, ки бо тағйирёбии тафаккури шахсият ва самтҳои арзишманди насли наврас алоқаманд аст, оғоз меёбад. Рушди технологӣ ба он оварда мерасонад, ки одамон дар бораи такмили рӯҳонӣ фикр намекунанд ва ҷанбаи ахлоқии амалҳо камтар мавриди таваҷҷуҳи онҳо қарор мегирад. Чунин зуҳуроти ахлоқ монанди дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром ва ғайра, мутаассифона, аз мадди назар дур мемонанд. Зарурат ба тарбияи одами дорои маънавиёти ғанӣ, ахлоқи баланд, ки қобилияти на танҳо истеъмол кардан, балки эҷод кардан кардан ҳам дошта бошад, рӯз аз рӯз меафзояд.

3. Ташаккули ахлоқ ва шахсияти донишҷӯ маҳз дар ҷараёни фаъолият шакл мегирад, зеро ки шаклҳои фаъолият ба унсурҳо ва самтгирии ахлоқӣ робитаи зич дорад. Дар ҷараёни фаъолият донишҷӯён ба робитаҳои ахлоқие ворид мешаванд, ки дар асоси меъёрҳо ва талаботи мавҷудаи ахлоқӣ бунёд ёфта, бо усулҳои ахлоқӣ танзим мешаванд. Зимни тарбияи донишҷӯён

омӯзгорон онҳоро меомӯзонанд, ки фурӯтан, масъулиятшинос, содиқ, меҳнатдӯст, ватандӯст, ҳамчунин, дар муносибат бо одамон меҳрубон бошанд.

Ҳадаф ва вазифаи ниҳоии тарбияи ахлоқии мутахассисони оянда дар ҳар кадоми онҳо ташаккул додани мавқеи фаъоли ҷамъиятӣ мебошад. Тамоми вазифаҳои тарбияи ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар иртибот ва ягонагии наздик ҳаллу фасл мешаванд.

4. Имрӯз дар назди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои хеле муҳим – баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ба таври бунёдӣ беҳтар кардани тарбияи ахлоқӣ, мунтазам дар донишҷӯён ташаккул додани малакаи ҳимоя кардан аз арзишҳо ва эътиқоди ахлоқии худ ва ғайраҳо қарор доранд. Дар ин замина ҳар як фан дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар ҳалли вазифаҳои наздаш гузошташуда нақши муайяне бозӣ мекунад, ки дар ин раванд забони хориҷӣ низ дар канор нест.

Ҳаллу фасли вазифаҳои амалӣ дар ягонагӣ бо вазифаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ барои методикаи дарсдиҳии забонҳои хориҷӣ хос аст, ки дар он, ҳамзамон, бо аз худ кардани забони мушаххас ва баланд бардоштани саводи лингвистии зарурӣ барои ҳар як шахси бофарҳанг, ҳамчунин, ошноии амиқтар бо арзишҳои фарҳангии кишварҳои Аврупои ғарбӣ ва дастовардҳои онҳо дар соҳаҳои гуногуни илму техника, инкишофи малакаи истифодаи адабиётӣ иттилоотӣ, тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, меҳнатдӯстӣ ва ташаккули қобилияти кори мустақилона бо китобро низ пешбинӣ менамояд.

Донишҷӯён дар раванди таълим бояд чунин хулосаеро ҳосил намоянд, ки ташаккули сифатҳои диққат, хотира, тафаккур ба онҳо имкон диҳад иттилооти мунтазам навшавандаро мустақилона аз худ намоянд, чунин қобилият ва малакаҳоеро инкишоф диҳанд, ки пас аз хатми таҳсил ҳам барои қафо намондан аз прогресси босуръати илму техника мусоидат намоянд.

Ҳамчунин, ташаккули чунин хислатҳо, монанди мақсаднокӣ, масъулиятшиносӣ, суботкорӣ, фаъолнокӣ ва ғ. барои ба узви арзандаи ҷамъият табдил ёфтани онҳо кумак хоҳанд расонд.

# БОБИ 2. МАЗМУН ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

## 2.1. Ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ

Таълими забонҳои хориҷӣ дар раванди тарбияи ахлоқии ҷавонон нақши муҳим дошта, барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҳисси худшиносии онҳо имкониятҳои мусоид фароҳам меорад. Самарабахшии татбиқи онҳо дар низоми машғулиятҳои дарсӣ аз созмондиҳии миллии фаъолияти ҳам омӯзгор ва ҳам донишҷӯ дар асоси барномаҳои таълимии ба баланд бардоштани сатҳи тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар раванди фаъолияти маърифатӣ – иртиботӣ равонашуда вобаста аст.

Ҳадафи асосии тадқиқоти мо дар ин марҳила аз санҷиши тарзу усулҳои назариявӣ ва амалии азхудкунӣ, амиқсозӣ ва ғанисозии шуури ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълим ва омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) иборат мебошад.

Дар ҷараёни такмили тарбияи ахлоқӣ дар машғулиятҳои дарсии забони хориҷӣ, боҳамалоқамандии фаъолияти педагогии омӯзгор ва фаъолияти маърифатӣ – иртиботии донишҷӯён мавриди назар гирифта шуд. Бо чунин фаъолияти муштарак дар мавриди омӯзиши маводи таълимии забони хориҷӣ дар як замон ҳам вазифаи таълимӣ ва ҳам вазифаи тарбиявӣ ҳаллу фасл шуданд.

Дар раванди омӯзиш, қабл аз ҳама, интихоби амалиёти махсус (усулҳои муошират ва тарбия) мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шуд, ки ҳадафи он фароҳам овардани замина барои амалҳои зеҳнии тарбиягирандагон, аз қабили далел овардан, рад кардан, муқоиса кардан, таҳлил кардан, синтез намудан ва ғайра ҷиҳати ҳалли вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ буд.

Намуди кор ва маводе, ки ба донишҷӯён пешниҳод карда шуд, дастрас буданд ва сарфи вақти иловагиро талаб намекарданд. Диққати асосӣ ба шаклдиҳии аниқ ва равшани вазифаҳо, ҳамчунин, тафтиш ва баҳодиҳии саривақтӣ ба иҷрои ин вазифаҳо зоҳир карда шуд, чунки тавре ки маълум аст, баҳодиҳӣ ва назорат донишҷӯёнро шавқманд месозад, рағбати онҳоро ба иҷрои вазифа бештар месозад.

Қабл аз шуруъ намудан ба таҳлили масъалаи ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ тасмим гирифтем, ки аввалан, сатҳи фаҳмиш ва дарки донишҷӯён, инчунин, тасаввуроти онҳоро дар хусуси мафҳуми “тарбияи ахлоқӣ” мавриди омӯзиш қарор диҳем. Бо ин мақсад мо ба донишҷӯён ба саволи **“Тарбияи ахлоқиро чи гуна мефаҳмед?”** муроҷиат намуда, ҷавобҳои гуногунро пешкаш намудем
то ки онҳо дар интихоби ҷавоб ба мушкилӣ дучор нашаванд ва ҷавобҳоеро интихоб намоянд, ки мавқеъ ва муносибати онҳо ба ин падидаи маънавӣ муайян шавад.




***Диаграммаи 9. Ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён***

Тавре ки аз натиҷаи назарсанҷӣ бармеояд, мусоҳибон масъалаи муносибат ба сиёсати давлат, ба ватан, ба кишварҳои дигар, ватандӯстӣ, риояи эҳтиром ба одамони атороф ва аҳли ҷомеаро чун падидаи маънавию ахлоқӣ дар ҷои аввал (32%) мегузоранд. Дар муносибати ҷавонон ба мафҳумҳои ахлоқӣ фазилатҳои дигари инсонӣ аз қабили меҳнатдӯстӣ, меҳнати софдилона барои ҷомеа, интизоми меҳнат ва дар маҷмуъ муносибат ба меҳнат чун амалҳои арзишманди ахлоқӣ барои тарбияи ахлоқӣ муҳим арзёбӣ шуданд.

Таҳлили муқоисавии ҷавобҳо ба саволи мазкур нишон медиҳад, ки назари донишҷӯён ба дигар мафҳумҳои дорои хусусияти маънавию ахлоқӣ, аз он ҷумла, дастовардҳои моддию маънавии ҷомеа, фарҳанги экологӣ (17%), муносибати байни одамон, коллективизм, гуманизм, маданияти муошират, дӯстӣ, эҳтироми якдигар (18%), муносибат бо худ, бовиҷдонӣ, ҳақиқатгӯӣ, хоксорӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ, ҷиддият (9%) ва ғайраҳо тақрибан баробар буда, метавон хулосагирӣ кард, ки фаҳмиш ва тасаввуроти онҳо доир ба тарбияи ахлоқӣ қонеъкунанда мебошад.

Масъалаи дигаре, ки дар ин қисмати кор мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифт, ин таъсири омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, дар тарбияи ахлоқии ҷавонон мебошад. Гап сари он меравад, ки худи ҷавонони донишҷӯй ташаккули тарбияи ахлоқиро дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ чӣ гуна дарк ва арзёбӣ мекунанд.

Вобаста ба ин, ба донишҷӯён ба саволи навбатӣ – **“Машғулиятҳои забони англисӣ чи гуна дар тарбияи ахлоқӣ таъсир мегузорад?”**– муроҷиат намудем. Барои ҷавоб ба ин савол ба мусоҳибон се ҷавоб пешниҳод гардид, ки чунин натиҷагирӣ шуд:




*Диаграммаи 10. Равобити омӯзиши забони англисӣ ва ташаккули шуури ахлоқӣ*

Таҳлили натиҷаи ҷавобҳо нишон дод, ки донишҷӯён равобити омӯзиши забони англисӣ ва ташаккули шуури ахлоқиро дар ҷараёни таълим дарк мекунанд ва дар ин раванд нақши “дарсҳои омӯзгорон”-ро муҳим арзёбӣ намуда, 52% инро тасдиқ намуданд.

Аз назари мусоҳибон омилҳои дигаре, ки дар тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар раванди таҳсил нақши муассир дорад, ин “хондани китобҳои бадеӣ ба забони англисӣ” (28%) ва “машғулиятҳои беруназдарсӣ” (20%) мебошад, ки масъалаи мазкур дар поён мавриди таҳлил ва баррасии васеъ қарор хоҳад гирифт.

Кори тадқиқотии мо, ҳамчунин, истифодаи маҷмуи махсуси вазифаю супоришҳои дорои самти забонӣ ва нутқиро бо назардошти тадриҷан мураккбтар кардани онҳо дарбар гирифт. Машқҳои забонӣ ба тақвияти лексикаи омӯхташаванда ва сохторҳои асосии грамматикии хоси матни махсус равона шуда буданд. Дар айни замон мо таваҷҷуҳи асосиро ба таносуби кори соф машқӣ ва бошуурона ҷалб кардем.

Мақсади машқҳо тақвияти маводи таълимии забонии дорои ҷанбаи ахлоқӣ ва дохил намудани он ба нутқ мебошад, ки истифодаи эҷодкоронаи онро талаб менамояд.

Дар зер мо намунаҳои тахминии супоришҳои дорои ҷанбаи забониро пешниҳод менамоем:

1) воҳидҳои лексикӣ ва сохторҳои грамматикиро муайян намоед;

2) калима ва ибораҳои зарурӣ барои кор бо матни дорои ҷанбаи ахлоқиро интихоб намоед;

3) матнро хонед ва ҷумлаҳоеро, ки ба ақидаи шумо ҷанбаи ахлоқӣ доранд (масалан, ватандӯстӣ, башардӯстии одамон ва ғайраро инъикос менамоянд) ҷудо намоед;

4) ҷумлаҳои ҷудокардаатонро аз нигоҳи сохторӣ тағйир диҳед;

5) ҷумлаи баъдиро бо истифодаи лексикаи мазкур мукаммал намоед;

6) дар матн калимаҳои синонимӣ ва антонимиро барои калимаҳо ва ибораҳои минбаъда ёбед;

7) аз байни як қатор ҷумлаҳо, он ҷумлаҳоеро интихоб намоед, ки дар онҳо масалан, дар бораи шараф, номус, интернатсионализм ва ғайра гуфта мешавад.

Машқҳои нутқии истифодабурдаи мо ба инкишофи фаъолияти фикрии донишҷӯён равона шуда буд, чунки бе ин фаъолияти нутқии забони хориҷӣ номумкин аст. Ин машқҳо ба ақидаи мо, ҳамчунин, ба ташаккул ва амиқсозии эътиқоди ахлоқии ҷавонон мусоидат мекунанд. Ба чунин машқҳо инҳо дохил мешаванд:

1) матнро хонед (гӯш кунед) ва ба саволҳои гузошташуда ҷавоб диҳед;

2) гуфтаҳои омӯзгорро (рафиқони худро) гӯш карда, дар нутқи худ истифода баред;

3) матни хондашуда (гӯш кардашуда) – ро шарҳ диҳед ва ба он баҳо диҳед;

4) аз байни якчанд ҷумла, ҷумлаҳоеро интихоб намоед, ки бо матни

омӯхташаванда мутобиқат доранд;

5) калимаҳои калидӣ ва ибораҳоро барои дастрасӣ ба ҳадафҳои гузоштаи омӯзгор ҷудо намоед;

6) бо истифода аз унсурҳои нақшофаринӣ, дар мавзуи додашуда муколима ё суҳбатро тартиб диҳед.

Дар кори тадқиқотии мо аксарият матнҳои мавзуии забони англисӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таъин шудаанд. Дар бораи он ки санҷиши мо амалан чи гуна гузаронида шуд ва натиҷаҳои он чи гуна буд, қисмати муайяни онро дар мисоли дарс бо донишҷӯёни соли дуввуми Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории Доншгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" дар мавзуи шифоҳии Тоҷикистон (Tajikistan) муфассалан нишон медиҳем. [68, с. 5-16]

**About a hundred years ago in old Tajikistan there was no industry and miserable agriculture. There were no roads, schools, art, even the name Tajikistan was lost. Today in Tajikistan there are many secondary (65) and 47 higher educational institutions - a state university, a polytechnic and agricultural institutes, four pedagogical universities, an institute of Russian language and literature, an institute of arts and culture. Students of these institutes are children of workers, peasants and employees. In the National Academy of Sciences of Tajikistan (2023) there are 22 research institutes, and the total staff is more than 2072 physicists, mathematicians, biologists, chemists, geologists, economists, historians, philologists, etc.** [98] **The Tajik aluminum plant in Tursun-Zade, one of the largest in our republic. The largest hydroelectric power station in Central Asia is built in Nurek, and an even larger power station in Rogun is being built on the Vakhsh. In agriculture, Tajikistan concentrates on cotton.**

**Tajikistan has contacts with public organizations in many countries of the world, and especially close ties with friendship societies in Russia, France, Austria, Czechoslovakia, Bulgaria, Lebanon, Afghanistan, Iran, Iraq,**

**Yugoslavia, America, England, India, Pakistan, etc. During the period of state independence, Tajik actors, dancers, singers, musicians have performed in more than forty countries. Everything that we have today - cities, factories, research centers, hospitals, universities, modern farms - is the result of friendship. The people of Tajikistan do not want war. They are fighters for peace and disarmament.**

Қабл аз омӯзиши мавзуи мазкури шифоҳӣ, мо нуктаҳои асосии ахлоқии матнро ҷудо кардем, ки аз нигоҳи таъсири ахлоқӣ донишҷӯён (ё гурӯҳи донишҷӯён) ба ин нуктаҳо бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд: аз рушди ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти давлатӣ ифтихор намудан; ҳамдигарфаҳмӣ ва муттаҳидии тамоми халқҳои сокини ҷумҳурӣ; ҳамкорӣ ва майли дар шароити сулҳ зиндагӣ кардан бо тамоми халқҳои ҷаҳон; орзуи одамон барои сарватманд ва хушбахт дидани диёри худ.

Пеш аз он, ки омӯзгор ба донишҷӯён матнро дар мавзуи «Душанбе – шаҳри ман» пешниҳод намояд, бояд ба донишҷӯён фаҳмонида шавад, ки дар ҷараёни кор бо ин матн онҳо метавонанд бори дигар тасаввур намоянд ва барои худ ошкор кунанд, ки Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ ва дар даврони истиқлол чи гуна рушд ёфтааст, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ барои мардум аз нигоҳи маънавию ахлоқӣ ва физикӣ чи гуна мушкилу сангин буданд.

Баъдан, мо воҳидҳои лексикиро аз рӯйи нуктаҳои ахлоқии матн ҷудо кардем. Масалан: capital, country industrial, development, educational establi3ments, friendship, miserable agriculture, etc.

Барои тақвияти маводи ҷудокардаи забонӣ масалан, намудҳои зерини супоришҳо истифода бурда шуданд:

**1. ind in the text synonyms for...}**

**2. Give suasion equivalents for...}**

**3 Translate the following words into Russian}**

**4. Translate the following phrases into ussian}**

**5. omplete the sentences using the words from the text...**

Азбаски ҳадафи тадқиқоти мо густариш ва амиқсозии дониш ва эътиқоди ахлоқии донишҷӯён бо истифодаи забони хориҷӣ мебошад, мо минбаъд як силсила машқҳои ба ташаккули қобилият оид ба ҷудо кардани иттилооти дорои ҷанбаи ахлоқӣ ва интиқоли онҳо ба нутқ равонашударо истифода бурдем. Яъне:

**1. Масалан, матраҳ намудани маҷмуи саволҳои самтгиришуда ба ҷудо намудани иттилооти дорои ҷанбаи ахлоқӣ аз матн, масалан:**

**A. 1. When did Tajikistan become a Soviet Socialist Republic?**

**2. How was Tajikistan a Republic before the October Revolution?**

**3. When did Tajikistan gain state independence.**

**4. How many schools and higher educational institutions were there in Tajikistan before the Great October Revolution?**

**B. 1. Is Dushanbe, the capital of Tajikistan, an ancient city?**

**2. What do you know about the heroic deeds of the Tajik people to defend their homeland?**

Кор бо ҷумлаҳои алоҳидаи дорои ҷанбаи ахлоқӣ:

**Tajikistan has contacts with public organizations in 110 countries, and especially close ties with friendship societies in Russia, America, England, India, Afghanistan, Iran, Iraq, Afghanistan, etc. Everything we have today - cities, factories, research centers, hospitals, universities, modern schools - is the result of friendship between Russia, Ukraine, Belarus, Uzbekistan and other republics. The people of Tajikistan want to live in peace and friendship with the peoples of all countries.**

Дар марҳалаи дуввум санҷиши такрории сатҳи тарбияи ахлоқӣ барои дарёфти маълумоти муносиб дар коллеҷи Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории Доншгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” сурат гирифт. Мо барномаи дахлдори омӯзиши сатҳи тарбияи

ахлоқии донишҷӯёнро таҳия кардем. Барои ошкор намудани ин сатҳ истифодаи се гурӯҳи саволҳо пешниҳод карда шуд:

Гурӯҳи аввал, барои муайян намудани дониш дар бораи масъулияти ахлоқӣ дар намуди мушаххаси фаъолият таъйин карда шудааст. Се аломати саволнома (анкета) имконият медиҳанд, ки мусоҳиб ба фаъолияти худ аз нигоҳи ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ баҳогузорӣ намояд. Масалан, чунин намуди савол пешниҳод шудааст:

***«Ин ё он фаъолият оид ба амалисозии уҳдадориҳои худ барои ҷомеа, гурӯҳ, шахсият чи аҳамият дорад?».***

Ҷавоб ба ҳар се аломат маънои дониши мукаммал, ба ду савол ғайрикомил ва ба як савол маънои нопурраро дорад.

Гурӯҳи дуввум, ба омӯзиши сабабҳои водоркунандаи уҳдадориҳои ахлоқӣ таъйин шудааст. Масалан, чунин савол пешниҳод карда шуд:

***«Сабабҳои асосии водоркунандаи (на бештар аз се сабаб) Шумо барои иштирок дар кори фоиданоки ҷамъиятиро номбар кунед».***

Зикри ҳар як аз аломатҳо – «ҷамъиятӣ», «гурӯҳӣ», «шахсӣ» бо як хол (балл) баҳогузорӣ мешавад.

Гурӯҳи севвум ба омӯзиши аломати масъулияти ахлоқӣ – омодагии тобеъ кардани манфиати шахсӣ ба ҷамъиятӣ ва доштани ҷанбаи ахлоқӣ, ихтилофӣ, проблемавӣ дар шароити интихоби озод, ки асоси онро қарори ҳамдигарро истиснокунанда – ҷамъиятӣ ва шахсӣ ташкил медиҳад, равона карда шудааст.

Ҷавоби дуруст ва мутобиқ бо эътиқоди муайяни ахлоқӣ аз донишҷӯ ҳал кардани супориши ахлоқиро талаб менамуд.

Бо мақсади муайян намудани муносибати донишҷӯён ба таҳсил ва касби интихобнамудаашон ба донишҷӯён ба саволи “Муносибати худатонро ба таҳсил чӣ гуна тавсиф мекунед?” муроҷиат намудем.




***Диаграммаи 11. Муносибати донишҷӯён ба таҳсил ва касби интихобнамуда***

Ин ҷо мо тамоилеро мушоҳида мекунем, ки айни ҳол дар аксари кулли муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ ҷараён дорад. Сабаби ин, қабл аз ҳама, дар сатҳи паст қарор доштани масъалаи интихоби касб ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар шуури хонандагон ҳанӯз ташаккул наёфтани шуғлиояндаи ӯ ва меҳру муҳаббат ба касбу кор мебошад. Вобаста ба ин, теъдоди зиёди довталабони мактабҳои олӣ ё коллеҷҳо ҳангоми дохилшавӣ таваккалӣ ҳуҷҷат супорида, дар ҷараёни таҳсил кӯшиш мекунанд, ки ба ихтисосҳои дигар интиқол шавад ё худашро бо он таскин медиҳад, ки баъди хатм бо ин ихтисос кор намекунад. Тавре ки натиҷаи тадқиқоти мо нишон медиҳад, 42 фоизи мусоҳибон таҳсил дар коллеҷҳоро барои вақтгузаронӣ интихоб менамоянд. Воқеан, раванди мазкур боиси нигаронӣ буда, мавриди он расидаст, ки Вазорати маориф ва илми

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои пешгирӣ намудани ин зуҳуроти барои низоми тахлиму тарбия зараровар тадбирҳои муфид ва зарурӣ андешад.

Дар радифи омилҳои пешбари таъминкунандаи тарбияи ахлоқии донишҷӯён бояд раванди таълимро бо назардошти ин, ки он (таълим) шакли асосии фаъолияти донишҷӯён ва объекти саъю талоши муҳими ҳаётии онҳо маҳсуб мешавад, қайд кард.

Усули тарбиядиҳандаи таълим яке аз муҳимтарин усулҳои педагогика мебошад. Он иртиботи таркибиро байни дарёфти дониш, қобилият, малака аз тарафи донишҷӯён ва ташаккули шахсияти онҳоро дар назар дорад.

Таҳлили адабиёти илмию педагогӣ собит месозад, ки масъалаи тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди омӯзиш ва баррасии муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Дар адабиёти педагогӣ (Н.И. Болдирев, З.И. Василева, И.С. Маренко, Э.И. Моносзон ва аз олимони тоҷик Қодиров Қ., Лутфуллоев М., Нуров А., Раҳимов Б., Рахимзода, Х., Маджидова Б., Каримова И.Х., Гулмадоф Ф., Авзалов Х.) масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ, асосан, дар раванди таълими хонандагони мактаби миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аммо таъсири раванди таълим ба ташаккули тарбияи ахлоқии донишҷӯён, хусусан, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Дар ин миён, агар тарбия дар раванди таълим худ ба худ (стихиявӣ) сурат гирад, натиҷаи он тафовут байни сатҳи донишу маърифатнокӣ ва ботарбия (боадабӣ) шудани донишҷӯён мешавад. Бояд таъкид кард, ки тарбияи ахлоқӣ барои донишҷӯёни соли аввал аҳамияти муҳим дорад, чунки маҳз дар соли аввал муносибати шахси ҷавон ба таълим муайян мешавад. Бояд гуфт, ки мавҷудияти тафовут байни сатҳи назарияи педагогӣ ва талаботи амалия дар самти мазкур имконият дод, ки кори тадқиқотии худро чунин шаклбандӣ намоем: шароити педагогии тарбияи ахлоқии донишҷӯёни соли якум дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ чи гуна

аст?

Дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ тарбияи ахлоқӣ бо чунин роҳҳо амалӣ мешавад:

1) истифодаи мисолҳо аз ҳаёт ва фаъолияти олимони маъруф, арбобони ҷамъиятии машҳур, қаҳрамонону собиқадорони меҳнат;

2) нишон додани бартарии низоми демократӣ, ҳадафҳои инсонии истеҳсолот ва рушди илму техника;

3) ошкор намудани сиёсати давлат дар сатҳи байналмилалӣ ва ғайра.

Ҳамчунин, тарбияи ахлоқии донишҷӯён ба фаъолияти онҳо робитаи мустақим дошта, бояд ба фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро ки роҳандозии тарбияи амиқи ахлоқӣ тавассути тадбирҳои алоҳида камтаъсир ва, ҳатто, ғайриимкон аст.

Агар тамоми фаъолияти ҳаётии одамон дар коллектив дар асоси оқилона ва мунтазамӣ бунёд ёбад, он гоҳ тасаввурот ва мафҳуми ахлоқӣ бо таҷрибаи худии ҳаётии ҳар як аъзои коллектив пайванд мeёбад ва эътиқод решаи ахлоқиро дар эҳсосот, талабот ва одат пайдо мекунад.

Серталабӣ низ дар созмондиҳии кори тарбиявӣ нақши ҷиддиро бозӣ мекунад. Аммо талаботро бояд фаҳмонид, исбот кард ва асоснок намуд. А.С. Макаренко навишта буд: «Бе талаби содиқона, шаффоф, боэътиқод, бохурӯш ва қатъӣ наметавон тарбияи коллективро оғоз кард ва касе, ки мехоҳад бо дудилагӣ, хушомадгӯӣ, розикунонӣ корро сар кунад, иштибоҳ менамояд. [63, с.167]

Масоили ахлоқӣ аксар вақт мавзуи баҳсу баррасӣ дар коллектив, дар ҷаласаҳо ва машваратҳо мебошад. Баҳона барои ин, рафтори донишҷӯёни мушаххас мешавад, ки дар он ҷанбаҳои манфӣ ё мусбати ахлоқӣ зоҳир мешаванд. Хеле муҳим аст, ки дар чунин маврид бояд возеҳ, равшан, боэҳсосот, бо боварӣ, дилпурона сухан гуфт. Суханронӣ бояд на танҳо ба афкор, балки ба рӯҳия ва ба равони (психологияи) шунаванда таъсир расонад. Агар мақсад таъсиррасонии тарбиявӣ бошад, набояд аз рӯи коғаз суханронӣ

кард.

Ҳамчунин, бояд аз суханронии хеле кушоду рӯирост низ худдорӣ кард, зеро агар шахс эҳсос кунад, ки ӯро дар натиҷаи «шикастани шахсияташ» тарбия мекунанд, дар ин маврид самараи педагогӣ аз байн меравад. Яъне камбаҳодиҳӣ ба неру ва имкониятҳои тарбиягиранда зоҳир мешавад ва ӯ инро чун беэҳтиромӣ нисбат ба шахсияти худ қабул мекунад.

Талқин кардан ва муътақид кардани бавосита ҳамеша муассиртар аст. Дар ин маврид чанд равиш тавсия дода мешавад. Яке аз чунин тавсияҳо «муроҷиат ба шахси номаълум» номида мешавад. Моҳияташ дар он аст, ки зимни сухан гуфтан дар бораи рафтори шахсе, ӯро ном набурда, балки ба қаҳрамони адабӣ ё ҳодисае аз зиндагӣ истинод карда мешавад, ба коллектив муроҷиат мешавад, дар ҳоле, ки шахси муайян дар назар аст. Шахси «гунаҳкор» пай мебарад, ки сухан дар бораи вай меравад.

Равиши дигар «нодида гирифтани камбудии шахсият» номида мешавад. Масалан, дар мавриди муносибати бепарвоёна нисбат ба таҳсил. Омӯзгор чунин рафтори донишҷӯро то ҳадде нодида мегирад ва ҳар як мавриди муносибати хуби вайро таъриф мекунад, гарчи ӯ ба чунин таъриф намеарзад. Ин як равиши шавқмандкунӣ ва ҳавасмандкунӣ мебошад, ки хонандаро водор мекунад, ки ба неруи худ боварӣ ҳосил кунад ва ниҳоят он натиҷаи матлуб медиҳад.

Дар тарбияи инфиродӣ серталабӣ, талқин ва муътақид кардан дар шакли суҳбат амалӣ мешавад. Равоншиносон ба мақсади баланд бардоштани самараи муътақид кардан дар ҷараёни суҳбат чанд тавсияро таҳия кардаанд. Якчанд вариантҳои ин тавсияҳоро меоварем, ки ҳангоми тарбияи инфиродӣ метавонанд фоиданок бошанд:

1).Муътақид кардан, бовар кунонидани шахс ба чизе, ки маънои баҳс кардан бо вайро надорад. Суитафоҳум ва нофаҳмиро наметавон бо баҳс аз байн бурд, онро метавон бо кумаки назокат, хоҳиши содиқонаи дарк кардани нуқтаи назари шахси дигар аз миён бардошт.

2).Ба ақидаи одамони дигар эҳтиром гузоред, ба тундӣ ба шахс нагӯед, ки вай ноҳақ аст, махсусан, дар байни одамон, чунки дар ин сурат муътақид кардани ӯ мушкилтар хоҳад шуд. Суҳбатро чунин сар накунед: «Ман тайёрам ба шумо исбот кунам». Ин гӯё маънои онро хоҳад дошт, ки агар шумо гӯед, ки «Ман боақлтар аз шумоям». Ин як навъ муборизаталабӣ хоҳад буд. Чунин муроҷиат, пеш аз он ки шумо суҳбатро оғоз намоед, ҳамсуҳбататонро ба муқобили шумо бармеангезад.

Агар шахс ягон ақида баён намояд ва шумо ақидаи вайро нодуруст мешуморед ва ба хато будани он бовар доред, бо вуҷуди ин, беҳтар аст, ки ба ҳамсуҳбати худ ин тавр муроҷиат кунед: «Ман метавонам иштибоҳ кунам, аммо биё далелҳоро дида бароем». Ин метавонад баҳсро қатъ намояд ва ҳамсуҳбати шуморо водор кунад, ки хатогии худро эътироф намояд.

Вақте ки шумо мехоҳед ҳамсуҳбати худро ба дуруст будани ақидаатон бовар кунонед, суҳбатро хайрхоҳона сар кунед. Аз масъалаҳое, ки ақидаи шумо фарқ доранд, сар накунед. Беҳтар аст, дар бораи он масъалаҳое суҳбатро оғоз намоед, ки ақидаҳои шумо мутобиқат доранд.

1).Кӯшиш кунед, ки аз ҳамсуҳбати худ дар аввал ҷавоби мусбатро дарёфт намоед. Бинобар ин, муҳим аст, суҳбатро тавре гузаронед, ки ҳамсуҳбати шумо зарурати гуфтани «не» - ро надошта бошад.

2).Ба ҳамсуҳбати худ имконият диҳед, ки бештар гап занад, худатон кӯшиш намоед, ки камтар сухан гӯед. Аксарият одамон барои фаҳмонидани ақидаи худ саъй мекунанд, ки худ бештар гап зананд. Ба ҳамсуҳбати худ имконият диҳед, ки дарди дил кунад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки шумо савол диҳед.

3).Агар хоҳед, ки шахсеро мутақоид созед, кӯшиш намоед ба чашмҳояш нигоҳ кунед. Ҳар кас сабаберо дорад, ки бояд маҳз ҳамин тавр рафтор кунад. Ҳамин сабабро ёбед ва шумо ба амали ҳамсуҳбат ва шояд ба сифатҳои шахсии вай сарфаҳм рафта метавонед.

Барои исботи ҳақ будани худ аз асбобҳои айёнӣ истифода баред. Чунки

баъзан фақат бо сухан ифода кардани ҳақ будани худ кофӣ нахоҳад буд. Ақидаи дурусти шумо бояд ба таври ҷолиб, боэҳсосот, возеҳ, бо мисолҳо аз ҳаёти коллективе, ки ҳамсуҳбати шумо дар он ҷо кор ё таҳсил мекунад, баён карда шавад.

1).Танқид бояд мусбат бошад. Танқид набояд фақат ба хотири танқид бошад, чунки дар чунин ҳолат дар ҳамсуҳбати шумо чунин тасаввурот ба вуҷуд меояд, ки шумо фақат наҳ задан метавонед, сарзаниш намоед ва аз шумо наметавон баҳодиҳии мусбатро интизор дошт. Ҳеҷ гоҳ ҳамсуҳбатро мулзам насозед, имконият диҳед, ки бо шоистагӣ «ақибнишинӣ» кунад.

2).Кӯшиш намоед, ки аз мулоҳиза ва баҳогузории манфӣ ва аз ягон «лақабмонӣ» нисбат ба сифатҳои шахсии мусоҳиб худдорӣ намоед. Чунки ин маъмулан, аксуламали манфиро нисбат ба шумо ва нисбат ба ақидаи дурусти шумо ба амал меоварад, зеро ба шаъни шахс мерасад.

Риоя кардани ин тавсияҳо барои дастёбӣ ба муносибати воқеан инсонӣ ва содиқона мусоидат мекунад, аммо ин ба маънои созиш дар масъалаҳои ахлоқӣ нахоҳад буд. Оштинопазирӣ нисбат ба падидаҳои манфӣ, сахтгирӣ ва пеш гирифтани мавқеи ҷиддӣ низ лозим аст.

Ба ташаккули шахсияти мутахассиси оянда тамоми ҷиҳатҳо ва тарафҳои ҳаёти муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсир мерасонад. Таълим – яъне, шакли асосии фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ – ба ташаккули шахсияти донишҷӯ таъсири асосӣ мерасонад. Нишондиҳандаҳои баланд дар таҳсил на танҳо аз вазъи дарсдиҳӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, балки аз мунтазамӣ дар кори худи донишҷӯён, аз фаъолияти муносиби таҳсилии онҳо, аз меҳнатдустӣ ва муназзамии онҳо низ вобаста хоҳад буд.

Ба баланд бардоштани самаранокии раванди таҳсил то андозаи муайян худро ба кори муназзам сафарбар карда натавонистани донишҷӯён, надоштани қобилияти паси сар кардани мушкилот ҳангоми кор бо маводи таълимӣ (махсусан, ҳангоми тайёрии мустақилона ба дарсҳо), идора карда

натавонистани эҳсосоти худ ва ғайра монеа мерасонанд. Албатта, дар чунин ҳолат, зарурати таълими усули худтарбиякунӣ дар донишҷӯён ба миён меояд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои фаъолияти тадқиқоти педагогҳои маъруф, монанди Е.К. Крупская, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский имконият медиҳанд, ки нақшаи дурнамои кори тарбиявӣ бо донишҷӯён муайян карда шавад.

Таҳлилҳо собит намуданд, ки фаъолияти муассири муассисаи таҳсилоти касбӣ чун низоми педагогӣ аз як тараф, бе таҳлили мунтазами натиҷаҳо (на танҳо хуб хондан, балки тарбияи ахлоқӣ низ) ва аз ҷониби дигар, бе тайёрии ҳамаҷонибаи педагогии омӯзгорони ин муассиаҳо имконнопазир аст. Намудҳои гуногуни фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дониши гуногуни психологӣ – педагогиро талаб менамояд.

Созмондиҳандагони раванди тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шурои донишҷӯён, омӯзгорон, ҳамчунин, нозир (куратор) маҳсуб мешаванд.

Ба сабаби тақвияти таваҷҷуҳ ба тарбияи ахлоқии донишҷӯён, махсусан, нақши куратори гурӯҳ меафзояд. Аммо барои он ки вай аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои педагогии худ барояд, барои ӯ дониши махсуси психологӣ – педагогӣ зарур аст.

Дар низоми тарбияи ахлоқӣ интихоби восита ва методҳои таъсир ба шахс аҳамияти муҳим дорад. Дар байни онҳо муносибати коллективӣ ва инфиродӣ ба тарбияи ахлоқии шахс, аз ҷумла, тарбияи ахлоқии донишҷӯён ҷойгоҳи махсус дорад.

Ахлоқ фардиятгароиро (индивидуализм) рад мекунад, чунки фардият ба ин сабаб, ки он инсонро бо ҷомеа, бо дигар одамон муқобил гузошта, ба ин тартиб барои ташаккули сифатҳои аслии ахлоқӣ ва инсонӣ дар вай монеа ба вуҷуд меоварад, наметавонад чун асоси тарбияи ахлоқӣ хизмат намояд.

Фақат дар коллектив ва ба воситаи коллектив ташаккули ахлоқии шахс имконпазир мегардад.

Дар робита ба коллективи донишҷӯӣ вазифа аз он иборат аст, ки дар ҳар як донишҷӯ сифатҳои ахлоқии аз талаботи бунёди ҷомеаи нави демократӣ бармеомада ташаккул дода шавад.

Дар партави ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, дар назди педагогика ва психология ҳаллу фасли масъалаҳои калон ва миқёсан васеъ гузошта шудааст. Ин масъалаҳо бояд зимни ҷавоб ба талаботи амалия, «асосҳои мутмаини психологиро барои ҳали тамоми вазифҳои гузошташуда дар иртибот ба ислоҳоти мактабҳо заминагузорӣ намоянд. [34, с. 8] Қабл аз ҳама, бояд ба саволи аз ҳама муҳим – «чи гуна бояд омӯзонд ва тарбия кард», равшан ҷавоб дода шавад. [68, с. 11] Ҷавоб ба ин савол бо омӯзиши механизмҳои офариниш ва фаъолияти сифатҳои шахсӣ; бо тарбияи муаллимони оянда ва бо таъсироти ҳадафманди илман асоснокшуда ба рафтори тарбиягирандагон алоқамандии наздиктарин дорад. Танзими ахлоқӣ метавонад дар сатҳҳои гуногун – дар сатҳҳои эҳсосотӣ ва ратсионалӣ амалӣ шавад.

Бояд зикр намуд, ки тарбияи фарҳанги рафтор зарурати дар назди донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мушкилоти ҳамаҷониба аз худ кардани малака ва қобилият дар ин соҳаи муоширати инсониро матраҳ месозад. Ба сифати вазифаи аввалиндараҷа пешгирӣ кардани нуфузи фарҳанги бегона, қабоҳат ва маҳсулоти пастсифати маънавӣ ба муҳити ҷавонон мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар шароити муосир дар Ҷумҳурии мо ворид гардидани фарҳанги бегона, инчунин, тарғибу ташвиқи он аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳида хеле густариш ёфтааст. Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо собит месозанд, ки чунин зуҳурот дар шуури ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён ба осонӣ роҳ ёфта, барои бегонашавии онҳо аз арзишҳои миллӣ мусоидат мекунад. Хусусан, пайравии ҷавонондухтарони тоҷик аз тарзи либоспӯшии

ба ном исломӣ, ки, аслан, на ба ислом, балки мансуб ба фарҳани арабию туркӣ мебошанд, нигаронкунанда буда, аз сохторҳои давлатӣ, хусусан, ниҳодҳои соҳаи маориф масъулияти зиёдро талаб мекунад.

Маврид ба зикр аст, ки барои пешгирӣ аз чунин равандҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муҳим андешида шудаанд, ки барои дар шуури ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён, ташаккул додани худшиносӣ, арҷгузорӣ ба фарҳанг ва арзишҳои миллӣ мусоидат хоҳанд кард. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар Паём ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки: – “.. то вақте, ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд.” [11] Ин маънии онро дорад, ки дар раванди таълиму тарбия ва таҳсили доншҷӯён рисолати муассисаҳои таҳсилоти касбӣ на танҳо додани дониши касбӣ, балки ташаккули шуури илмӣ ва дунявиро низ дар бар мегирад ва маҳз сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии ҷавонону донишҷӯён метавонад рушди ояндаи кишвар, таъмини истиқлолияти воқеии онро таъмин намояд.

Айни ҳол метавон таъкид кард, ки бешак, рафтори донишҷӯён – мутахассисони оянда ҳоло аз сатҳи идеалӣ дур аст. Ҳодисаҳои истеъмоли машруботи спиртӣ, кашидани сигор, дағалӣ бо рафиқон ва муаллимон, бепарвоӣ дар тарзи либоспӯшӣ ва истифодаи чизҳои ороишӣ ҳоло ба мушоҳида мерасад. Ҳатто, чунин рафтори фарҳангӣ, монанди салом додан ба омӯзгорон барои баъзе донишҷӯён гӯё мушкилӣ дорад.

Фарҳанги рафтори донишҷӯёни муассиаҳои таҳсилоти касбӣ, сарфи назар аз самти тахассус, бояд дар сатҳи олӣ бошад. Бояд зикр намуд, ки дар ин маврид намунаи ибрат будани муаллим, бешубҳа, омили ҳалкунанда маҳсуб мешавад.

Дар фарҳанги рафтори омӯзгор, бар хилофи фарҳанги рафтори ҳар шахси дигар, боз як падидае аст, ки онро дар равоншиносӣ (психология)

эмпатия меноманд. Он аз педагог эҳсоси амиқи рӯҳияи донишҷӯён, дарки вай, таъсиррасонӣ ба ӯ на танҳо аз рӯи қоидаҳои фарҳанги инсонӣ, балки мутобиқати комил бо эҳсосоти маънавии шогирдро талаб менамояд. Аз ин ҷост, ки фарҳанги рафтори омӯзгори оянда бояд пайванди рафтори умуминсонӣ ва нозукии дарку эҳсоси психологияи хонандагон бошад.

Дар раванди таҳкими шуури фарҳангии донишҷӯён мушкили аввал, ин комилан набудани адабиёт оид ба методикаи тарбияи фарҳанги рафтори донишҷӯён, умуман, ва аз ҷумла, дар машғулиятҳои забони хориҷӣ мебошад. Адабиёти камшумор оид ба назарияи фарҳанги рафтор, оид ба қоидаҳои риояи он, доир ба нақши он дар ташаккули ахлоқӣ, эстетикӣ ва идеявии шахсият, шаклгирии зеҳнию фикрии шахс имконият намедиҳад, ки тарбияи фарҳангии донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад.

Зеро дер боз чунин тасаввурот ривоҷ ёфтааст, ки фарҳанги рафтор чунин соҳаи дониш ва қобилияти инсонӣ мебошад, ки дар сатҳи синну соли хурди мактабӣ аллакай аз худ карда мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки донишҷӯён шахсиятҳои баркамол буда, онҳо дар ин соҳа кайҳо боз ҳама чизро медонанд. Сели иттилооти илмӣ ва ахлоқӣ, ки ба сари онҳо дар деворҳои коллеҷ сарозер мешавад, дар онҳо тасаввуроти хаёлии пурдонӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла, риштаи фарҳанги рафторро ба вуҷуд меоварад.

Донишҷӯёне, ки бо мо мусоҳиба доштанд, чунин изҳор мекарданд, ки: «Ҳамаи инро мо ҳанӯз аз давраи дар кӯдакистон буданамон медонем». Тавре ки муҳаққиқ С.Ш.Пашаев дуруст қайд кардааст, фарҳанги рафтор аз тарафи донишҷӯён аксар вақт «чун чизи ғайриманқули дастрасшуда» арзёбӣ мешавад. Дар ҳоле ки «пурдонии зеҳнӣ» дар байни донишҷӯён аксаран вақте рӯнамо мешавад, ки донишҷӯён ба сатҳи фарҳангии худ худписандона, фақат ба таври сатҳӣ (зоҳирӣ) баҳогузорӣ менамоянд. [75, с. 125-128]

Баъзе тадқиқотчиёни тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули ҷавонон бар он ақидаанд, ки дониши дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

дарёфтнамудаи донишҷӯй, ба худии худ як ҷузъи рушди ахлоқ ва фарҳанги онҳо маҳсуб мешавад. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин интиқол ба худии худ сурат намегирад. Муҳаққиқ С.Ш. Пашаев таъкид менамояд, ки «дониши дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дарёфтшуда ба ташаккули ахлоқ ҳамеша таъсири мустақим мерасонад». [75, с. 125-128]

Тавре ки аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, роҳандозии тарбияи маънавии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбия омили муҳимми ташаккули шуури ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ маҳсуб шуда, раванди мазкур ба азхудкунӣ, ғанисозӣ ва амиқсозии донишу эътиқоди ахлоқии омӯзандагони забони хориҷӣ мусоидат мекунад.

## 2.2. Китоби дарсӣ ва машғулиятҳои амалӣ – омили муҳимми тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён

Таҳлили таҷрибаи таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ собит намуд, ки омӯзиши забони хориҷӣ чун фанни таълимӣ барои ташаккули шуури ахлоқии донишҷӯён имкониятҳои фаровон дорад. Суҳбат ва пайдо намудани иттилоот оид ба ҳар гуна мавзуъ, таҳлили ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти мардуми забонаш омӯхташаванда ва муқоисаи он бо кишвари мо – ҳамаи ин омӯзгори забони хориҷиро водор месозад, ки маводи таълимиро барои машғулиятҳо на танҳо бо назардошти аҳамияти омӯзишӣ, балки бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти тарбиявии онҳо низ интихоб намояд.

Дар тадқиқоти мазкур мо бештар ба вазифаи тарбиявии матни таълимӣ дар ҷараёни дарси забони англисӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудем. Ҳоло мо худи мафҳуми «матн» - ро ба таври мухтасар шарҳ медиҳем.

Шаклгирии мафҳуми «матн» ва инкишофи соҳаи нави тадқиқоти лингвистӣ имкониятро барои омӯзиши воҳиди муҳимтари забон, яъне матн

боз мекунад. Табиист, ки дар миқёси матн бисёр падидаҳои грамматикӣ, ки дар доираи сохтори ҷумла намеғунҷанд, шарҳ дода мешаванд. Аввалин бор мафҳуми лингвистикии «матн» дар илми баён (риторика), назмшиносӣ, услубшиносӣ зоҳир шуд. [78, с.12]

Аммо мафҳуми «матн» аз замоне, ки ҷузъи воҳиди забонӣ ва нутқ гардид, ба мафҳуми лингвистӣ табдил ёфта, яке аз мавзуъҳои тадқиқоти лингвистӣ гардид.

Матн чун объекти тадқиқоти сухани хаттӣ хеле мураккаб ва гуногунҷанба аст. Тадқиқоти матн дар сатҳҳои гуногун, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ бо ҳадафу вазифаҳои гуногун анҷом мегирад.

Матнро на танҳо забоншиносон (лингивистон) ва филологҳо, балки ҳам равоншиносон (психологҳо), ҳам файласуфон, педагогҳо, методистҳо ва ғайра меомӯзанд. [26]

***Хондан*** дар ҳаёти инсони муосир ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад, чунки он имконият медиҳад, ки шахс воқеияти атрофро на танҳо дар асоси таҷрибаи шахсӣ, балки дар асоси таҷрибаи дигар одамон, халқҳо ва наслҳо дарк намояд.

Яке аз воситаҳои дарёфти иттилоот дар бораи чунин таҷриба хондани адабиёт ба забони хориҷӣ мебошад ва табиист, ки бе донистан ва истифодаи ин забон фаъолияти амалӣ ғайриимкон хоҳад буд.

Бояд зикр намуд, ки доир ба омӯзиши забони хориҷӣ миёни омӯзгорон андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Баъзе омӯзгорон бар он ақидаанд, ки ҳадафи омӯзиши забони хориҷӣ пайдо намудани малакаи гуфтугӯ ва хондану навиштан буда, дар ташаккули шахсият ва шуури ахлоқии ӯ нақши муассир надорад. Чунин фаҳмиш, албатта, барои теъдоди бузурги мутахассисон ва, ҳатто, ашхоси ғайриихтисос қобили қабул буда наметавонад. Зеро ки ҳадафҳои таълиму тарбия, сарфи назар аз кадом фан буданаш, на танҳо ошкор ва тарбияи қобилият, балки ташаккул додани сифатҳои ахлоқӣ низ мебошад.

Таҷриба ва мушоҳидаҳо собит месозанд, ки китоби дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ дар раванди таълими ҳамаи фанҳо, хусусан, забони хориҷӣ (англисӣ) омили муҳимтарин маҳсуб шуда, сифат ва самаранокии раванди таълим маҳз аз ин омилҳо вобастагии ҷиддӣ дорад. Бешубҳа, метавон гуфт, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ низ чунин талабот ҳатмӣ буда, китоби дарсӣ дар ташаккули зеҳнии донишҷӯён ва азхудкунии барномаи таълимӣ нақши муассир дорад. Аз ин рӯ, дар қисмати мазкури рисола мо кӯшиш намудем, ки масъалаи нақши китоби дарсӣ, барномаҳо ва дигар маводи таълимӣ, ки дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) муассир мебошанд, мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлилу арзёбӣ қарор дода шаванд.

Тавре ки медонем, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таълиму тарбия бештар ба самтгирии касбӣ равона карда шуда, мазмуну мундариҷаи таълим аз факултетҳои тахассусии омӯзиши забонҳои хориҷӣ тафовути калон дорад. Китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, инчунин, маводи таълимии иловагӣ, аслан, дар заминаи усулҳои пешқадами омӯзиши забони хориҷӣ омода карда мешаванд. Маводи нобурда, ки бояд ҷавобгӯи талаботи муосири таълими забони хориҷӣ бошад, имкон дорад барои омӯзгорон ва донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ мусоидат намояд. Бояд гуфт, ки дар ин маврид интихоб ва муайян намудани шакл ва усулҳои пешқадами омӯзиш ва таълим боиси самаранокии бештар хоҳанд гашт.

Омӯзиш ва таҳлили масъала собит месозад, ки дар шароити имрӯза норасоии китобҳои дарсӣ аз забонҳои хориҷӣ барои тамоми муассисаҳо, шуруъ аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то таҳсилоти миёнаю олии касбӣ аз мушкилоти ҷиддии соҳаи маориф маҳсуб мешавад. Муваффақияти таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ) зимни тарбияи мутахассисон, қабл аз ҳама, аз сифати барномаҳо, китобҳои дарсӣ, инчунин, аз маводи иловагии таълимӣ вобастаста мебошад. Китоби дарсии ҷавобгӯи талаботи замони

муосир шавқу завқи донишҷӯёнро баланд бардошта, барои самаранокии фаъолияти омӯзгор мусоидат мекунад.

Таҷрибаи педагогӣ собит месозад, ки китоби дарсӣ дар ҷараёни таълим, ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда чун раҳнамои асосӣ хизмат мекунад. Ба андешаи Э.Г.Азимов китоби дарсӣ бевосита чун қисми муҳим ва маркази *маҷмуи таълимӣ – методӣ* консепсияи методи таълимро амалӣ месозад. Бинобар ин, зимни омӯзиши забонҳои хориҷӣ, вобаста аз методи таълим тақсимбандии гуногуни китобҳои дарсӣ вуҷуд дорад, ки консепсияи онро, аслан, китоби дарсӣ амалӣ месозад. [14, с. 232]

Бояд тазаккур дод, ки муҳиммияти маводи таълимӣ дар шакли китоби дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ дар гузашта низ мавриди таваҷҷуҳи мутафаккирон қарор гирифта буд. Тавре ки Н.К. Крупская қайд намуда буд, «китоби дарсӣ бояд тавре таҳия гардад, ки ҳар кас тавонад онро гирифта, аз рӯи он мустақилона омӯзад». [24, с.12]

Ҳолати имрӯзаи раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки дар баробари китобҳои дарсӣ барои азхудкунии забони хориҷӣ имконияти зиёди техникӣ вуҷуд дорад. Вале, бояд зикр намуд, ки имкониятҳои дарёфти мустақилонаи дониш тавассути воситаҳои техникӣ ҷои китоби дарсиро иваз карда наметавонад. Дар робита ба ин, муҳаққиқон С.Г.Шаповаленко, В.В.Краевский ва дигарон китоби дарсиро чун воситаи муҳимтарини азхудкунии дониш арзёбӣ намуда, таъкид намудаанд, ки дар китоби дарсӣ фаъолияти эҳтимолии муштараки муаллим ва донишҷӯй инъикос ёфтааст.

Китоби дарсӣ “раҳнамоест”, ки дар доираи муқаррароти он фаъолияти таълимии омӯзгору шогирд амалӣ карда мешавад. Вале, бояд гуфт, ки васоити таълимӣ, дар раванди омӯзиш дар баробари таъсири мусбӣ ба фаъолияти омӯзгор, ҳамзамон, таъсири манфӣ низ расонад. Ин ҷо бори дигар андешаи В.В. Краевскийро, ки дар боло зикр гардида буд –“фаъолияти таълимдиҳанда ва таълимгиранда дар китоби дарсӣ барномарезӣ шудааст”,

ёдрас шудан хеле бамаврид мебошад. Вобаста ба ин, таълими забони хориҷӣ бо дарназардошти марҳилаҳои зарурӣ ва барои таълимгиранда мувофиқ амалӣ гардида, инчунин, маводе мавриди истифода қарор дода шавад, ки ҳам дар шароити имрӯза ва ҳам дар шароити оянда муфид бошад.

Тавре ки медонем, дар шароити кунунии муассисаҳои таълимӣ масъалаи китобҳои дарсии ҷавобгӯйи талаботи муосир аз мушкилоти асосии соҳаи маориф маҳсуб мешавад. Масъалаи мазкур ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дошта, барои мутахасссони соҳа чун масъалаи муҳим ва ҳалталаб боқӣ мемонад. Маврид ба таъкид аст, ки масъалаи сифати китобҳои дарсӣ мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор доша, зимни мулоқот ва суханрониҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, масъалаи мазкур аз ҷониби маорифчиёни кишвар ва коршиносону таҳлилгарони соҳа мавриди таҳлил қарор гирифта, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ низ ба таври васеъ инъикос ёфта буд.

Масъалаи мазкур, ҳатто дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.12. 2020), мавриди муҳокимаи аъзоёни Шуро қарор гирифта, вазъи таълими забонҳои хориҷӣ ва сифати китобҳои дарсӣ аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ нигаронкунанда арзёбӣ шуда, инчунин, ҷиҳати таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ ва луғатҳо тавсияҳо дода шуд. Намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ таъкид намуданд, ки дастрасӣ пайдо намудан ба дастовардҳои илму технология ва барномаҳои иноватсионии муосир бе донистани забонҳои хориҷӣ ғайриимкон аст, аз ин рӯ, масъалаи таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таълми касбӣ бояд мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор дода шавад.

Маврид ба зикр аст, ки ҷиҳати таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ доир ба забони хориҷӣ (англисӣ) мо ҳолати таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ – Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи

энергетикии ноҳияи Ҷ.Балхиро бо маводи зарурӣ мавриди омӯзиш қарор додем.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазъи таъмини муассисаҳои номбурда бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи зарурии таълимӣ, хусусан, коллеҷи энергетикӣ, ки ба самти фаъолияти техникӣ сару кор дорад, нигаронкунанда буда, беҳбудиро мехоҳад. Инчунин, дар раванди омӯзиши масъала маълум гардид, ки дар муассисаҳои таълимии кишвар сифати таълими забони хориҷӣ (англисӣ), инчунин, таъмин ва истифодаи китобҳои дарсӣ бо забони англисӣ чандон ҷавобгӯи талабот нест. Омӯзиши маъала собит намуд, ки таълими забони хориҷӣ (англисӣ) тақрибан дар ҳамаи муассиаҳои таълимии номбурда аз рӯи якчанд китоби дарсӣ роҳандозӣ мешавад, ки китобҳои дарсии мазкур барои таълим дар муассисаҳои миёнаи касбӣ пешбинӣ нашудаанд.

Бояд зикр намуд, ки китобҳои дарсие, ки дар тамоми ихтисосҳои коллеҷҳои номбурда барои омӯзиши забони англисӣ мавриди истифода қарор доранд, китоби дарсии забони англисӣ зери таҳрири А.Н. Бонк буда, китоби дарсии дигар барои омӯзиши забони англисӣ зери таҳрири В.Д. Аракин ва боз як китоби дарсии дигар – English for businessmen мавриди истифода қарор доранд, барои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шуда, барои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ чандон мувофиқат намекунанд.

Масалан, китоби дарсии А.Н.Бонк, ки гаштаю баргашта нашр мешавад, солҳои тӯлонӣ ҳамчун китоби хуби дарсӣ эътироф шуда, аз соли 1961 то имрӯз арзиши худро гум накардааст. Китоби мазкур, аслан, барои омӯзиши амиқи забони англисӣ таҳия шудааст ва аз ду қисм иборат мебошад. Китоби дарсии номбурда, қабл аз ҳама, барои забошиносон (лингвистҳо) – мутахассисони забони англисӣ пешбинӣ шудааст. Илова бар ин, ба ашхосе, ки ба омӯзиши мустақилонаи забони англисӣ машғуланд, ҳамчун васоити таълимӣ тавсия мешавад. Дар китоб маводи гуногун, аз қабили машқҳо доир ба грамматика, матнҳои шиносоӣ, луғатҳо, инчунин, машғулиятҳо барои

рушди нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ оварда шудаанд. Бояд зикр намуд, ки маводи пешниҳодшуда барои донишҷӯён ҳам дар раванди таълим ва ҳам худомӯзии забони англисӣ нақши муҳим дорад. Китоби дарсии мазкур бо маводи зарурии соҳаи забошиносӣ таъмин буда, бешубҳа, дар раванди тайёр кардани кадрҳои омӯзгории соҳаи забони англисӣ воситаи самарабахш арзёбӣ мешавад.

Ин китоб хонандагонро бо асосҳои забони англисӣ дар марҳилаи ибтидоии омӯзиш шинос намуда, дар он қоидаҳо, супоришҳо ва машқҳои гуногуни фонетикӣ, ки ба ташаккули меъёрҳои орфоэпикӣ ва талаффуз нигаронида шудаанд, оварда шуда, калимаюибораҳои наве пешниҳод карда мешаванд, ки захираи луғавии хонандагонро бой мекунанд ва ба онҳо дар сохтани ҷумла ва матнҳои ба ҳам алоқаманд ёрӣ мерасонанд. Қисми асосии китоби дарсӣ матнҳо, машқҳои грамматикӣ ва лексика, инчунин, маводҳо барои рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагонро дар бар мегирад. Мувофиқи талаботе, ки ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ муайян карда шудааст, ба фасли луғат, инчунин, калимаю мафҳумҳои нав, ки дар дарс истифода мешаванд, ибораҳои нисбатан серистеъмолро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, дар фасли дигари китоби дарсӣ маълумотномаи грамматикие, ки ба мавзуъҳои қисми асосии китоб дахл дорад, оварда шудааст. Истинодҳои грамматикӣ дорои таърифҳо ва қоидаҳое мебошанд, ки барои сохтани ҷумлаҳо ва ибораҳои алоқаманд лозиманд. Дар китоб, инчунин, шаклҳои феълӣ оварда шудаанд, ки донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ бояд аз худ кунанд.

Дар ин китоб машқҳои гуногун ва матнҳо оварда шудаанд, ки ба мавзуъҳои гуногунро дар бар мегиранд. Чунин ҳолат ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар вақти муайян ва чанд дарс бо ин матнҳо машғул шаванд ва овардани чунин машқҳою матнҳо, инчунин, луғатҳо барои таъмини самаранокии фаъолияти донишҷӯён мусоидат менамояд.

Лекин бо вуҷуди афзалиятҳои дар боло зикргардидаи китоби дарсии мазкур, ба ақидаи мо, он барои муҳассилини ихтисосашон ғайризабонӣ имконият намедиҳад, ки луғати касбии заруриро аз худ кунанд.

Муҳаққиқи тоҷик Фарангис Қурбонова қайд менамояд, ки сарфи назар аз афзалиятҳое, ки дар китоби дарсии мазкур зикр ёфтаанд, он барои хонандагони ғайризабонӣ ва донишҷӯёни ихтисосҳои соҳавӣ чандон мувофиқ нест. Зеро ки мазмун ва таъйиноти он, аслан, ба дониши умумии забони англисӣ ва азхудкунии калимаю ибораҳое, ки мавриди истифодаи васеъ қарор доранд, нигаронида шудааст. [130, с. 67]

Омӯзиши масъала собит месозад, ки айни ҳол ҳам муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ҳам олии касбӣ аз нарасидани китобҳои дарсӣ аз забонҳои хориҷӣ, хусусан, забони англисӣ танқисӣ мекашанд. Вобаста ба мушкилоти мавҷудаи таълиф ва нашри китобҳои дарсӣ аз фанни забони англисӣ кулли муассисаҳои таълимӣ доир ба ин масъала танқисӣ мекашанд. Вобаста ба норасоии китобҳои дарсӣ аз забони англисӣ дар самту равияҳои тахассусӣ, имрӯз аксари муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ аз китоби дарсии «Курси амалии забони англисӣ» («Практический курс английского языка»), ки зери таҳрири В.Д. Аракин омода шудааст, истифода мебаранд. Китоби мазкур, аз панҷ қисм иборат буда, аслан, барои омӯзиши амиқи забони англисӣ таъйин шудааст ва бояд зикр кард, ки он барои ихтисосҳои ғайризабонӣ қобили истифода буда наметавонад.

Тавре ки медонем, таълими забонҳои хориҷӣ, инчунин, забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бояд мутобиқи стандартҳои муқаррарнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад. Айни ҳол тибқи муқарраротӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ихтисосҳои ғайризабонӣ дар чор семестр роҳандозӣ шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барномаи таълимӣ (силлабус) барои ин ихтисосҳо бе риояи талаботи стандартҳо ва дар

асоси китобҳои дарсии гуногун таҳия мегарданд, ки дар натиҷа барои раванди таълим мушкилиҳоро пеш меорад ва истифодаи чунин китобҳои дарсӣ барои хонандагону донишҷӯён ҳамчун воситаи асосии омӯзиши забони англисӣ қобили қабул буда наметавонад.

Дар шароити кунунии раванди ҷаҳонишавӣ ва дастрасӣ пайдо намудан ба дастовардҳои илму техника ва технологияҳои муосир, ҳамчунин, таҳкими равобити илмию фарҳангии байни кишварҳо омӯзиши забони хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Дар ин раванд забономӯзӣ на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми ҷаҳон мубрам ва зарур арзёбӣ шуда, омода намудани мутахассисоне, ки забонҳои гуногуни хориҷиро медонанд, аҳамияти боз ҳам муҳимтар пайдо мекунад.

Омӯзиш ва таҳлили сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф ва илм нишон медиҳад, ки масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, инчунин, англисӣ мавриди таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор гирифта, барои пешрафти соҳаи мазкур тадбирҳои муҳим амалӣ мешаванд. Масалан, қабул гардидани барномаҳои давлатӣ доир ба такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014, 2015-2020 ва солҳои 2021-2030 аз иқдомҳои муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб шуда, татбиқи давра ба давараи санадҳои мазкур барои роҳандозии омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ҷумҳурии мо мусоидат хоҳанд кард. [2, 3, 4]

Ҷиҳати баланд бардоштан ва таҳкими сатҳи забондонии насли наврас, тибқи санадҳои қабулгардида аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, инчунин, сохторҳои он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тадбирҳои муҳим амалӣ шуда, барои таҷдиди барномаҳои таълимӣ ва таҳияи китобҳои дарсӣ ба забонҳои англисӣ ва русӣ дар марҳилаи муайян мусоидат намуданд. Ҳамчунин, дар ин санадҳо таҳкими сифати таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ – шуруъ аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ то олии касбии кишвар пешбинӣ шудааст. Ҳадафи санадҳои

зикргардида, қабл аз ҳама, таъмини сифати таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забонҳои русӣ ва англисӣ буда, омӯзгорони муассисаҳои таълимиро водор месозанд, ки баҳри таъмини сифати таълим талош намоянд.

Бояд зикр намуд, ки ҷиҳати таъмини сифати таълими омӯзиши забонҳои хориҷӣ тибқи барномаҳои давлатӣ, марҳила ба марҳила таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва дигар маводи зарурии таълимӣ пешбинӣ шуда, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, хусусан, кафедраҳои тахассусӣ вазифадор шудаанд, ки ҷиҳати ҳалли нишондодҳои дар барномаҳо пешбинишуда масъул бошанд.

Дар барномаҳо, ҳамчунин, таъкид мегардад, ки бо дарназардошти ба хонандагони тоҷикзабон пешбинӣ шудани китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ зимни таҳия хусусияти миллии онҳо ҳатман ба инобат гирифта шаванд. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷаҳони муосир тақозо мекунад, ки кишварҳо зимни рушди босуръати илму технология ва рақобати шадид тавасути омӯзиши забонҳои хориҷӣ дастрасии шаҳрвандонашонро ба навгониҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ таъмин намоянд. Ҳамчунин, муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати таъмини хонандагону донишҷӯён бо китобҳои дарсию дигар маводи зарурии босифат тадбирҳо андешанд. Зеро ки, бешубҳа, ташаккули сифатҳои хоси шахсӣ ва равонии донишҷӯй, фаъолияти минбаъдаи касбию иҷтимоии ӯ аз соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидан вобастагӣ дорад.

Омӯзиш ва таҳлили раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ нишон медиҳад, ки дар давраи таҳсил на ҳамаи донишҷӯён ба омӯзиши забони хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Теъдоди асосии онҳо, аз ҷумла донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбии ғайризабонӣ зимни омӯзиши забони хориҷӣ ба ин фан майлу рағбати хосса зоҳир намекунанд. Тибқи тасдиқи омӯзгорони фанҳои забонҳои хориҷӣ ҳолатҳои зиёд мешавад, ки гурӯҳҳои ғайризабонӣ зимни машғулиятҳо ва иҷрои корҳои мустақилона низ аз худ фаъолияти хуб нишон намедиҳанд.

Муҳаққиқ Ф.А.Қурбонова бамарид ёдовар мешавад, ки таълими забони англисӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷумҳурӣ ба роҳ монда нашуда, таълими ин фан хусусияти ҳатмӣ надорад. Вале таълими забони хориҷӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ ҳатмӣ мебошад, ки чунин ҳолат барои таълими фанни мазкур дар ин муассисаҳо боиси пайдоиши мушкилот мегардад. [130, с. 70]   Зеро ки донишҷӯёни хатмнамудаи чунин мактабҳо имкон надоранд бо гурӯҳ баробар ба омӯзиш машғул шаванд ва омӯзиши онҳо аз «сифр» шуруъ мешавад. Чунин ҳолат омӯзгорони забонҳои хориҷиро водор месозад, ки аз усули таълими тафриқавӣ истифода намуда, барои ин гуна донишҷӯён мувофиқи имкониятҳои зеҳниашон маводи таълимӣ интихоб намоянд. Ба омӯзгори забони хориҷӣ зарур аст, ки дар ин маврид матнҳо ва машқҳоро ҳатман мувофиқи фаҳмиш ва шавқу завқи донишҷӯён интихоб намояд, зеро ки ташаккули малакаи нутқӣ ва фаъолнокии донишҷӯй интихоби дурусти машқҳо ва матнҳои таълимиро тақозо мекунад ва ин амал боиси бедоршавии майлу хоҳиш ба омӯзиши забони хориҷӣ мегардад.

Албатта, таҳияи китоби дарсӣ барои забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, бо фарогирии самтҳои гуногуни тахассусӣ ғайриимкон аст. Хусусан, барои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (миёна ва олӣ), ки барои равияҳои мухталифи касбу кор мутахассис тайёр мекунанд, таҳияи чунин як китоби дарсии ягона имконнопазир мебошад ва бояд гуфт, ки дар сурати омода ва пешниҳод шудани чунин китоб он натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод. Бояд қайд намуд, ки таълифи китобҳои дарсии хусусияти умумидошта (универсалӣ) аз фанни забони англисӣ барои ихтисосҳои бо ҳам наздик метавонанд барои ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат намоянд. Ин гуна китобҳоро донишҷӯёне, ки ихтисосҳои шабеҳи якдигар доранд, метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд.

Аз ҷумла, истифодаи китоби дарсӣ ба забони англисӣ “English for businessmen”, ки барои иқтисодшиносон пешбинӣ шудааст, аз ҷониби

ихтисосҳои бо ҳам наздик – кори бонкӣ, аудит, ҳисобдорӣ ва ғ. мувофиқи мақсад мебошад. Лекин дар ин маврид зарурате пеш меояд, ки барои ихтисоси алоҳида барномаҳои ҷудогона таҳия карда шаванд. Дар чунин ҳолат қисмҳои ҷудогонаи китобҳои дарсӣ, аз ҷумла курси муқаддимавӣ, қисми фонетикӣ, грамматика, инчунин, барои такмили нутқи шифоҳию хаттӣ машқҳо ва ғайра метавонанд барои тамоми ихтисосҳо мавриди истифода қарор дода шавад. Ҳамзамон, барои дар сатҳи зарурӣ аз худ намудани забони англисӣ ва истифодаи он дар фаъолияти касбӣ бояд мазмуни матнҳои маводи пешниҳодшуда ба самтҳои ихтисоси дахлдор мувофиқат намоянд.

Ҳамчунин, ба муаллифон зарур аст, ки ҳангоми таҳияи маводи мухталифи таълимӣ, дар баробари луғатҳои касбӣ ва истилоҳоти соҳавӣ – соҳаи тиб, энергетика, иқтисод, таърих, сиёсат ва ғайра фанҳои бо ҳам наздикро бо иттилоот низ таъмин намоянд. Зеро ки ҷой додани маълумоти мухталиф дар китобҳои дарсӣ доир ба фанҳои бо ҳам наздик барои бедор намудани майлу хоҳиши донишҷӯён, ҳамчунин, таҳкими сифати таълим ва ҷиҳати азхудкунии фанҳои дигар ёрӣ мерасонад.

Бояд зикр намуд, ки барои омӯзиш ва азхудкунии дарсҳо истифодаи адабиёти иловагии аз ҷониби омӯзгор тавсияшуда барои донишҷӯён муҳим мебошад. Зеро ки истифодаи маводи иловагӣ барои таҳкими дониш, васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ ва дониши касбии донишҷӯй мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, ба донишҷӯён ба чунин савол муроҷиат намудем: **«Агар муаллим барои омодагӣ ба дарсҳо рӯйхати якчанд китобро пешниҳод намояд, Шумо ин вазифаро чи тавр иҷро мекунед?”**




*Диаграммаи 12. Истифодаи адабиёти иловагии аз ҷониби омӯзгор тавсияшуда*

Тавре ки натиҷаҳои пурсиш собит месозанд, теъдоди на он қадар зиёди донишҷӯён (38%) барои ба таври васеъ ва самаранок истифода намудани адабиёти тавсияшуда кӯшиш мекунанд. Яъне, донишҷӯён кӯшиш мекунанд, ки дар таҳсил ақиб намонанд, вале диққати асосиро фақат ба он фанҳое медиҳанд, ки барояшон писанд аст.

Лекин ташвишовар он аст, ки 29 фоизи донишҷӯён бо истифода аз як китоб иктифо менамоянд ва 58 фоизи дигари онҳо умуман, ба адабиёти иловагӣ муроҷиат намекунанд. Албатта, донишҷӯе, ки дар давоми таҳсил аз адабиёти иловагии илмӣ истифода намебарад ва танҳо аз матни лексия истифода мебарад, наметавонад сатҳи баланди дониши назариявию амалӣ ва ҷаҳонбинию ахлоқи шоиста дошта бошад.

Истифодаи маводи иловагӣ дар дарсҳои забони англисӣ шарти муҳимми ғанӣ гардидани дониш ва тасаввуроти хонанда, инчунин, дастрасӣ ба

манбаъҳои гуногуни иттилоот маҳсуб мешавад. Хусусан, дар шароити имрӯза, ки воситаҳои дастрасӣ ва истифодаи манбаъҳои иттилоот – адабиёти фаровони илмию методӣ, луғатҳо, матбуоти даврӣ, маводи интернет ва ғайраҳо хеле зиёд аст, дар сурати мавҷуд будани майлу хоҳиш донишҷӯй имкони мутолиа низ барои ӯ зиёд аст. Дар робита ба ин, ба донишҷӯён ба саволи **“Шумо ғайр аз китоби дарсӣ боз кадом маводи иловагиро барои омӯзиши забони англисӣ истифода мебаред?”**




***Диаграммаи 13. омӯзиши забони англисӣ аз воситаҳои гуногун***

Тавре ки таҳлили натиҷаи назарсанҷӣ нишон медиҳад, донишҷӯён зимни омӯзиши забони англисӣ аз воситаҳои гуногун, аз ҷумла, теъдоди зиёди онҳо (54%) бо ин мақсад аз асбобҳои айёнӣ истифода мебаранд. Ҳамчунин, шабакаҳои интернетӣ низ дар байни донишҷӯён мавриди истифодаи васеъ (48%) қарор доштааст. Истифода аз луғатҳо (21%) ва мутолиаи адабиёти бадеӣ (18%), ки дар ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва омӯзиши мукаммали

забон нақши муҳим доранд, тавре ки санҷиш нишон дод, теъдоди хеле маҳдуди донишҷӯёнро фаро гирифтааст.

Бояд зикр намуд, ки дар шароити кунунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба масъалаи таълифи китобҳои дарсӣ ва таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Омӯзиши масъала ва мусоҳиба бо омӯзгорони фанни забони англисӣ собит намуд, ки дар аксари муассисаҳои таълимӣ маводи иловагии таълимӣ, ки зимни дарсҳо истифода шавад, вуҷуд надорад. Дар ин маврид зарурате пеш меояд, ки барномаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тибқи муқаррароти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи китобҳои дарсӣ мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд.

Вобаста ба ин, дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ омадааст, ки бояд дар таъмини илмӣ ва методии стандартҳои давлатии таълимӣ, барномаҳои типикии таълимӣ, барномаҳо оид ба курсҳо, фанҳои таълимӣ ва дигар санадҳо, ки талаботи хонандагонро ҳангоми омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ қонеъ меардонанд, бознигарӣ шавад. [2]

Ин далели он аст, ки масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русию англисӣ, дар самти дастрасӣ пайдо намудан ба илму технология муосир, устувор гардидани соҳаи маориф ва илми кишвар дар раванди ҷаҳонишавӣ мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумат қарор гирифта, барои ба сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқ намудани соҳаи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Бинобар ин, ҷиҳати дастгирӣ ва таъмини таълими босифати забонҳои хориҷӣ дар ҷумҳурӣ санадҳои муҳимми давлатӣ, аз ҷумла, «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2004-2014» ва «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2020» ба тасвиб расонда шуд.

Инчунин, ҷиҳати тарбияи мутахассисони дорои сатҳи баланди донишу касбият ва мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ тавассути азхудкунии забонҳои хориҷӣ “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қабул карда шуд. [2, 3, 4]

Бояд зикр намуд, ки масъалаи мазкур дар суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳо ва мулоқотҳо бо қишрҳои гуногуни ҷомеа низ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Аз ҷумла, Сарвари давлат зимни суханронӣ дар Рӯзи дониш (17.08.2020) ба масъалаи сифати пасти таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҳолати мавҷудаи таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ изҳори нигаронӣ намуда, таъкид намуданд, ки: «Ҳоло марҳалаи сеюми амалисозии “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” шуруъ мешавад, вале дар ин самт то имрӯз натиҷаи назаррас мушоҳида намегардад ва вазъ чун пештара нигаронкунанда боқӣ мондааст.» [12]

Эродҳо ва таъкидҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин мулоқот масъулони соҳаи мазкур, хусусан, роҳбарияти Вазорати маориф ва илм, инчунин, сохторҳои он, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва, хусусан, омӯзгорони забонҳои хориҷиро муваззаф месозад, ки ҷиҳати таъмини таълими босифати фанҳои зикргардида ва ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши таъмини амалишавии барномаи мазкур мусоидат намоянд.

Талаботи мубрами замони мо ба коркарди иттилооти ҳаҷман рӯзафзун дар барномаи омӯзиши забони хориҷии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инъикоси худро ёфтааст. Барномаи мазкур пешбинӣ менамояд, ки «баъд аз хатми курси омӯзиш, донишҷӯ бояд хондани адабиётро аз рӯи ихтисос ба мақсади дарёфти иттилооти зарурӣ» тавонад ва ин талаби барнома чун ҳадафи асосии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шинохта

шудааст.

Омӯзиши ҳар гуна намуди фаъолияти нутқ низоми муайяни методҳо ва усулҳои таъминкунандаи малакаи зарурӣ барои аз худ кардани намудҳои мушаххаси фаъолияти нутқ талаб мекунад.

Бинобар ин, тарҳрезии низоми методҳо ва усулҳои таъминкунандаи малакаи хондани адабиёт оид ба ихтисос вазифаи аввалиндараҷа мебошад, ки бе ҳаллу фасли он иҷрои ҳадафи матраҳшуда дар барнома номумкин аст. Омӯзиши хондан ба забони хориҷӣ ба қонунмандии психологии аз худ кардани ин раванди фаъолияти нутқ такя мекунад.

Муколима ба воситаи забон ба сифати шакл ё намуди худ - сухани хаттӣ ё нутқи шифоҳӣ ва ба сифати раванд – гуфтор, гӯшкунӣ, навиштан, хонданро дар назар дорад. Ду намуди аввал – гуфтор ва гӯш кардан бо нутқи шифоҳӣ ва ду намуди охирон – навиштан ва хондан бо сухани хаттӣ алоқаманд мебошанд.

Психология хонданро чун шакли қабулкунии (ресептивии) муошırати иборат аз ду раванди бо ҳам алоқаманд: физикӣ – техникии хондан ва фикрӣ – фаҳмидани матни хондашударо муайян мекунад.

Маврид ба ёдоварист, ки вазифаи муҳимтарин дар тадқиқоти мо оид ба ошкор намудани нақши матни таълимӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ инҳо мебошанд:

- интихоби матн аз нуқтаи назари таъсироти ахлоқии он ба донишҷӯён;

- муайян намудани дараҷаи коршоям будани сатҳи тарбиявии матн;

-дар назар гирифтани хусусияти самти ихтисос ва хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён;

- таҳлили матн ва шарҳи он ба мақсади ташаккули сифатҳои муайяни ахлоқии донишҷӯён.

Таҷриба нишон медиҳад, ки забономӯз бояд ҳадаф ва вазифаҳоеро, ки дар наздаш мегузоранд, равшан ва аниқ тасаввур намояд, ҳамчунин, соҳаи истифодаи дониши худро донад. Зеро ки агар забономӯз натиҷаи амалии

омӯзиши забонро эҳсос кунад, рағбат ба ин фан бештар мешавад. Бинобар ин, дар машғулиятҳои аввалин бояд дар бораи аҳамияти омӯзиши забони мазкур суҳбат гузаронида шавад. Аз ин ки ин суҳбат чи гуна гузаронида шавад, ба андозаи зиёд муносибати донишҷӯ ба забон дар ҷараёни омӯзиш ва кори мустақилона бо ин забон вобаста хоҳад буд.

Ба хотири он ки майлу рағбати донишҷӯён ба омӯзиши забони хориҷӣ, инчунин, шаклу усулҳое, ки дар ҷараёни кори мустақилона мавриди истифода қарор дода мешаванд зиёд шавад, баргузории маҳфилҳо ва машғулиятҳои беруназдарсӣ мувофиқи мақсад мебуд. Ба ин хотир хуб мебуд, агар мунтазам бо истифода аз саволнома (анкета) дар байни донишҷӯёни соли аввал барои ошкор намудани муносибати онҳо ба омӯзиши забони хориҷӣ пурсиш гузаронида шавад. Масалан, метавон чунин саволҳоро пешниҳод кард:

***Оё омӯзиши забони хориҷӣ барои Шумо ҷолиб аст?***

***Оё донистани забони хориҷӣ барои Шумо дар ҷараёни омӯзиши фанҳо оид ба ихтисос кумак мекунад?***

***Кадом намудҳои омӯзиши забони хориҷӣ барои Шумо натиҷабахштар менамояд?***

***Чӣ чиз барои Шумо дар омӯзиши забони хориҷӣ монеа мерасонад?***

***Чӣ чиз барои Шумо дар омӯзиши забони хориҷӣ кумак мерасонад?***

***Оё Шумо зарурати омӯзиши забони хориҷиро равшан тасаввур мекунед?***

***Кадом намудҳои омӯзиши забон барои Шумо муҳимтар ва зарууртар менамояд?*** ва ғайра.

Таҳлили натиҷаи пурсиш нишон дод, ки тақрибан 70% донишҷӯён бо майлу рағбат забон меомӯзанд, мехоҳанд забондонии худро такмил диҳанд ва зарурати аз худ кардани ҳади ақал як забони хориҷиро барои хуб аз худ кардани фанҳои ихтисос эҳсос мекунанд.

Аз ҷавобҳои аксари донишҷӯён чунин бармеояд, ки онҳо ба хотири

шинос шудан ба фарҳанг ва рӯзгори халқҳои дигар, бо забони асл мутолиа намудани китобҳои бадеӣ, огаҳӣ ёфтан аз навгониҳо ва пешрафти илму технологияҳои муосир донистани забони хориҷиро зарур мешуморанд.

Аммо қисме аз донишҷӯёни соли аввал доир ба зарурати омӯзиши фанни мазкур тасаввуроти равшан надоранд, ба он майлу рағбат зоҳир намекунанд, кори мустақилона анҷом намедиҳанд ва ин фанро зиёдатӣ ва нодаркор мешуморнад.

Муҳандисон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, кормандони илмӣ дар бораи он нақл мекунанд, ки донистани забони хориҷӣ чи гуна дар кору фаъолияти амалиашон кумак мекунад.

Дар ташаккули шавқу рағбати шогирдон ба забони хориҷӣ метавонанд асбобҳои айёнии деворӣ, аз ҷумла, асбобҳои айёнӣ дар мавзуъҳои гуногун, нашрияҳо, намоишгоҳ ва ғайра нақши муҳим бозӣ намоянд. Барои донишҷӯён, ҳамчунин, лексия – суҳбат дар бораи кишвари забонаш омӯхташаванда, ки метавонанд ҳам ба забони хориҷӣ ва ҳам ба забони модарӣ бо истифода аз филмҳои таълимӣ ва илмӣ гузаронида шаванд, хондани порчаҳо аз осори классикон ё ёддоштҳои одамони машҳури аз ин кишвар боздидкарда метавонанд ҷолиб бошанд.

Бояд гуфт, ки дар раванди шиносоӣ бо фарҳанг, расму оин ва анъанаҳои кишваре, ки забонаш мавриди омӯзиш қарор дода мешавад, дарк ва қабули маводи забонӣ то андозае осонтар мегардад, зеро ки забони хориҷӣ аз он муҳити забонӣ, ки онро ба вуҷуд овардааст дар канор буда наметавонад. Муҳим аст, ки теъдоди ҳар чи бештари донишҷӯён дар маҳфилҳои таҳти шиори «Оё ту бо кишваре, ки забонашро меомӯзӣ, ошноӣ дорӣ?» иштирок кунанд. Роҳандозии викторина, маҳфилҳои саволу ҷавоб, консерт дар шакли саволҳои мусиқӣ, хондани порчаҳо аз асарҳои алоҳида, шеърҳо, порчаҳои драмматикӣ ва ғайра низ муҳим мебошанд. Намудҳои зикршудаи кори беруназдарсӣ ба андозаи зиёд ба бедор кардани рағбат ба забони омӯхташаванда мусоидат мекунад ва фаъолнокии донишҷӯёнро дар

равандаи машғулиятҳои забони хориҷӣ баланд мебардорад.

Ҳар як машғулият оид ба забони хориҷӣ бояд вазифаи дуҷониба дошта бошад – таълимӣ ва тарбиявӣ. Масалан, дар китоби дарсӣ оид ба забони англисӣ барои муассисаҳои таълимии касбӣ (Матвеев Н.К. и Бурова З.И [67, с. 237] матнҳои дорои мазмуни тарбиявӣ бисёр оварда шудаанд. Аз рӯи ин матнҳо донишҷӯён ба забони англисӣ маълумоти зиёдро дар бораи робитаҳои дуҷониба ва чандҷонибаи иқтисоӣ, фарҳангӣ, иштироки ИДМ дар ҳаёти байналмилалӣ, усулҳои баробарҳуқуқӣ, эҳтиром ба истиқлолият, манфиатҳои миллӣ ва ҳамкорию ёрии мутақобилаи кишварҳои гуногун дарёфт мекунанд.

Бисёр матнҳо хусусиятҳои асосии иқтисодии кишварҳои Британияи Кабир ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро, ки забонашон омӯхта мешавад, инъикос менамоянд.

Омӯзиши ин матнҳо аз рӯйи методикаи қаблан санҷидаи мо донишҷӯёнро ба аҳамияти ҳамзистии осоишта, таҷрибаи мубодила ва иттилооти илмӣ - техникӣ бо дигар кишварҳо мутақоид месозад, эҳсоси дӯстӣ ва эҳтиром ба дигар халқҳо, ҳисси инсондӯстӣ ва муттаҳидии заҳматкашонро тақвият мебахшад. «Неру дар ваҳдат аст» - чунин аст шиори мо дар чунин машғулиятҳо.

Шояд саволе ба миён ояд, ки охир, донишҷӯён бо маълумоту иттилоот аз дигар манбаъҳо ва сарчашамҳо, аз фанҳои дигари ихтисоси худ, аз ҷуғрофия, матбуоти даврӣ ва ғайра низ шинос мешаванд.

Дуруст аст, аммо *аввалан*, ҳанӯз римиҳои қадим гуфтаанд, ки «Такрор – модари дониш аст» (“Repetitio est mater studiorum”), яъне зимни такрори мавод дониш тақвият меёбад.

*Сониян,* тавре ки таҷрибаи чандинсола ба мо нишон медиҳад, ҳангоми дарси забони хориҷӣ, бо методикаи ҳам таълимӣ ва ҳам тарбиявӣ, имкониятҳои фаровон барои таъсиррасонии эҳсосотӣ ба донишҷӯён вуҷуд дорад.

Сухани зинда ба забони хориҷии омӯхташавнда, ки ҳаёти халқи он

кишвар, проблемаҳои иҷтимоии онро инъикос менамояд, баъзан нисбат аз маълумоту иттилооти шунида ва хонда ба забони модарӣ, ба донишҷӯён қавитар таъсир мерасонад. Мушоҳидаҳои мо, суҳбатҳо бо донишҷӯён, ҳамчунин, пурсиши гузаронидаи мо инро тасдиқ мекунанд.

Илова бар ин, мо бо мақсади фаҳмидани манбаи дарёфти иттилоот оид ба кишваршиносӣ дар байни донишҷӯён пурсиш анҷом додем. Масалан, ба донишҷӯён пешниҳод гардид, ки ин ё он масоили иқтисодӣ ва фарҳангии Олмон, Англия, Австрия, Америка, Швейтсарияро инъикос намоянд. Маъмулан, маълумот оид ба Англия пурра инъикос мешуд. Оид ба Олмон донишҷӯён камтар маълумотро инъикос намудаанд. Баъзе донишҷӯён изҳор доштаанд, ки ошноӣ бо матнҳо аз рӯи китоби дарсии Е.А. Бонди [28] ба онҳо кумак расонидаанд, ки дар бораи Амрико маълумоти зиёд дарёфт намоянд.

Ғайр аз ин, дар чунин пурсишҳои санҷишӣ мо ба донишҷӯён пешниҳод намудем, ки дар бораи Бозори умумии Аврупо, Паймони ҳарбии Атлантикаи Шимолӣ (НАТО), ИДМ, БРИКС ки мавод дар бораи онҳо дар машғулиятҳои забони хориҷӣ омӯхта нашудаанд, маълумот диҳанд. Маълум шуд, ки аксарият донишҷӯён дар ин бора маълумоти зарурӣ надоранд. Донишҷӯён ошкоро изҳор доштанд, ки гарчи мавод ба забони хориҷӣ мушкилтар қабул ва фаҳмида мешавад, вале зиёдтар дар хотир мемонад.

Барои ин, ба назари мо саволгузорӣ, интихоби ҷумлаҳо барои навиштан дар тахта, тартиб додани хулоса барои нақл, интихоби маводи иловагӣ мусоидат мекунад.

Бо такя ба пурсиши мо ва хоҳиши донишҷӯён мо машғулиятҳои худро бо маълумот дар бораи мамлакатҳои Амрико, Англия, Австрия, Швейтсария, ки дар китоби дарсӣ (Аракина В.Д., Бобобекова Т.М., Бонк Н.А., Котий Г.А., Лукиянова Н.М.) [18, 31, 27] вуҷуд надорад, пурра кардем. Ин маълумот ба сифати ҷумлаҳо – мисолҳо ва ба қадри имкон аз матбуоти даврии пешқадами ин кишварҳо пешниҳод карда шуданд. Ҳамин тавр, ба мо муяссар шуд, ки ду вазифаро анҷом диҳем: таълимӣ ва тарбиявӣ, яъне зимни шарҳ ва такрори

грамматика, маълумоти кишваршиносии донишҷӯёнро пурра намуда, такмил додем.

Тавре ки дар барнома пешбинӣ шудааст, донишҷӯён ба таври мунтазам мақолаҳои рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои нашри хориҷиро мехонанд. Аз ин мавод онҳо дар бораи сиёсат ва мушкилоти кишвари забонаш омӯхташаванда маълумоти муҳим ба даст меоранд. Дар ин мавод чун дар ойина муносибат нисбат ба мамлакати мо, ҳайсият ва нуфузи он дар саҳнаи ҷаҳонӣ инъикос меёбад.

Илова бар ин, дар матбуот тарзи зиндагии халқҳое, ки забонаш омӯхта мешавад, ҷиҳатҳои мусбати он кишвар, ки бояд аз он ибрат гирифт ва ҷанбаҳои манфӣ, мушкилот ва бисёр чизҳои дигар инъикос меёбад. Бинобар ин, дар ҷараёни омӯзиши сарчашмаҳои хориҷӣ паҳлуи дигари масъала – сатҳи фаҳмиш ва дарки мақолаҳо аз ҷониби донишҷӯён ва муайян намудани муносибати онҳо ба маводи хондашуда мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, ҳамчунин, масъалаҳои муҳимтар на танҳо дар раванди машғулиятҳо, балки дар соатҳои кураторӣ низ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Бояд гуфт, ки тақрибан ҳамаи омӯзгорони кафедраи мо кураторҳои гурӯҳҳои академӣ мебошанд. Муҳим ин аст, ки мо дар машғулиятҳо шароитро барои андешаи минбаъда дар бораи ин ё он мсъалаи сиёсӣ ё ахлоқӣ фароҳам овардем.

Аз ин нигоҳ мо метавонистем боз як намуди кор бо матбуоти давриро, ки худамон истифода бурдем, тавсия намоем: яъне барномаҳои хурд ба забони тоҷикӣ, мазмуни мақолаҳо аз матбуоти даврии ватанӣ. Ин намуди кор ба мақсади тарбияи ахлоқӣ истифода бурда шуд, чунки матбуоти мо аз ин лиҳоз ҷолиб ва ганҷинаи маводи пандомӯз аст.

Шояд чунин масъалаи ахлоқие вуҷуд надорад, ки он дар матбуоти даврӣ инъикос нашуда бошад ва ин маводро метавон барои таъсиррасонӣ ба ташаккули эътиқоди дурусти донишҷӯён ба кор бурд.

Дар рӯзномаҳо аксар вақт мақолаҳо дар бораи шахсиятҳои маъруф ба нашр мерасад. Ба ақидаи мо, ин мақолаҳоро бояд ба мақсади тарбиявӣ

истифода бурд.

Барои истифода дар машғулиятҳо метавон нашрияҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикисонро ба забони хориҷӣ истифода бурд, ки дар онҳо рӯйдодҳои муҳими ҷумҳурӣ, масоили муҳимми марбут ба раванди аълиму тарбия дар кишвари мо ва кишварҳои хориҷа муфассалан таҳлил мешавад. Бояд зикр намуд, ки ин барои машғулиятҳои мо маводи боарзиши тарбиявӣ маҳсуб мешавад.

Дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ тибқи талабот донишҷӯён реферат омода мекунанд. Дар реферат мавзуъ аз тарафи донишҷӯй ба таври мухтасар таҳлил ва арзёбӣ мешавад. Инак, мавзуъҳои тавсиякардаи реферат: "Берлин", "Лондон", "Париж", "Веймар – шаҳри классикони олмонӣ», "Низоми таълим дар Англия", "Низоми маорифи ИМА" ва ғайра.

Мо чунин мавзуъҳои рефератро низ пешниҳод кардем: " Душанбе", "Москва”, "Шаҳрҳои Украина, "Санкт-Петербург" ва ғайра. Таҷриба нишон дод, ки кори реферат на танҳо воситаи маърифатӣ, идрокӣ ва тарбиявӣ мебошад, балки донишҷӯёнро ба кори илмӣ ба забони хориҷӣ ҷалб ва шавқманд менамояд. Бисёр рефератҳо ҳамасола дар конфаронсҳои илмии донишҷӯён ва қисме аз онҳо дар дарсҳо шунида, баррасӣ мешаванд. Рефератҳои бештар ҷолиб ва хуб ороводашуда дар девори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷой дода мешаванд. Мо тавсия медиҳем, ки чунин намуди кор низ дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ истифода бурда шавад.

Дар раванди баргузории машғулиятҳо ба забони англисӣ ба хулосае расидем, ки дар  ташаккули сифатҳои ахлоқии омӯзгорони оянда шаклҳои зерини кор низ мусоидат хоҳанд кард:

- Қабл аз ҳама, ин шакли кори дастҷамъӣ (коллективӣ) ва гурӯҳӣ дар машғулиятҳо мебошад. Яке аз чунин намудҳои кор ҳолати бозӣ мебошад, яъне як донишҷӯ нақши омӯзгорро бозӣ карда, бо донишҷӯён суҳбат мекунад ва машқҳои грамматикиро аз худ мекунад. Донишҷӯе, ки нақши муаллимро бозӣ мекунад, машқҳои нуткро низ бо донишҷӯёни дигар иҷро мекунад.

Донишҷӯён бо навбат ба чунин намуди кор ҷалб карда мешаванд, ки ин дар онҳо эҳсоси масъулиятро ташаккул дода, робитаи дохиликоллективиро тақвият мебахшад. [95, с.6]

Тарбияи коллективизмро дар маводи мушаххаси машғулияти забони англисӣ дар соли аввал баррасӣ менамоем. Мавзуи машғулият нақли озод мебошад.

**Forms of greeting in English**

**There are many forms of greeting in raoder English. The usu- all form of greeting is "How do you do".i!his greeting is used in**

**any part of the day.**

**"Good morning","Good afternoon" * "Good evening" are used in different parts of the ck. . ever use "Good day" as a .greeting in**

Englisiu. ' •

**Thus the answer to "How do you do" is "How do you do", hen we part with somebody we say "Hoed bye", 'Good bay" for present, "So long" * At night we say "Good night".** Тарзи салом додан дар забони муосири англисӣ. Омӯзгор бо истифодаи лексикаи ин матн ҳам вазифаҳои грамматикиро иҷро карда, ҳам тарзи салом доданро чун вазифаи тарбиявӣ истифода мебарад. Тарбияи коллективизм аз тарафи омӯзгор чун вазифаи муҳимми тамоми низоми омӯзиши фан баррасӣ мешавад.

Ҷузъи машғулият – саломи хайрхоҳона ва анъанавӣ. Оҳанги боэътимоди сухани омӯзгор, табассуми ӯ, тарзи рафтори ором дар машғулиятҳо, фазои корӣ, эҳтироми мутақобила ва ҳамкориро ба вуҷуд меоварад.

Мубрам сохтани маводи омӯхташуда аз тарафи омӯзгор бо шаклҳои гуногун сурат мегирад. Саравввал худи омӯзгор нақши худро бозӣ мекунад ва баъдан ду донишҷӯ ин нақшро бозӣ мекунанд ва баъд аз ин ба таври дастҷамъӣ (коллективона) бо забони англисӣ ба сифати кор ва сатҳи азхудкунии мавод баҳо медиҳанд. Минбаъд аз рӯи саволҳои пешниҳодшуда

донишҷӯён дукасӣ ва баъд аз рӯйи карточкаҳо бо истифодаи калима ва ибораҳои калидӣ нақл мекунанд. Омӯзгор ба онҳо ҳамроҳ шуда, интихобан донишҷӯёнро мепурсад ва дар айни замон, ба онҳо имконият медиҳад, ки ба ҷавобҳо баҳогузорӣ намоянд ва ин баҳо дар журнал қайд карда мешавад.

Лексикаи нав аз тарафи омӯзгор дар заминаи маводи зарурӣ барои нақли минбаъдаи мустақилона ворид карда мешавад. Сипас, ба таври гурӯҳӣ ба саволҳои гузошташуда аз рӯи матн ҷавоб дода мешавад. Ба гурӯҳҳо ба таври якхела супориш дода мешавад, чунки захираи луғавӣ барои нақл кардан омода карда мешавад ва муҳим аст, ки ба ҳар як донишҷӯй кумаки коллективӣ расонида шавад. Омӯзгор мураттабан ба кори гурӯҳҳо ҳамроҳ мешавад, тарзи талаффузро ислоҳ мекунад, намунаҳоро барои такмили нутқ медиҳад, машғулиятҳо оид ба якдигаргӯшкуниро назорат мекунад ва ғайра. Баъдан, мулоҳизаҳои машваратчиён (роҳбарони гурӯҳ) – ро мепурсад, фикр ва баҳодиҳии донишҷӯёнро ба назар мегирад.

Машғулиятҳои минбаъда дар гурӯҳҳо ба таври «инфиродӣ» сурат мегиранд: ҳар як гурӯҳ бояд ба ҷавоби муфассал ба яке аз саволҳо аз рӯйи мавзуъ, ки дар маҷмуъ асоси тамоми нақлро ташкил медиҳад, омодагӣ бинад. Ин кор вобаста аз саҳми ҳар як донишҷӯ аст. Дар ҳеҷ як аз лаҳзаи машғулият набояд донишҷӯёни пешқадам бо донишҷӯёни қафомонда муқобил гузошта шаванд, ҳама муттафиқона, якҷоя кор мекунанд.

Вазифаи хонагӣ, амалан, аз тарафи ҳар як донишҷӯ иҷро карда мешавад, он чи ки дар машғулиятҳо аз худ карда шудааст, такрор карда мешавад, мазмун ва услуби баён эҷодкорона инфиродӣ мешавад. Дар ин машғулиятҳо мазмуни дарс, ки донишҷӯёнро аз рӯи эҳсосу андеша, методикаи фаъолияти коллективона дар шакли гуногун муттаҳид сохта, эҳсоси рафоқат, хайрхоҳӣ ва таассуроти мутақобиларо ба вуҷуд меоварад, чун омили тарбиявӣ хизмат мекунад.

## 2.3. Арзёбии самаранокии фаъолияти тарбиявӣ дар ҷараёни корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ

Тавре ки маълум аст, кори тарбиявӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ мисли дигар шаклҳои таълим қисми ҷудонопазири раванди умумии таълиму тарбия мебошад. Дар замони бознигарии низоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ накш ва мазмуну мундариҷаи кори мустақилона ва беруназдарсӣ такмил ёфта, аҳамияти муҳим пайдо кард. Омӯзиши таҷрибаи омӯзгорони пешқадами забони хориҷӣ аз ҷониби як силсила муҳаққиқон аз он шаҳодат медиҳад, ки корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ ба беҳбуди дониши донишҷӯён оид ба забон мусоидат мекунад. Ҳамчунин, корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ ба амиқ гардидани малака ва истеъдоди донишҷӯён, ташаббускорӣ ва фаъолнокии эҷодии онҳо мусоидат намуда, ба ҳисси ватандӯстӣ ва башардӯстии онҳо таҳким мебахшад. Имрӯз ҳеҷ кас дар бобати аҳамият ва зарурати бо донишҷӯён гузаронидани чорабиниҳои гуногуни беруназдарсӣ оид ба забони хориҷӣ баҳс намекунад. Дар адабиёти илмӣ-методӣ, ки солҳои охир ба нашр расидаанд, таҷрибаи пешқадами кори беруназдарсӣ бо донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ инъикос ёфтаанд, ки он натиҷаи фаъолият ва омӯзиши чандинсолаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ин самт мебошад. [61, с. 26]

Аммо таҳлили асарҳои бахшида ба проблемаи тарбияи сифатҳои ахлоқии шахсият дар ҷараёни кори беруназдарсӣ бо назардошти хусусиятҳои муассисаҳои таҳсилоти касбии миллӣ нишон дод, ки ин проблема дар педагогикаи мактаби олӣ ва коллеҷҳо ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Зиёда аз ин, то ҳоло таҳқиқгарон масъаларо дар бораи ин ки забони англисӣ метавонад воситаи тарбияи алоқӣ дар ҷараёни корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ бошад, таҳқиқу баррасӣ накардаанд.

Таҳқиқи масъалаи мазкур собит месозад, ки кори мустақилонаи донишҷӯ яке аз шаклҳои муфиди тарбияи ахлоқӣ дар ҷараёни таълими

забони англисӣ мебошад.

Кори мустақилонаи донишҷӯ чунин коре мебошад, ки бе иштироки бевоситаи омӯзгор, аммо бо супориш ва таҳти назорати бевоситаи вай ё бе ӯ анҷом мегирад, шакли фаъолияте мебошад, ки дар ҷараёни он донишҷӯ барои аз худ намудани дониши зарурӣ талош варзида, раванди мазкур ба ташаккули муназзамӣ, мустақилӣ  ва азхудкунии бошуурона ва устувори дониш мусоидат мекунад.

Агар дар назар гирем, ки омӯзгор бояд ҳаҷми донишеро, ки бояд ба донишҷӯ диҳад, барои худ аниқ ва бо ҷузъиёташ тасаввур намояд ва омӯзгор бояд усул ва методҳои баёни маводро аз худ карда, онҳоро доиман мукаммал созад, он гоҳ, муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки на ҳамаи омӯзгорон ба дараҷаи зарурӣ тасаввур карда метавонанд, ки донишҷӯ бояд кадом методҳо ва усулҳоро дар ҷараёни кори мустақилона мавриди истифода қарор диҳад.

Кори мустақилона шароитеро фароҳам месозад, ки бояд донишҷӯй тавассути омӯзгор на танҳо дониши заруриро дарёфт кунад, балки   омӯзгор барои ба таври мустақилона дастрас намудани дониш аз ҷониби донишҷӯй мусоидат намояд. Чунки маҳз дар ҷараёни кори мустақилона малака ва фаъолияти фикрӣ, муносибати эҷодкорона нисбат ба кори оянда ташаккул меёбад. Кори мустақилона бояд тавре роҳандозӣ шавад, ки дар донишҷӯ талаботи доимиро ба тавсеа, таҷдид ва истифодаи эҷодкоронаи дониши дарёфтгардида ташвиқ намояд.

Ҳидояти педагогии кори мустақилонаи донишҷӯй бе донистани ин ки ӯ ба таҳсил, умуман, ва аз ҷумла, бо фанни мазкур чи гуна муносибат мекунад, номумукин аст. Барои он ки донишҷӯ маводро дар ҳаҷми пурра аз худ кунад ва донишаш ба қадри кифоя устувор бошад, бояд дар донишҷӯ ташнагии хастанашаванда ба андӯхтани дониш ва кӯшиши доимӣ барои омӯзиш инкишоф дода шавад.

Дар азхудкунии бомуваффақияти забони хориҷӣ ва роҳандозии дурусти кори мустақилонаи донишҷӯй дар вай ташаккул додани майлу рағбат ба

фанни омӯзиш – яъне забони хориҷӣ низ нақши муҳим бозӣ мекунад. Л.Н. Толстой навишта буд, ки барои он ки шахс дар ҳар синну сол ба хондан машғул шавад, вай бояд ба хондан шавқ дошта бошад.

Педагоги маъруф К.Д.Ушинский таъкид мекард, ки: «Хондани маҷбурӣ, бе ҳар гуна шавқу рағбат, гарчи аз рӯи муҳаббат ба муаллим бошад ҳам, дар шогирд майлу рағбат ба хонданро аз байн мебарад, ки бе ин вай муваффақ намешавад». [93, с. 210]

Аз аввалин рӯзҳои машғулият бо донишҷӯён бояд дар онҳо шавқу рағбат ба забони хориҷиро бедор кард ва ин шавқро бояд доиман инкишоф дода, ҳамаҷониба дастгирӣ кард. Ин ба кори мустақилонаи минбаъда таъсири мусбат хоҳад расонид. Агар донишҷӯ ба фан майлу рағбат дошта бошад, вай ҳамеша барои машғулиятҳо, барои иҷрои супоришҳои иловагӣ вақт меёбад ва шаклу роҳҳои зудтар ва амиқтар аз худ кардани забони хориҷиро ҷустуҷӯ хоҳад кард.

Бедор кардани шавқу рағбат ба омӯзиши забони хориҷӣ бе саъю талоши доимии омӯзгор барои баланд бардоштани сифати дарсдиҳӣ ва такмили ихтисоси худ номумкин аст. Шавқу рағбатро фақат шахсе бедор карда метавонад, ки худ бисёр чизро медонад ва дониши худро ба шогирд интиқол дода тавонад ва аҳамияти онро фаҳмонад.

Тавре ки медонем, фаъолияти таълимӣ, қабл аз ҳама, раванде мебошад, ки, аслан, машғулияти дар синф амалишавандаи донишҷӯйиро ифода мекунад. Мафҳуми ташкили фаъолияти таълимӣ бошад, аввалан, кори синфӣ ва баъдан, кори хонагӣ, кори мустақилонаю беруназсинфии донишҷӯйиро, ки асосан, дар заминаи фанни таълимӣ сурат мегирад, дар бар мегирад. Кори мустақилона, ҳамзамон, барои зуҳур намудан ва бедоршавии ҳисси мустақилият, ҳавасмандӣ, худидоракунӣ, мақсаднокӣ ва дигар сифатҳои шахсии донишҷӯй мусоидат мекунад.

Хусусияти муҳимми кори мустақилона, қабл аз ҳама, ин фаъолияти мақсадноку ҳавасмандии ботинии донишҷӯй маҳсуб шуда, дар ҷараёни

амалҳои аз ҷониби донишҷӯй анҷомдодашуда маҳз худшиносӣ ва ҳисси қаноатмандии ӯро такмил медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки кори мустақилонаи донишҷӯй, **аввалан,** натиҷаи фаъолияти самаранок ва дурусти таълимӣ дар синф маҳсуб шуда, барои дарки амиқ ва мустақилилонаи ҳодисаҳо ҳавасмандии ӯро бедор мекунад. **Сониян,** кори мустақилона маҷмуи вазифаҳое мебошад, ки аз ҷониби муаллим дар синф дода мешаванд ва ин вазифаҳо бояд то дарси навбатӣ иҷро шаванд. **Севвум,** кори мустақилона чун шакли фаъолияти таълимие фаҳмида мешавад, ки бояд вазифаҳои барои худомӯзӣ вогузоршуда бо машғулиятҳои синфӣ робитаи бевосита дошта бошанд. [145]

Хусусияти дигари кори мустақилона аз он иборат аст, ки он ҳамчун шакли худомӯзӣ ва фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар шароити «холигии иттилоотӣ метавонад таваҷҷуҳи донишҷӯйро ба зуҳуроти гуногун ҷалб намуда, ба аз худ намудани зуҳуроти нав ва номаълум мусоидат намояд. Ҳамчунин, дар раванди кори мустақилона ҳамеша вазифаҳои маърифатӣ мавқеи муҳим пайдо намуда, талабот ба соҳибихтиёрӣ ва фаъолияти маҷсаднок ҳамчун идомаи фаъолияти таълимӣ арзёбӣ мешавад.

Тавре ки аз мушоҳида ва таҳлилҳо бармеояд, ба таври фаъолона амалӣ гардидани кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҳузури муаллим ва, ҳамчунин, омодагирии мустақилонаи берун аз синф, барои тамини самаранокии азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби онҳо мусоидат хоҳад кард. Ташкили кори мустақилона ва роҳбарӣ аз болои он барои ҳар як омӯзгор вазифаи масъулиятнок ва душвор маҳсуб шуда, тарбияи фаъолнокӣ ва мустақилияти донишҷӯй бояд ҳамчун ҷузъи таркибии раванди тарбия мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шавад. Ин вазифа, бешубҳа, барои хар як омӯзгор чун вазифаҳои муҳим ва дорои аҳамияти якумдараҷа бояд арзёбӣ шавад.

Мушоҳида ва таҷриба собит месозад, ки корҳои беруназсинфӣ доир ба забони хориҷӣ дар низоми таълими муассисаҳои таҳсилоти касбӣ беш аз пеш вусъат пайдо намуда, шаклҳои нави ин намуди кор ҷорӣ карда мешавад. Аз

ҷумла, маҳфилҳои интернатсионалӣ, китобхонаҳо, маҳфилҳои ҳозирҷавобон ба забони хориҷӣ ва ғайра аз зумраи он тадбирҳое мебошанд, ки дар ташаккули шуур ва рафтори ахлоқии донишҷӯён таъсири амиқ мерасонанд. Аммо бо вуҷуди муваффақиятҳои муайян, ки омӯзгорони пешқадам дар ҷараёни кори беруназдарсӣ бо донишҷӯёни худ ба даст овардаанд, дар ин соҳа ҳанӯз проблемаҳои ҳалношуда ва баҳснок зиёданд. Масалан, муаллифони дастурамалҳои методӣ мазмуни корҳои мустақилона ва беруназдарсиро дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ ба тарзи гуногун шарҳ медиҳанд. Бисёр омӯзгорон дарк мекунанд, ки кори беруназдарсӣ бояд бо маводи таълимӣ алоқамандии наздик дошта бошад, вале дар амал на ҳама вақт онро бомуваффақият татбиқ карда метавонанд. Зеро ки дар чунин маврид ё яке аз усулҳои муҳимми созмондиҳии кори беруназдарсӣ, яъне ҷолибияти он осеб мебинад, ё ин ки талабот дар бобати сарбории зиёди донишҷӯён ба назар гирифта намешавад.

Ба ақидаи мо, таъсири робитаҳои байнифаннӣ ба мазмун ва роҳандозии кори беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ, ба қадри кофӣ дар назар гирифта намешавад.

Муаллиф дар ин қисмати кор дар назди худ вазифаи муайян намудани роҳҳои ҳали проблемаҳои зикршуда дар асоси таҷрибаи омӯзгорон ва санҷиши экспериментали нуктаҳои алоҳидаро гузоштааст. Омӯзгор бо донишҷӯён чорабиниҳои беруназдарсиро гузаронида, айни вазифаҳои амалии умумитаълимӣ ва тарбиявиро иҷро мекунад, ки дар назди машғулиятҳои таълимӣ гузошта мешаванд. Аммо хусусияти кори беруназдарсӣ имконият медиҳад, ки вазифаҳои мушаххаси омӯзгор аниқ карда шаванд. Қабл аз ҳама, ҷанбаи ихтиёрии иштироки донишҷӯён дар ин кор ва рағбати онҳо ба набудани талаботи ҷиддии барномавӣ, ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ба муқоисаи машғулиятҳои дарсӣ фазои хубтари мусоидаткунанда ба ташаккули сифатҳои ахлоқиро фароҳам оварад. Чунин шаклҳои кор, монанди мукотиба ба забони хориҷӣ бо дӯстони хориҷӣ, шабнишиниҳо, мулоқот бо

ашхосе, ки забони хориҷиро хуб медонанд, тамошои филм ба забони хориҷӣ ва ғайра аз як тараф, имконияти истифодаи забон чун воситаи муоширатро фароҳам меоваранд ва аз ҷониби дигар, ба донишҷӯён таъсири тарбиявӣ мерасонанд.

Дар раванди омӯзиши масъала мо кӯшиш намудем, ки таваҷҷуҳро ба муносибати донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ (ангисӣ) равона созем. Вобаста ба ин, бо чанд савол ба донишҷӯён муроҷиат намудем, ки нигоҳи онҳоро ба зарурат ва мақсаднокии омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) ошкор намуд. Ба саволи **“Оё омӯзиши забони хориҷӣ барои Шумо ҷолиб аст?”** ҳамагӣ 58% мусоҳибон ҷавоби мусбӣ дода, 32,6% омӯзиши онро зарур намешуморад. Инчунин, 9,4% мусоҳибон қайд намуданд, ки “Дар ҷавоб мушкилӣ мекашам”. Ҷавоби донишҷӯён ба ин савол далели он аст, ки теъдоди муайяни онҳо доир ба равандҳои босуръати пешрафти илму технологияҳои инноватсионии муосир огаҳӣ надоранд ва ба моҳияти чунин дигаргуниҳо сарфаҳм намераванд.




***Диаграммаи 14. Муносибати донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ (ангисӣ)***

Бар хилофи чунин мавқеъгирии донишҷӯён ҷавоби онҳо ба саволи дигар – **“Оё донистани забони хориҷӣ барои Шумо дар ҷараёни омӯзиши фанҳо оид ба ихтисос кумак мекунад?”** – далели он аст, ки донишҷӯён ба омӯзиши забоҳои хориҷӣ назари мусбӣ доранд. Чунончи, 67% донишҷӯён дар раванди таълими фанҳои дигар, аз ҷумла фанҳои тахассусӣ, омӯзиши забони хориҷиро мусбӣ арзёбӣ мекунанд. Ин далели он аст, ки теъдоди бузурги мусоҳибон ба моҳият ва ҳадафи омӯзиши забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти касбӣ ва аз худ намудани донишҳои касбӣ дуруст сарфаҳм мераванд.

Лекин 23% донишҷӯён ба омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) ва таъсири он ба сифати азхудкунии донишҳои касбӣ назари ғайримусбӣ изҳор намуданд, ки ин, бешубҳа, аз сатҳи пасти тафаккур ва сарфаҳм нарафтани ин қишри ҷавонони донишҷӯй ба раванди рушди технологияҳои муосир ва ҳадафу моҳияти таълими забонҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳад.




***Диаграммаи 15. Омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) ва таъсири он ба сифати азхудкунии донишҳои касбӣ***

Масъалаи дигаре, ки зимни таҳлил ва баррасии масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, сифати таълими забони хориҷӣ дар ин коллеҷҳо маҳсуб мешуд. Зимни назарсанҷӣ ба мусоҳибон муроҷиат карда шуда, ки: – “Дар муассисаи таълиме, ки таҳсил мекунед, омӯзиши забони хориҷӣ шуморо қаноатманд месозад?”. Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки 65,3% аз раванди таълими забони хориҷӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, 24,7% ҷавоби манфӣ доданд ва 10% мавқеашонро муайян карда натавонистанд.




***Диаграммаи 16. Сифати таълими забони хориҷӣ***

Таҳлилҳо собит месозанд, ки теъдоди зиёди донишҷӯён ба омӯзиши забони хориҷӣ назари мусбӣ дошта, ба андешаи онҳо (67%) донистани он дар раванди азхудкунии фанҳои дигар мусоидат мекунад ва теъдоди дигар (65,3%) раванди таълими забони хориҷиро дар коллеҷҳо мусбат арзёбӣ намуданд.

Дар коллеҷҳое, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд, забони англисӣ ҳамчун забони ҳатмии таълимӣ роҳандозӣ шуда буд. Бинобар ин, ба хотири

муайян намудани мавқеи истифодаи он аз донишҷӯён ба чунин савол муроҷиат намудем: **“Забони хориҷие, ки шумо меомӯзед берун аз дарс бештар дар кадом шакл истифода мешавад?”**




*Диаграммаи 17. Истифодаи забони хориҷӣ берун аз раванди таълим*

Натиҷаи пурсиш собит намуд, ки 70 фоизи донишҷӯён баъди дарс бо ин забон муошират надоранд ва барои 8% – тавассути интернет, 4% – хондани хабару мақолаҳо ва 18% тамошои филмҳо ба забони анлисӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ҳамчунин, теъдоде, ки ба тамошои филмҳо машғул мешаванд, имкон дорад на ҳамаи онҳо забонро медониста бошанд. Зеро ки тамошои филм аз рӯйи сюжети он бе донистани забон ҳам имконпазир аст.

Ин ҷо бамаврид хоҳад буд, ки таҳлили муқоисавии муносибати донишҷӯён ва хонандагони мактаби миёнаи ҷумҳуриро ба масъалаи мазкур пешниҳод намоем. Мувофиқи натиҷаҳои тадқиқоте, соли 2022 аз ҷониби Ф.А.Қурбонова дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ анҷом дода шудааст (Ниг. дианраммаи №18), [130, с. 135] 80% хонандагон изҳор намудаанд, ки забони

хориҷие, ки меомӯзанд, баъди дарс истифода намешавад. Танҳо 1,2% – ҳангоми суҳбат бо шиносҳо тавассути интернет, 8,8% – зимни истифодаи интернет ва 10% – ҳангоми тамошои филмҳо забони англисиро мавриди истифода қарор медиҳанд. Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки тафовут миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ чандон зиёд нест. Рақамҳои боло тасдиқ мекунанд, ки таваҷҷуҳи ҳам хонандагон ва ҳам донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, дар сатҳи зарурӣ равона нагардидааст.




*Диаграммаи 18. Истифодаи забони хориҷӣ берун аз раванди таълим*

Бояд зикр намуд, ки озодӣ дар интихоби мавод ва шакли кор барои тавсеаи сатҳи таълиму тарбияи донишҷӯён шароити мусоидро фароҳам меорад. Воқеан, истифодаи васеи маводи рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои инъикоскунандаи рӯйдодҳои ҷорӣ дар кишвари забонаш омӯхташаванда

имконият медиҳад, ки донишҷӯён бо ҳаёти муосири ин кишварҳо хубтар шинос шаванд ва дар рӯҳияи дӯстию ҳамкорӣ бо ин кишварҳо тарбия ёбанд, ки ин, ҳамзамон, ба ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва маънавиёти онҳо мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр намуд, ки чорабиниҳои беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ ба тарбияи ахлоқӣ ва эстетикии донишҷӯён нисбат ба дарс дар мактаб метавонанд бештар мусоидат кунанд. Дар сурати интихоби дурусти матнҳо, сурудҳо, шеърҳо ва зарбулмасалҳо барои маҳфилҳо ба забони хориҷӣ дар донишҷӯён муҳаббат ба Ватан, ба касби худ, ба зебоии ҳаёт ва санъату ҳунар ташаккул меёбад. Ҳамчунин, ороиши хуби бадеии стендҳо, гӯшаи албомҳо, мусиқӣ низ имкон дорад ба ин масъала мусоидат кунад.

Кори беруназдарсӣ аз рӯйи хусусияти худ имкон медиҳад, ки тамоюли инфиродӣ ва имконоти донишҷӯён бештар ба назар гирифта шавад. Омӯзгор метавонад ба донишҷӯён бо назардошти рушди маҳорату малакаи онҳо дар нутқ, хониш ва навиштан супоришҳои гуногун диҳад. Ин амал дар навбати худ имконият медиҳад, ки шавқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиши забон бештар гардад. Бинобар ин, муҳимтарин ҳадафи кори берун аз дарс бедор намудани шавқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки кори беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ вижагиҳо ва талаботи хоссаи худро дорад. Талаботи аввал аз он иборат аст, ки кори берун аз дарс фақат метавонад дониш, маҳорат ва малакаи дарёфткардаи донишҷӯён дар ҷараёни дарсро амиқ намояд, тавсеа ва такмил бахшад, аммо ҳадафи додани дониш, маҳорат ва малакаи нави аз худ кардани забонро надорад.

Талаботи дигар нисбат ба кори беруназдарсӣ ҷолибӣ, шавқангезии маводе мебошад, ки ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои беруназдарсӣ истифода бурда мешаванд.

Ҳар гуна мавзуе, ки омӯзгор барои кори беруназдарсӣ интихоб менамояд, бояд барои донишҷӯён аҳамияти маърифатӣ, дарккунӣ дошта

бошад. Зимни кори беруназдарсӣ, донишҷӯён бояд ба муқоисаи он чи ки дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ фаҳмида ва аз худ кардаанд, чизи навро дарёфт намоянд: масалан, чизи наву барояшон номаълум дар бораи лаҳзаҳо аз ҳаёти нависандагон, порчаҳо аз осори онҳо, ки дар ҷараёни дарс омӯхтаанд; ғанӣ гардондани дониши худ дар бораи шаҳрҳои кишвари забонаш омӯхташаванда бо истифода аз номаҳои дӯстони хориҷии худ ва ғайра.

Ҷолибият ва шавқангезӣ бояд на танҳо дар мавод, балки дар шакл ва тарзи гузаронидани кори беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ низ зоҳир шавад.

Дар ҷараёни чорабиниҳои беруназдарсӣ донишҷӯён бояд лаҳзаҳои ҷудогонаи дарсро ба хотир биёранд. Ин ҷо муаллим чун як рафиқи калонсол омода аст ба донишҷӯён кумак расонад, онҳоро ҳидоят намояд. Ин ҷо маводе нест, ки донишҷӯён бояд аз худ кунанд, дар хотир нигоҳ доранд ва баъдан ба муаллим баён намоянд. Дар ин ҷо донишҷӯён ва омӯзгор якҷоя вазифаҳои мушаххасро иҷро менамоянд, ки ҳаллу фасли онҳо бо шавқу рағбати ҳаётии донишҷӯён алоқаманд аст. Масалан, онҳо ҷавоб ба мактубҳоро омода месозанд, дастурамали дастгоҳи суратгириро баррасӣ мекунанд, дар бораи шаҳр ва мактаби худ барои дӯстони хориҷӣ нақл омода мекунанд ва ғайра. Дар ин ҷо баҳои хуб ё бад монда намешавад, фақат рӯзномаҳо, албомҳо, гӯшаҳои зебо ва хуб орододашуда ё каме камбудидошта вуҷуд дораду халос.

Ин ҷо ба мизи дарсии маъмулӣ ҳам эҳтиёҷ нест. Омӯзгор бо донишҷӯён дар вазъияте вомехӯрад, ки бо мавзуи машғулият, бо ҳалли супориш бештар мутобиқат дошта бошад. Ин метавонад толор, парк, толори синамо, осорхона ва ғайра бошад.

Талаби дигар нисбат ба мазмуни кори беруназдарсӣ иртиботи он бо дигар фанҳои таълимӣ мебошад. Ин алоқа дар муайян намудани мавзуи машғулиятҳои маҳфилҳо (кружокҳо), ташкил намудани саёҳат (экскурсия) ба забони хориҷӣ зоҳир мешавад. Машғулияти ҷамъбастӣ аз рӯйи ин мавзуъро масалан, метавон дар шакли экскурсия ба музей ё рафтан ба театр ва кино

гузаронид.

Боз дар бораи як талаби дигар нисбат ба кори беруназдарсӣ бояд ёдрас шуд, ки ин маҳз ихтиёрӣ будан ва иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар он мебошад. Донишҷӯён мувофиқи майлу рағбати худ ин ё он шакли кори беруназдарсиро интихоб менамоянд. Аммо донишҷӯй барои иштирок дар маҳфил, шабнишинӣ, озмун ва ғайра майл намуда, ихтиёран уҳдадории муайянро ба зимма мегирад, ки иҷрои онро муаллим ба таври ҷиддӣ назорат мекунад.

Агар кори беруназдарсӣ воқеан ҷолиб гузаронида шавад ва ба донишҷӯён завқ бахшад, он гоҳ иштирок дар онро ба осонӣ метавон чун ҳавасмандкунӣ барои баланд бардоштани сифати дониши донишҷӯён истифода бурд. Аз байни хоҳишмандони иштирок дар ин кор омӯзгор фақат онҳоеро роҳ медиҳад, ки дониши онҳо ба забони англисӣ бо талаботи муқарраршуда мутобиқ бошад ва онҳое, ки супоришро фаъолона иҷро мекунанд. Ин талабот аз тарафи омӯзгор дар якҷоягӣ бо донишҷӯён муайян гардида, вобаста аз забондонии донишҷӯён метавонад тағйир ёбад.

Яке аз талаботи ҷиддӣ нисбат ба кори беруназдарсӣ, ҳамчунин, хусусияти умумӣ доштани он аст. Шакли умумии кор бо донишҷӯён бояд афзалияти махсус дошта бошад, чунки маҳз он ба татбиқи усули коллективизм ва ёрии ҳамдигарии рафиқона мусоидат мекунад.

Кори беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ бояд тавре роҳандозӣ шавад, ки барои рушди ташаббуси эҷодии донишҷӯён ва мустақилияти онҳо мусоидат намояд. Иҷрои муваффақонаи ин талабот ба андозаи зиёд аз қобилияти омӯзгор барои ҷалби созмонҳои ҷамъиятӣ ба фаъолияти гуногуни донишҷӯён вобаста аст. Муаллим бояд бо назокати хосса донишҷӯёнро ҳидоят намояд ва ба ташаббуси онҳо фишор ворид накунад. Вақтҳои охир бисёр омӯзгорони забонҳои хориҷӣ ҳангоми гузаронидани кори беруназдарсӣ робита бо ташкилотҳои ҷамъиятиро бомуваффақият ба кор мебаранд.

Кори беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ мутобиқи он вазифаҳои

амалӣ, таълими умумӣ ва тарбиявӣ гузаронида мешавад, ки дар назди ин фанни таълимӣ гузошта мешавад. Дар ҷараёни кори беруназдарсӣ таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба ташаккули малака ва қобилияти нутқи шифоҳӣ зоҳир карда шавад: такмили хониш дар ҷойи дуввум қарор мегирад ва фақат дар марҳалаи аввали равонашуда ба рушди малакаю қобилияти азхудкунии амалии забон сурат мегирад.

Мазмуни кори беруназсинфӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад: он бояд дониш ва малакаи донишҷӯёнро амиқ намуда, такмил бахшад, вале ҳадафи додани дониши нав дар риштаи забонро надорад; ҳам мавод ва ҳам шакли кор бояд ҷолиб ва шавқманд бошад; он бояд бо маводе, ки донишҷӯён аз рӯйи дигар фанҳо меомӯзанд, алоқаманд бошад; бояд бар пояи ихтиёрӣ ва фаъолнокии донишҷӯён устувор бошад, ҷанбаи умумӣ дошта бошад ва ташаббуси эҷодии донишҷӯён ва мустақилияти онҳоро рушд диҳад.

Маврид ба зикр аст, ки машғулияти дарсӣ аз рӯйи мазмуни худ бояд бо кори беруназдарсӣ наздик бошад, чунки ҳар ду намуди фаъолияти таълимӣ қисми таркибии як бутун буда, аз рӯи шакл ва намуди амалишавӣ аз якдигар ба таври ҷиддӣ фарқ доранд.

Аз рӯйи шумораи иштирокчиён дар кори беруназдарсӣ маъмулан, се намуди асосӣ фарқ мекунанд: умумӣ, маҳфилӣ ва инфиродӣ. Ҳар кадоми онҳо вобаста аз мазмун ва ҷанбаи амалишавӣ ба бисёр намудҳо тақсим мешаванд. Чанде аз онҳоро, ки барои рушди нутқ ва ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён мебошанд, баррасӣ менамоем.

Солҳои охир маҳфилҳои шаҳрӣ ва марказии интернатсионалӣ, ки онҳоро «клубҳои дӯстӣ» низ меноманд, ривоҷ ёфтаанд. Ин намуди кори беруназдарсӣ бо он бартарӣ дорад, ки, махсусан, теъдоди зиёди донишҷӯёнро ба забони хориҷӣ чун воситаи муошират ҷалб мекунад.

Вазифаи асосии клубҳои интернатсионалӣ такмили дониши донишҷӯён оид ба забони англисӣ, ошноӣ бо зиндагӣ, урфу одати гӯяндагон ба ин забон, таҳкими сулҳу дӯстӣ миёни кишварҳо мебошад.

Намуди дигари кори беруназдарсии оммавӣ оид ба забонҳои хориҷӣ, ки дар як қатор мактабҳои олӣ ривоҷ ёфтааст, китобхонаи интернатсионалӣ мебошад. Мисли маҳфилҳои дӯстӣ, китобхонаҳои интернатсионалӣ маркази созмондиҳии тамоми кори беруназдарсӣ  дар мактаби олӣ мебошанд. Дар назди ин китобхонаҳо маҳфилҳои гуногун оид ба забонҳои хориҷӣ амал мекунанд, ки роҳбарони онҳо ба ғайр аз омӯзгорон, метавонанд фаъолони китобхона бошанд; дар ин ҷо ба таври мунтазам чорабиниҳои оммавӣ, шабнишиниҳо, маҳфилҳо, озмунҳо, конфаронсҳои хонандагон, мулоқотҳо баргузор мегарданд. Ба хондани адабиёти хориҷӣ, умуман, ба китобхонӣ ва китобдӯстӣ ҷалб ва талқин кардани донишҷӯён ҳадафи асосии чунин китобхонаҳо мебошад.

Намуди анъанавии кори беруназдарсии оммавӣ шабнишиниҳо (маҳфилҳо) ва роҳандозии мулоқотҳо ва суҳбатҳо мебошад. Аз рӯйи мазмуни худ махфилҳо метавонанд ду намуд бошанд: 1) маҳфилҳо бахшида ба мулоқот бо шахсиятҳои маъруф, ки донишҷӯён ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд; 2) маҳфилҳои мавзуии бахшида ба санаҳои таърихӣ, ҳаёт ва эҷодиёти нависанда, мавзуи мубориза барои сулҳ, таҳкими дӯстӣ байни халқҳои ҷаҳон ва ғайра.

Мавзуи умумии маҳфилҳо аз рӯйи мавзуъ барои рушди шахсият ва нутқ муайян карда мешавад, ки дар барномаи таълимӣ пешбинӣ шудааст. Чанд мавзуъро чун мисол барои донишҷӯёни солҳои 1 – 3 дар ин ҷо зикр менамоем:

1) Мо барои дӯстони хориҷии худ чиро ба забони хориҷӣ нақл карда метавонем?

2) Зарбулмасал ва мақолҳо ба забони хориҷӣ барои донишҷӯёни соли 2 – 3.

3) Дар бораи зиндагии дӯстони хориҷии худ чиро донистем?

4) Маҳфили дӯстии интернатсионалӣ;

5) Дар назди харитаи кишваре, ки забонашро меомӯзем;

6) Маҳфил бахшида ба санаи таърихӣ;

7) Нависандаи дӯстдоштаи ман.

8)Аз рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо ба забони хориҷӣ мо чи чизи ҷолибро донистем?

9) Маҳфили мулоқот бо дӯстони хориҷӣ;

10. Аз ҳаёти одамони бузург ва ғайра.

Мавзуъҳои овардашуда аз як тараф бо ҳаҷми маводи забонӣ муайян карда шуда, бо зиёдшавии мавод метавон мавзуъро муракккабтар сохт ва аз ҷониби дигар, бо сатҳи омодагии забонии донишҷӯён вобаста аст.

Аз рӯйи шакл ва ҷанбаи баромади донишҷӯён, маҳфилҳо ба намудҳои гуногуни санъат наздиканд: ба драматикӣ, мусиқӣ ва тасвирӣ. Ва ҳамин тавр, маҳфилҳо дар тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ ва рушди қобилияти донишҷӯён мусоидат мекунад. Аммо таҷрибаи на чандон ғании забонӣ ва нутқи донишҷӯён мазмуни баромадҳоро то ҳадде маҳдуд месозад. Бинобар ин, бояд дониш ва маҳорати донишҷӯён, ки дар ҷараёни машғулиятҳо ва намудҳои гуногуни кори берун аз дарс дарёфт шудааст, ҳадди аксар истифода бурда шавад, ба донишҷӯён камтар сарборӣ шавад ва азёд кардани маводи нав, махсусан, маводи дорои луғатҳои номафҳум камтар шавад. Аз ин рӯ, омӯзгор қаблан тамоми маводе, ки дар маҳфил истифода бурда мешавад, ба нақша гирифта, дақиқан низомбандӣ мекунад ва беҳтар аст, ки ин амал дар охири нимсола ва сол анҷом гирад.

Ба сифати мисол яке аз чунин маҳфилҳо дар мавзуи «Маҳфили зарбулмасал ва масалҳо ба забони англисӣ» - ро меоварем. Тайёрӣ ба маҳфилро бояд баъд аз поён ёфтани сессияи имтиҳонии зимистона оғоз кард. Дар айни замон, омӯзгор якҷо бо аъзои ҳакамон (жюри) ба таҳияи нақша сар карда, дар роҳрав эълони зебо орододашударо дар бораи маҳфил меовезад. Маҳфилро метавон дар се марҳала гузаронид.

Дар марҳалаи аввал ҳозирин (донишҷӯёни гурӯҳ ё курс) ба саволҳои аъзои ҳакамон ҷавоб медиҳанд. Мазмуни савол ва ҷавобҳо бояд

зарбулмасалҳои бештар ривоҷёфта ба забони англисӣ бо тарҷима ба забонҳои тоҷикӣ ва русиро дарбар гирад. Масалан, чунин зарбулмасалҳо:

" Sapare the rod spoil the child " - "Пожалеешь розгу, испортишь ребенка" - "То набошад химчаи тар, ибрат нагирад гову хар"; Practice makes perfect - "Навык мастера ставит"- " Малака шахсро усто мекунад"; "Well begun is half done"- "Хорошое начало- полдела"- "Оғози нек нисфи кор аст"; "Look before you leap" – "Семь раз отмерь, один раз отрежь"- " Ҳафт бор чен кун, як бор бибур"; Honesty is the po1icy" -"Честность - лучшая политика" - " Ростӣ беҳтарин сиёсат аст".

"Haste makes waste " – "Поспешишь – людей насмешишь"- "Саросема машав, ки мардумро механдонӣ".

Дар марҳалаи дуввум сабти магнитофонии матни ношинос ба асоси зарбулмасалҳои зерини англисӣ бо вариантҳои онҳо ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ гӯш карда мешавад:

" Live and learn " - "Век живи, век учись" - "Асрҳо зиндагӣ кун, асрҳо омӯз"; "Better late then never" - "Лучше поздно, чем никогда" - "Дер ояду шер ояд"; "East or West home is best"- "В гостях хорошо, а дома лучше"- "Меҳмонӣ хуб аст, аммо дар хона будан беҳтар"; "Don't put off till tomorrow what you can do today"- "Не оставляй сегодняшней работы на завтра"-"Кори имрӯзро ба фардо нагузор"; "Once bitten, twice shy"-"Обжегшись на воде, дем на молоко"- "Дар шир сӯхтам дуғро пуф карда мехӯрам"-"Birds of a feather flock together"-"Рыбак рыбака видит из далека"-"Моҳигир моҳигирро аз дур мешиносад"; "Don't count chiken before they are hatched"-"Цыплят по осени считают"-"Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд".

Марҳалаи севвум. Ду – се манзараи шиносро бо истифодаи зарбулмасалҳои зерини англисӣ навиштан: "A friend in need is a friend indeed"-"Друг познается в беде"-"Дӯстро дар душворӣ мешиносанд"; "Beauty lies in lover's eyes"-"Красота-в глазах любимого" - "Зебоӣ дар чашмони маҳбуба аст"; "Out of sight, out of mind"-"С глаз долой, из сердца вон" - "Аз

чашму дилам дур шав”; “A bird in the hand is worth two in the bush”-“Синица в руках, лучше журавля в небе”-“Гунҷишк дар даст беҳтар аз турнаи дар парвоз”; “Eat at pleasure, drink with measure” - “Ешь вволю, пей в меру”-“Хӯрдан бо озодӣ, нӯшидан бо меъёр”. [28, с.71]

Ҳадафи гузаронидани чунин маҳфилҳо ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён мебошад. Зарбулмасалҳои зикршуда ба донишҷӯён дар ҷараёни худтарбиякунӣ ва зиндагии ҳаррӯза мадад мерасонанд.

Намуди ҷолиб ва муфиди кори беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ озмунҳо ва олимпиадаҳо мебошанд. Онҳо ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки майлу рағбати инфиродии донишҷӯёнро муайян намояд, дар байни он боистеъдодҳоро дар соҳаи фанҳои гуманитарӣ ошкор созад, то ин ки баъдан барои онҳо шакли махсуси корро созмон диҳад. Пеш аз гузаронидани озмунҳо ва олимпиадаҳо ба забони англисӣ маъмулан, ҳам омӯзгор ва ҳам донишҷӯён кори зиёду дақиқи омодагиро анҷом медиҳанд.

Вазифаи ҳаками (жюрии) озмунҳо ва олимпиадаҳоро метавонанд донишҷӯёни беҳтарини солҳои (курсҳои) боло бомуваффақият иҷро намоянд. Аъзои жюри ҳамроҳ бо омӯзгор шартҳои озмунҳо ва олимпиадаҳоро таҳия менамоянд.

Ба донишҷӯён бояд саривақт феҳристи адабиёт, рӯйхати диафилмҳо, қартаҳо (пластинкаҳо)-ро, ки метавон дар озмун истифода бурд, хабар дод.

Бо вуҷуди боарзиш ва муфид будани шакли умумии кори беруназдарсӣ бояд нуқсони асосии онро дар назар гирифт, - яъне лаҳзаӣ ва кӯтоҳ будани муддати гузаронидани ин чорабинӣ. Дар ҳоле ки барои рушди малакаю маҳорати нутқ машқи доимӣ, тактикаи систематикии нутқ лозим аст. Бинобар ин, шакли умумии кори беруназдарсӣ наметавонад тамоми вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намояд.

Шакли умумии кори беруназдарсӣ, ки гоҳҳо гузаронида мешавад, бояд ҳатман бо маҳфилҳои мунтазам амалкунанда оид ба забони англисӣ такмил дода шавад.

Иштирок дар маҳфилҳо ҷиддан ихтиёрӣ аст.

Маҳфилҳо бояд сершумор набошанд, чунки ин рушди малакаи нутқро душвор месозад, теъдоди иштирокчиён набояд аз 12 – 15 нафар бештар бошад. Тавре ки таҷрибаи омӯзгорони пешқадам шаҳодат медиҳад, машғулият дар кружокҳо бояд на камтар аз як маротиба дар ду ҳафта ба муддати 1-1,5 соати академӣ гузаронида шавад. Шакли маҳфил ва мавзуи онро омӯзгор бо назардошти дархост ва рағбати донишҷӯён ва қобилияту имконияти онҳо (суруд хондан, рақс кардан, расм кашидан ва ғайра) муайян менамояд. Тавсия дода мешавад, ки кружокҳо барои донишҷӯёни параллелӣ ва гурӯҳҳои гуногун ташкил карда шавад (I ва II ё III ва ғайра).

Самарабахшии кори маҳфилҳо ба андозаи зиёд аз нақшагирии дуруст ва муносиби он вобаста аст. Таҷрибаи омӯзгорони пешқадам ва кори махсуси таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки самараи бештарро чунин нақшагирие медиҳад, ки фақат бо рӯйхати сатҳии санаҳо, мавзуъҳо ва машғулиятҳо маҳдуд нашуда, ба таври мушаххас он малака ва маҳоратеро пешбинӣ менамояд, ки дар ҳар як машғулияти алоҳидаи маҳфил ташаккул ёфта, таносуби намудҳои алоҳидаи фаъолияти нутқро ба назар мегирад: гапзанӣ (нутқи монологӣ ва диалогӣ), фаҳмиш аз рӯи шунавоӣ, ҳамчунин маводе, ки метавонанд барои ба вуҷуд овардани фазои зарурии забонӣ истифода бурда шаванд.

Омӯзгор мавзуъро интихоб карда, маводе, ки ӯ метавонад дар машғулиятҳо истифода барад, масалан, матнҳо (мутобиқшуда ё асл), сабтҳои наворӣ (диск), суратҳо, албомҳо, диафилмҳоро тахминан муайян менамояд.

Ҳар як мавзуъ метавонад барои рушди шахсият, инкишофи маҳорат ва малакаи ҳар гуна намуди фаъолияти нутқ хизмат кунад, аммо комилан равшан аст, ки баъзе мавзуъҳо бештар имконияти рушди нутқи монологиро доранд: масалан, мавзуъҳои «Ҷойҳои диданӣ ва ҷолиб», «Роҳи эҷодии адиб – олим». Ва дигар мавзуъҳо бештар нутқи диалогро рушд медиҳанд: масалан, мавзуъҳои «Дар мағоза», «Дар ошхона» ва ғайра.

Як хел маводро метавон барои дарку фаҳмиш аз рӯйи шунавоӣ

истифода бурд. Масалан, сабти навори ферромагнитӣ, грампластинка, диск, порчаҳо аз адабиёт. Маводи дигар барои инкишофи маҳорату малакаи гапзанӣ истифода бурда мешаванд.

Баъдан, омӯзгор баъзе машқҳои дорои ҷанбаи эҷодиро ба нақша мегирад. Дар баробари ин, баъзе супоришҳои инфиродӣ, ки барои иштирокчиёни фаъоли маҳфил пешбинӣ мегарданд, дар назар гирифта мешаванд. Ва ниҳоят, омӯзгор пешбинӣ менамояд, ки чи тавр маҳорату малакаи эҷодии донишҷӯёнро берун аз маҳфил истифода бурд, аз ҷумла, дар ягон чорабинии оммавӣ.

Ҳамин тавр, ҷараёни корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ бо самаранокии фаъолияти тарбиявӣ робитаи мустақим дошта, дар ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва рушди маънавии ҷавонони донишҷӯй нақши муассир дорад.

## Хулосаи боби дуюм

1. Боби мазкур ба омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазмун ва технологияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди дарсҳои забони англисӣ бахшида шуда, ҳамчунин, масоили ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ, китоби дарсӣ ва машғулиятҳои амалӣ – омили муҳимми тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён, арзёбии самаранокии фаъолияти тарбиявӣ дар ҷараёни корҳои беруназдарсӣ оид ба забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаи омӯзиш тамоилеро ошкор намуд, ки айни ҳол дар аксари кулли муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ ҷараён дорад. Масъала ин аст, ки теъдоди зиёди довталабони мактабҳои олӣ ё коллеҷҳо ҳангоми дохилшавӣ таваккалӣ ҳуҷҷат супорида, дар ҷараёни таҳсил кӯшиш мекунанд, ки ба ихтисосҳои дигар интиқол шаванд ё худашонро бо он таскин медиҳанд, ки баъди хатм бо ин ихтисос кор намекунанд. Тавре ки

натиҷаи тадқиқоти мо нишон медиҳад, 42 фоизи мусоҳибон таҳсил дар коллеҷҳоро барои вақтгузаронӣ интихоб менамоянд. Воқеан, раванди мазкур боиси нигаронӣ буда, мавриди он расидаст, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои пешгирӣ намудани ин зуҳуроти барои низоми таълиму тарбия зараровар тадбирҳои муфид ва зарурӣ андешад.

2. Бояд зикр намуд, ки таъсири раванди таълим ба ташаккули тарбияи ахлоқии донишҷӯён, хусусан, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Дар ин миён, агар тарбия дар раванди таълим худ ба худ (стихиявӣ) сурат гирад, натиҷаи он тафовут байни сатҳи донишу маърифатнокӣ ва ботарбия (боадабӣ) шудани донишҷӯён мешавад. Бояд таъкид кард, ки тарбияи ахлоқӣ барои донишҷӯёни соли аввал аҳамияти муҳим дорад, чунки маҳз дар соли аввал муносибати шахси ҷавон ба таълим муайян мешавад.

Таҳлили таҷрибаи таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ собит намуд, ки омӯзиши забони хориҷӣ чун фанни таълимӣ барои ташаккули шуури ахлоқии донишҷӯён  имкониятҳои фаровон дорад. Суҳбат ва пайдо намудани иттилоот оид ба ҳар гуна мавзуъ, таҳлили ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти мардуми забонаш омӯхташаванда  ва муқоисаи он бо кишвари мо – ҳамаи ин омӯзгори забони хориҷиро водор месозад, ки маводи таълимиро барои машғулиятҳо на танҳо бо назардошти аҳамияти омӯзишӣ, балки бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти тарбиявии онҳо низ  интихоб намояд.  Бояд зикр намуд, ки доир ба омӯзиши забони хориҷӣ миёни омӯзгорон андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Баъзе омӯзгорон бар он ақидаанд, ки  ҳадафи омӯзиши забони хориҷӣ пайдо намудани малакаи гуфтугӯ ва  хондану навиштан буда, дар ташаккули шахсият ва шуури ахлоқии ӯ нақши муассир  надорад. Чунин фаҳмиш, албатта, барои теъдоди бузурги мутахассисон ва, ҳатто, ашхоси ғайри ихтисос қобили қабул буда наметавонад. Зеро ки ҳадафҳои таълиму тарбия, сарфи назар аз кадом фан

буданаш, на танҳо ошкор ва тарбияи қобилият, балки ташаккул додани сифатҳои ахлоқӣ низ мебошад.

3. Таҳлилҳо собит намуданд, ки вазъи таъмини муассисаҳои номбурда бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи зарурии таълимӣ, хусусан, коллеҷи энергетикӣ, ки ба самти фаъолияти техникӣ сару кор дорад, нигаронкунанда буда, беҳбудиро меҳоҳад. Инчунин, дар раванди омӯзиши масъала маълум гардид, ки дар муассисаҳои таълимии кишвар сифати таълими забони хориҷӣ (англисӣ), инчунин, таъмин ва истифодаи китобҳои дарсӣ бо забони англисӣ чандон ҷавобгӯи талабот нест. Омӯзиши маъала собит намуд, ки таълими забони хориҷӣ (англисӣ) тақрибан дар ҳамаи муассиаҳои таълимии номбурда аз рӯи якчанд китоби дарсӣ роҳандозӣ мешавад, ки китобҳои дарсии мазкур барои таълим дар муассисаҳои миёнаи касбӣ пешбинӣ нашудаанд.

Омӯзиши масъала собит месозад, ки айни ҳол ҳам муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ҳам олии касбӣ аз нарасидани китобҳои дарсӣ аз забонҳои хориҷӣ, хусусан, забони англисӣ танқисӣ мекашанд. Вобаста ба мушкилоти мавҷудаи таълиф ва нашри китобҳои дарсӣ аз фанни забони англисӣ кулли муассисаҳои таълимӣ доир ба ин масъала танқисӣ мекашанд.

Бо дарназардошти ба хонандагони тоҷикзабон пешбинӣ шудани китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ зимни таҳия хусусияти миллии онҳо ҳатман ба инобат гирифта шаванд. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷаҳони муосир тақозо мекунад, ки кишварҳо зимни рушди босуръати илму технология ва рақобати шадид тавасути омӯзиши забонҳои хориҷӣ дастрасии шаҳрвандонашонро ба навгониҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ таъмин намоянд. Ҳамчунин, муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати таъмини хонандагону донишҷӯён бо китобҳои дарсию дигар маводи зарурии босифат тадбирҳо андешанд.  Зеро ки, бешубҳа, ташаккули сифатҳои хоси шахсӣ ва равонии донишҷӯй, фаъолияти минбаъдаи касбию  иҷтимоии ӯ аз соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидан вобастагӣ дорад.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ

Равандҳои ҷаҳони муосир водор месозанд, ки кишварҳои олам ба нақши омили инсонӣ, хусусан, ба тарбияи шахсияти дорои маънавиёт ва ахлоқи баланд таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд. Шароити кунунӣ тақозо мекунад, ки масъалаи таълиму тарбия ва сатҳи таҳсилоти ҷавонон чун масъалаи муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва моддию маънавӣ арзёбӣ шуда, барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ва роҳандозӣ намудани фаъолияти самараноки муассисаҳои таълимӣ дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Вобаста ба ҳолати мавҷуда зарурате пеш меояд, ки барои таъмини таълими самараноки забонҳои хориҷӣ (англисӣ) аз ҷониби омӯзгорон тадбирҳои муассир андешида шаванд. Дар кори пешниҳодшуда мавзуи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, доир ба натиҷаҳои тадқиқот хулосаю тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Бояд зикр намуд, ки таъмини самаранокии сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, қабл аз ҳама, аз дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ, омода намудани дастуру тавсияҳои методӣ аз ҷониби муҳаққиқон дар ин самт вобаста мебошад. Зеро ки амалӣ сохтани сиёсати таҳсилотӣ аз ҳаллу фасли як силсила вазифаҳое вобастагӣ дорад, ки ба методология ва технологияи таълиму тарбия дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ мутобиқат дошта бошанд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу василаҳое, ки ҷиҳати тарбияи шахсиятҳои дорои маънавиёт ва ахлоқи ғанӣ мусоидат менамоянд, бояд мавриди таваҷҷуҳи мақомоти дахлдори давлатӣ қарор дошта бошанд. [2-М], [6-М].

2. Айни ҳол низоми маорифи кишвар вазифаҳои хеле муҳим – баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ба таври бунёдӣ беҳтар кардани

тарбияи ахлоқӣ, мунтазам дар донишҷӯён ташаккул додани малакаи ҳимоя кардан аз арзишҳо ва эътиқоди ахлоқии худ ва ғайраҳоро ба уҳда дорад. Дар ин замина ҳар як фан дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар ҳалли вазифаҳои наздаш гузошташуда нақши муайяне бозӣ мекунад, ки дар ин раванд забони хориҷӣ низ дар канор нест. [8-М].

3. Имрӯз зарурате пеш омадааст, ки тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон аз ҷиҳати назария ва методологияи инкишоф ба таври амиқ дарк карда шуда, дар амал татбиқ намудани он аҳамияи муҳим пайдо намудааст. Оҳиста-оҳиста марҳалаи нави рушди ҷомеа, ки бо тағйирёбии тафаккури шахсият ва самтҳои арзишманди насли наврас алоқаманд аст, оғоз меёбад. Рушди технологӣ ба он оварда мерасонад, ки одамон дар бораи такмили рӯҳонӣ фикр намекунанд ва ҷанбаи ахлоқии амалҳо камтар мавриди таваҷҷуҳи онҳо қарор мегирад. Чунин зуҳуроти ахлоқ монанди дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром ва ғайра, мутаассифона, аз мадди назар дур мемонанд. Зарурат ба тарбияи одами дорои маънавиёти ғанӣ, ахлоқи баланд, ки қобилияти на танҳо истеъмол кардан, балки эҷод кардан кардан ҳам дошта бошад, рӯз аз рӯз меафзояд. [6-М].

**4.** Маврид ба зикр аст, ки тайи солҳои охир бо сабаби барқарории робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ талабот ба донистани забони хориҷӣ, қабл аз ҳама, забони англисӣ рӯ ба афзудан дорад. Ошноии донишҷӯён бо ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодии кишваре, ки забонаш омӯхта мешавад, ба тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, такомули маънавӣ – ахлоқии шахсият мусоидат мекунад.

Диплом дар бораи дараҷаи таҳсилот (таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ) то андозаи муайян дониши шахсро ифода менамояд, аммо наметавонад муайянкунандаи сатҳу сифатҳои ахлоқии хатмкунанда бошад. Аз ин ҷо вазифаи такмили низоми тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин, идоракунии тамоми маҷмуи тадбирҳои таълимӣ дар

муассисаҳои таълимӣ ва берун аз дарс ташаккул меёбанд.

**5.** Фаъолияти омӯзгор ба мақсади тарбияи ахлоқии донишҷӯён бе муносибати илмӣ – тадқиқотӣ ба раванди таълиму тарбия, бе истифодаи адабиёти илмӣ бо ҳадафи баланд бардоштани омодагии касбӣ ва бе таҳлили мунтазами кори худ ва фаъолияти ҳамкорон имконнопазир хоҳад буд. Ин ҷузъи тадқиқотии фаъолияти педагогӣ маҳсуб шуда, маҳз тавасути мавҷудияти равобити диалектикии байни омӯзгор ва донишҷӯй сурат мегирад. Зимни омӯзиши масъала баъзе усулҳое ба назар гирифта мешаванд, ки шавқу рағбати донишҷӯёнро ба фанни таълимӣ бедор намуда, равандҳои маърифатӣ, монанди таваҷҷуҳ, хотира, тафаккурро инкишоф медиҳанд, ҳисси вазифаю масъулиятшиносиро бедор менамоянд. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки таҳлил ва таҳқиқ, баррасӣ ва арзёбии масъалаи рушди тафаккури ахлоқии донишҷӯй дар асоси сифатҳои шахсии ӯ ҳамчун субъект ва объекти ҷараёни таълиму тарбия, инчунин, муносибати диалектикии омӯзгору донишҷӯй дар ин раванд боз ҳам аҳамияти муҳимтар пайдо мекунад. [5-М].

6. Тавре ки таҳлили масъалаи мазкур собит намуд, дар раванди таҳкими шуури фарҳангии донишҷӯён мушкили аввал, ин маҳдудияти адабиёт оид ба методикаи тарбияи фарҳанги рафтори донишҷӯён умуман, ва аз ҷумла, дар машғулиятҳои забони хориҷӣ мебошад. Адабиёти камшумор оид ба назарияи фарҳанги рафтор, оид ба қоидаҳои риояи он, доир ба нақши он дар ташаккули ахлоқӣ, эстетикӣ ва идеявии шахсият, шаклгирии зеҳнию фикрии шахс имконият намедиҳад, ки тарбияи фарҳангии донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад.

7. Бояд зикр намуд, ки тарбияи фарҳанги рафтор зарурати дар назди донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мушкилоти ҳамаҷониба аз худ кардани малака ва қобилият дар ин соҳаи муошырати инсониро матраҳ месозад. Ба сифати вазифаи аввалиндараҷа пешгирӣ кардани нуфузи фарҳанги бегона, қабоҳат ва маводи пастсифти маънавӣ ба муҳити ҷавонон мебошад.

Дар шароити муосир дар ҷумҳурии мо ворид гардидани фарҳанги бегона, инчунин, тарғибу ташвиқи он аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳида хеле густариш ёфтааст. Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо собит месозанд, ки чунин зуҳурот дар шуури ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён, ба осонӣ роҳ ёфта, барои бегонашавии онҳо аз арзишҳои миллӣ мусоидат мекунад. Хусусан, пайравии ҷавонондухтарони тоҷик аз тарзи либоспӯшии ба ном исломӣ, ки, аслан, на ба ислом, балки мансуб ба фарҳани арабию туркӣ маҳсуб мешавад, нигаронкунанда буда, аз сохторҳои давлатӣ, хусусан, ниҳодҳои соҳаи маориф масъулияти зиёдро талаб мекунад. [3-М].

8. Омӯзиш ва таҳқиқи масъала собит месозад, ки худтарбиякунии ахлоқӣ қабл аз хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ имкон дорад натиҷаи муайян диҳад, ки чунин натиҷа, қабл аз ҳама, ифодакунандаи сатҳи ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият мебошад. Бояд гуфт, ки ҷараёни таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба раванди ҷалби шахсият ба ҷомеа ва худтарбиякунии вай мусоидат менамояд. Дар ҷараёни таҳсил, вобаста ба «арзёбии нави арзишҳо», интихоб ва аз худ намудани касби оянда, то андозае "дақиқшавӣ"-и идеалҳои ҷавонони донишҷӯро муайян намуда, ташаккул медиҳад. Ҳамин тавр, идеалҳои ахлоқии фаъолияти касбиро бошуурона қабул намудани донишҷӯён ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва фаъолсозии худтарбиякунӣ мусоидат мекунад. [2-М].

### Тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал

1. Тадриси тамоми фанҳои таълимӣ дар муассисатҳои таҳсилоти касбӣ ва масъалаҳои таълиму тарбия бояд боҳамалоқамандии диалектикӣ дошта бошанд, то ин ки ба ҷаҳони маънавии донишҷӯй таъсири амиқ расонанд. Ба омӯзгорони кафедраҳои фанҳои махсус тавсия карда мешавад, ки онҳо ба асоси маводи фанни худ ба донишҷӯён барои муътақид намудани онҳо ба аҳамият ва зарурати донистани забони хориҷӣ, дарки моҳияти арзишҳои ахлоқӣ ва дар амал, инчунин, дар шуури одамон ҷо додани онҳо кумак

расонанд.

Низоми тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд тавре роҳандозӣ шавад, ки он хусусияти мунтазамӣ гирад: яъне дар раванди дарс, дар манзил ва ҳам истироҳати донишҷӯён ҷараён дошта бошад, то ин ки меъёрҳои ахлоқӣ зимни пешравии донишҷӯён аз рӯйи зинаҳои таълим дар коллеҷҳо таҳким ёбанд.

**2.** Муассисаи таҳсилоти касбиро зарур аст, ки барои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва раванди таҳсил шароити мусоид фароҳам оварад. Ин ҷо, қабл аз ҳама, сухан дар бораи ёрии тахассусӣ дар ташкил ва ба нақша гирифтани кори мустақилонаи таълимӣ, яъне муҷаҳҳаз намудани донишҷӯёни курси якум бо дониш дар бораи фарҳанги инноватсионии кори таълимӣ ва аз худ намудани технологияҳои муосири таълимӣ, шиносонидани онҳо бо хусусиятҳои методологияи кори мустақилонаи ҳар як фанни илмӣ, таҳкими фаъолияти равонии талабагон дар рафти дарс, инчунин, таъмини робитаи байни омӯзгорон ва донишҷӯён меравад.

**3.** Донишҷӯён дар раванди таълим бояд чунин хулосаеро ҳосил намоянд, ки ташаккули сифатҳои диққат, хотира, тафаккур ба онҳо имкон диҳад иттилооти мунтазам навшавандаро мустақилона аз худ намоянд, чунин қобилият ва малакаҳоеро инкишоф диҳанд, ки пас аз хатми таҳсил ҳам барои қафо намондан аз прогресси босуръати илму техника мусоидат намоянд. Ҳамчунин, ташаккули чунин хислатҳо, монанди мақсаднокӣ, масъулиятшиносӣ, суботкорӣ, фаъолнокӣ ва ғайраҳо барои ба узви арзандаи ҷамъият табдил ёфтани онҳо кумак хоҳанд расонд.

4. Ҳаллу фасли вазифаҳои амалӣ дар ягонагӣ бо вазифаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ барои методикаи дарсдиҳии забонҳои хориҷӣ хос аст, ки дар он, ҳамзамон, бо аз худ кардани забони мушаххас ва баланд бардоштани саводи лингвистии зарурӣ барои ҳар як шахси бофарҳанг, ҳамчунин, ошноии

амиқтар бо арзишҳои фарҳангии кишварҳои Аврупои ғарбӣ ва дастовардҳои онҳо дар соҳаҳои гуногуни илму техника, инкишофи малакаи истифодаи адабиётӣ иттилоотӣ, тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, меҳнатдӯстӣ ва ташаккули қобилияти кори мустақилона бо китобро низ пешбинӣ менамояд.

5. Китоби дарсӣ "раҳнамоест", ки дар доираи муқаррароти он фаъолияти таълимии омӯзгору шогирд амалӣ карда мешавад. Вале, бояд гуфт, ки васоити таълимӣ, дар раванди омӯзиш дар баробари таъсири мусбӣ ба фаъолияти омӯзгор, ҳамзамон,таъсири манфӣ низ мерасонад. Ин ҷо бори дигар андешаи В.В. Краевскийро, ки дар боло зикр гардида буд –"фаъолияти таълимдиҳанда ва таълимгиранда дар китоби дарсӣ барномарезӣ шудааст", ёдрас шудан хеле бамаврид мебошад. Вобаста ба ин, таълими забони хориҷӣ бо дарназардошти марҳилаҳои зарурӣ ва барои таълимгиранда мувофиқ амалӣ гардида, инчунин, маводе мавриди истифода қарор дода шавад, ки ҳам дар шароити имрӯза ва ҳам дар шароити оянда муфид бошад.

6. Ҷиҳати баланд бардоштан ва таҳкими сатҳи забондонии насли наврас, тибқи санадҳои қабулгардида аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, инчунин, сохторҳои он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тадбирҳои муҳим амалӣ шуда, барои таҷдиди барномаҳои таълимӣ ва таҳияи китобҳои дарсӣ ба забонҳои англисӣ ва русӣ дар марҳилаи муайян мусоидат намуданд. Ҳамчунин, дар ин санадҳо таҳкими сифати таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ шуруъ гардида, ҳадафи онҳо таъмини сифати таълими забонҳои хориҷӣ буда, омӯзгорони муассисаҳои таълимиро вазифадор менамояд, ки иҷрои талаботи мазкурро таъмин намояд.

**7.** Таҳлили вазъи таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китоби дарсӣ нишон медиҳад, ки норасоии китобҳои дарсӣ доир ба забонҳои хориҷӣ дар шароити имрӯза аз мушкилоти ҷиддии соҳаи маориф маҳсуб мешавад. Муваффақияти таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ) зимни тарбияи

мутахассисон, қабл аз ҳама, аз сифати барномаҳо, китобҳои дарсӣ, инчунин, аз маводи  иловагии таълимӣ вобастаста мебошад. Китоби дарсии ҷавобгӯи талаботи замони муосир шавқу завқи донишҷӯёнро баланд бардошта, барои самаранокии фаъолияти омӯзгор мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён, аз масъалаҳои муҳимми марбут ба таълиму тарбия маҳсуб шуда, дар кори таҳқиқотии мо як самт – робитаи он бо дарсҳои забони хориҷӣ (англисӣ) мавриди омӯзиш ва таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Албатта, дар ҳудуди як кори диссертатсионӣ фаро гирифтани тамоми паҳлуҳои чунин як масъалаи муҳим ва мураккаб аз имкон берун мебошад. Бинобар ин, умедворем, ки дар тадқиқотҳои минбаъдаи мо ва, ҳамчунин, дигар муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши масъалаи мазкур таваҷҷуҳ доранд, паҳлуҳои дигари мавзуи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мавриди таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷониба ва амиқ қарор хоҳад гирифт.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## 1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии “Дар бораи тасдиқи консепсияиислоҳоти низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 01.11.2004, №387.

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии такмили тадрис ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014»

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” аз 03.07.2014, № 427.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 30.08.2019, №438.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 3 майи соли 2002 №200.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 1 ноябри соли 2006, № 484.

7. Мактаби олӣ (Қисми аввал) /Матн]/. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. –Душанбе, 2007.

8. Национальная концепция образования Республики Таджикистан./[Матн]/ -Душанбе, 2006.

9. Национальный план действия по реформированию системы начального профессионального образования и обучения в Республике Таджикистан на 2006–2015 годы: Постановление Правительства РТ от 3 июня 2006 г. №227.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 22.12.2016.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024.

12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш. 17.08.2020, шаҳри Душанбе.

13. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо дар соли 2022. / [Матн] / Душанбе – 2022. – 375 с.

## 2. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

14. Азимов, Э.Г. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам) /[Текст]/ Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. – М.: Издательство ИКАР, 2009. –С. 332.

15. Амонашвили, Ш. А. Как живете, дети? Пособие для учителя/[Текст]/ . - М.: Просвещение, 1986, -С.126.

16. Анисимов, С.Ф. Роль нравственного просвещения в духовном формировании личности/[Текст]/ .- М.: Знание, 1981.- 64с.

17. Арабов, И.А. Семья и этнокультурные традиции воспитания семьянина/[Текст]/ . – М.: Педагогика, 2004. –С. 82..

18. Аракина, В.Д. Практический курс английского языка. Учебник для ВУЗов/[Текст]/ . -Москва, изд. Влалос, 2008. -432 с.;

19. Арапова, Е. М. Нравственное воспитание на уроках иностранного языка/Фестиваль педагогических идей «Открытый урок» /[Текст]/.- Москва, 2009. – 68 с.

20. Архангельский, Л.М.Моральные качества личности и основные аспекты их изучения /[Текст]/ Под ред. **Л.М**.Архангельского. -**М**.: ИФ АН СССР, 1980. –С.22.

21. Архангельский, Л.М. Марксистская этика: предмет, структура, основные направления/[Текст]/ .- М.: Мысль, 1987.- 239с.

22. Асмус В. Ф. Античная философия/[Текст]/ . -М.: Высшая школа, 1999. -546 с.

23. Афзалов, Х. Рахимов, Б. История педагогики таджикского народа. [Текст] / Афзалов Ф. – Душанбе, 2002. – 65 с.

24. Беспалько, В.П. Теория учебника: Дидактический аспект/[Текст]/ В.П. Беспалько. – М.: Педагогика, 1988. – С. 12.

25. Архангельский, Л.М. Марксистская этика: предмет, структура, основные направления/[Текст]/ .- М.: Мысль, 1987.- 239с.

26. Барышников, Н.В. Методика обучения второму иностранному языку в школе /[Текст]/ Н.В. Барышников. – М.: Просвещение, 2003. – 160 с.

27. Бобобекова, Т.М. Забони англисӣ аз рӯйи ихтисос. Дастури таълимӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои тиббӣ/[Матн]/. -Душанбе, Нашрияи “Студент”, 2015. -228с.

28. Бонди, Е.А. Английский язык: Повторительный курс: Учеб.пособие/[Текст]/ . - М.: Высш, школа, 1988. - 272 с.

29. Бонди, Е.А. Английский язык для студентов-историков: учебник /[Текст]/Е.А. Бонди. – 2-е изд., испр. и доп. – М.: ООО «Издательство Астрель»: ООО «Издательство АСТ», 2001. – 400 с.

30. Бонк, Н.А.Учебник английского языка в 2- х частях; 4.1. /[Текст]/ Н.А.Бонк, Г.А.Котий, Н.А.Лукьянова –М.: ДеКонт-ГИС, 1998. –637 с.

31. Бонк, Н.А., Котий, Г.А., Лукьянова, Н.М. Учебник английского языка. Часть 1. Изд. “Декон-Гис” /[Текст]/. -Москва, 2011. -640 с.;

32. Выготский, Л.С. Собрание сочинений: В 6-ти т. Т.2. /[Текст]/ -М.: Педагогика, 1982.- 504с.

33. Внеязыковая обусловленность речевого акта и некоторые вопросы обучения иностранным языкам //Иностранные языки в школе/[Текст]/ . – I968. -№ 2. –С. 34-38.

34. Гаврилова, Т.Л. О воспитании нравственных чувств/[Текст]/ . – М.: Знание, 1984. -С.8.

35. Гальскова, Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: пособие для учителя/[Текст]/ Н. Д. Гальскова. – М.: АРКТИ, 2003. – 192 с.

36. Грановская, Р.М. Элементы практической психологии. 5 изд., испр. и доп. /[Текст]/ – СПб: Речь, 2003.-73 с..

37. Гулмадов, Ф. Ҳамгирои ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол/[Матн]/ .- Душанбе: "Ирфон", 2014.-297 с.

38. Гулмадов, Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов/[Текст]/. Душанбе: "Ирфон", 2015.-343 с.

39. Ғафуров, Б. «Тоҷикон». Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум/[Матн]/. -Душанбе: «Ирфон»,1983.-704 с.

40. Дробницский, О.Г. Понятие морали. Ист.- критич. очерк/[Текст]/ .- М.: Наука, 2014.- 388с.

41. Зимняя, А.А., Ильинская, Е.С . Психологический анализ урока иностранного языка //Иностранные языки в школе/[Текст]/. –М., 1985. № 4. – С.25-30

42. Зосимовский, А.В. Слово как одно из средств формирования нравственных убеждений // Советская педагогика/[Текст]/. 1982. №2.-С. 42-46.

43. Иванов, В.Г. Актуальные проблемы теории и практики нравственного воспитания студентов/[Текст]/ . - Л., 1978. - 122 с.

44. Казакина, М.Г. Взаимосвязь процесса развития коллектива и нравственного формирования личности. Учеб. пособие к спецкурсу/[Текст]/ . - Л.: ЛГПИ, 1983.-82с.

45. Калинина, О.Д. Влияние отношения учителя к школьникам на формирование их нравственного облика//Вопросы нравственного воспитания учащихся. (Вып.5) /[Текст]/ .-Иркутск, 1972.-С. 66-81.

46. Караковский, В.А. Любимые мои ученики/[Текст]/. - М., 2007.-214 с.

47. Каримова, И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикских школь [Текст]: автореф. дис. …док-ра пед. наук. – Душанбе, 2000. – 46 с

48. Каримова, И.Х. Культура – источник гуманизма [Текст] /И.Х. Каримова. –Душанбе, 1988. – 210с.

49. Кайковус, У. Қобуснома/[Матн]/ .-Душанбе: Адиб, 1990.-155с.

50. Коротков, В.М. Воспитывающее обучение/[Текст]/.-М.: Просвещение,1980. -191с.

51. Кочетов, А.И. Педагогические основы самовоспитания/[Текст]/ .-М., Знание, 1974.-64с.

52. Қурбонов, А. Ш. Илм ва маориф: тамоюлот, мушкилот, дурнамо. /[Текст] / Қурбонов, А.Ш. -Душанбе, “Ирфон”, 2019. -406 с.

53. Қурбонов, А.Ш. Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон /[Текст]/ А.Ш.Қурбонов.-Душанбе, “Ирфон”, 2019. -220 с.

54. Крутов, Н.Н. Мораль в действии: (О закономерностях влияния морали на поведение личности/[Текст]/.-М.: Политиздат, 1977.-255с.

55. Леонтьев, А.А. Внеязыковая обусловленность речевого акта и некоторые вопросы обучения иностранным языкам //Иностранные языки в школе/[Текст]/ . – I968. -№ 2. –С. 61-65.

56. Леонтьев, А.Н. Избранные психологические произведения: В 2-х т. Т.1/[Текст]/ .-М.: Педагогика, 1983.- 391с.

57. Леонтьев, А.А. Внеязыковая обусловленность речевого акта и некоторые вопросы обучения иностранным языкам//Иностранные языки в школе/[Текст]/. I968. № 2. –С.48-52.

58. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогики Аҷам/[Текст]/.- Душанбе, 1997.-150с.

59. Лутфуллоев М. Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия/[Текст]/. -Душанбе, 2003, - 49с.

60. Лутфуллоев, М. Инсон ва тарбия/[Текст]/. - Душанбе, 2008. – 320 с.

61. Ляэнеметс, У.Л. О применении языковых знаний вне урока//Иностранные языки в школе/[Текст]/ . - 1988, - № 1.-С. 24-27.

62. Маджидова, Б. Народные традиции и обычаи как средство формирования нравственных качеств детей в семье. [Текст] / Б. Маджидова. – Душанбе: Ирфон, 2004. –298 с.

63. Макаренко, А. С. Соч. /[Текст]/ – Т.4. - М., 1958, -315 с.

64. Макаренко, А.С. Опыт методики работы детской трудовой колонии //Пед. соч/[Текст]/. - Т, I – С. 170.

65. Макаренко, А.С. Методика организации воспитательного процесса. // пед. соч. в 8-ми т. Т.1/[Текст]/.-М.: Педагогика, 1983.- С.267- 329.

66. Маркс, К., Энгельс, Ф. Соч. - Т.3. /[Текст]/ – С.19.

67. Матвеев, Н.К. Английский язык для начинающих[Текст]. - М.: Высш. школа, 1984. - 237 с.

68. Методические разработки по английскому языку к устным темам и экстенсивному чтению: (Для студентов 2 курса неязыковых вузов) /[Текст]/Сост.: Шишова О.А., Мосолова Н.И. – Вып. 2.- Душанбе,1983. –С.5-16.

69. Нравственное воспитание. Проблемы теории и практики. /[Текст]/ Ред. кол.: А.К. Уледов (отв. ред.) и др.- М.: Мысль, 1979.- 303с.

70. Нуров, А. Арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ва роли онҳо дар тарбия ахлоқии насли наврас/[Матн]/.- Душанбе, 2007. - 248 с.

71. Ожегов, С.И. Словарь русского языка/[Текст]/ . -М.: Русский язык, 1991.- 816 с.

72. Орифӣ, М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. Ҷ.1. (асрҳои X-11) [Матн]. –Душанбе, 1962.

73. Парыгин, Б.Д. Основы социально-психологической теории/[Текст]/ -М.: Мысль, 1971.- 351с.

74. Пассов, Е. И. Урок иностранного языка/Настольная книга преподавателя иностранного языка/[Текст].-М., Глосса-пресс Феникс, 2010. - 640 с.

75. Пашаев, С.Ш. Наука и нравственное воспитание Леонтьев, А.А. Внеязыковая обусловленность речевого акта и некоторые вопросы обучения иностранным языкам //Иностранные языки в школе/[Текст]/ . – I968. -№ 2.- С. 71-75.

76. Педагогика школы: Учеб. пособие для студентов пед ин-тов[Текст] /Под ред Леонтьев, А.А. . –М.: Просвещение, 1987. –С.32.

77. Петровский, А.В. Личность. Деятельность. Коллектив/[Текст]/.-М.: Политиздат, 1982.- 255с.

78. Поспелов, Н.С. Проблем сложного синтаксического целого в современном русском языке//Ученые записки МГУ, Вып.137. [Текст]. – М.,1973. – С.12.

79. Продолятченко, П.А. Вопросы адаптации студентов-первокурсников к обучению в вузе // Экономика и социум/[Текст]/. –М., 2001.-С.89-94.

80. Раҳимов, Б., Нуров, А. Педагогикаи этникии халқи тоҷик[Матн]. - Душанбе, 2008.- 296с.

81. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. қ. 2. Аз Ориён то Сомониён[Матн]. - Душанбе, «Ирфон», 2002.- 120с.

82. Раҳмонов, Э.Ш. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат[Матн]. -Душанбе, 2006.-108с.

83. Раҳмонов, Э.Ш. Соли тамаддуни ориёй[Матн]. -Душанбе, Деваштич. 2006.- 400с.

84. Рубинштейн, С.Л. Бытие и сознание \[Текст]\. - М., 1957. - 316 с.

85. Рубина, Л.Н. Советское студенчество\[Текст]\. - М., 1981.- 169 с.

86. Смирнов, Г.А. Советский человек\[Текст]\. . – М.: Политиздат, 1980. –С.123.

87. Сухомлинский, В.А. Но гражданином быть обязан\[Текст]\. //Неделя. 1974. - №45.-С. 118-121.

88. Сухомлинский, В.А. О воспитании. – 2-е изд\[Текст]\. – М.: Политиздат, 1975. – С.172.

89. Сухомлинский, В.А. Родительская педагогика\[Текст]\. -М: Знание, 1978.-96с.

90. Теория и практика педагогического эксперимента. \[Текст]\. А.И. Пискунов, Г.В. Воробьев, В.С. Ильин. Под ред. А.И. Пискунова, Г.В. Воробьева.- М.: Педагогика, 1979.- 207с.

91. Теоретические проблемы воспитательного коллектива\[Текст]\. .- Тартуский гос. ун-т.-Тарту, 1975.- 308с.

92. Титаренко, А.И. Структура нравственного сознания. Опыт этико-филос. исследования\[Текст]\.- М.: Мысль, 1974.- 287с.

93. Ушинский, К.Д. Избранные педагогические сочинения: В 2-х т. \[Текст]\. - М.: Педагогика, 1974. –С. 441-442.

94. Филонов, Г.Н. Проблемы эффективности воспитания личности в условиях развитого социализма\[Текст]\. -М.: Педагогика,1978.- 224с.

95. Формирование коллективизма школьников в процессе их обучения и воспитания: Зкспресс-информация. НИИ ОП АПН СССР. - Вып.З (159) \[Текст]\. . – М., 1988 - С.6.

96. Харчев, А.Г., Алексеева, В.Г. Образ жизни. Мораль. Воспитание\[Текст]\. .-М.: Политиздат, 1977.- 143с.

97. Ҳазратқулов, М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам\[Матн]\. – Душанбе: «Ирфон», 1980. -238 с

98. Ҳисобот оид ба фаъолияти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар соли 2023\[Матн]\. -1028 с.

99. Целикова, О.П. Коммунистический идеал и нравственное развитие личности\[Текст]\. – Л., 1970. – 161с.

100. Целикова, О.П. Нравственное развитие личности. – СПб., 2007. – - 189 с.

101. Шарифзода, Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. В 2-х книгах. \[Матн]\ Ф.Шарифзода. – Душанбе: Маориф, 2009. – Книга 1. – 460 с.; Книга 2. – 328 с.

102. Шарифзода, Ф. Педагогикаи ҳамгиро\[Текст]\. Ф. Шарифзода. - Душанбе: "Ирфон", 2011. – 512 с.

103. Шишкин, А. Ф. Основы марксистской этики\[Текст]\. – М., 1961. -454 с.

104. Шукиной, Г.А., Леонтьев, А.А. Внеязыковая обусловленность речевого акта и некоторые вопросы обучения иностранным языкам //Иностранные языки в школе/[Текст]/. – I968. -№ 2. -С. 73-80.

### 3. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо

105. Аверкиева, Г. В. Проблема формирования ценностных ориентаций современных школьников. Ребенок и современный мир/[Текст]/. - Архангельск, 2001. -С. 55-60.

106. Архипова, Е.И. Формирование иноязычного лексикона специалиста в интегративном обучении иностранному языку и обще-профессиональным дисциплинам /[Текст]/. Е.И. Архипова // Вестник ПГТУ «Проблемы языкознания и педагогики»,– 2008. – № 1 (18). – С. 51-57.

107. Бухарова, Г.П. Использование текстов по специальности при обучении иностранному языку студентов заочно-вечернего отделения/[Текст]/. Г.П.Бухарова//Технологии обучения иностранным языкам в неязыковых вузах: VI Межвузовская научно-практическая конференция (Ульяновск, 3 февраля 2010 года): сб. науч. тр. / отв. ред. Н.С. Шарафутдинова. − Ульяновск: УлГТУ, 2010. − С. 84-87.

108. Вокуева, О.Д. О параметрах учебного текста при обучении лексической стороне устной речи/[Текст]/. О.Д.Вокуева// Лингводидактические проблемы обучения иностранным языкам / Межвузовский сб. СИб.: Изд-во СИбГУ. 2001. − С. 141-144 .

109. Гадоев, К.Х.Интегрированное обучение чтению текстов на иностранном языке студентами неязыковых вузов/[Текст]/. К.Х. Гадоев //Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук – Душанбе, 2014. – №3/7 (148) -С. 302-305.

110. Гадоев, К.Х. Лингвострановедческий аспект как образовательный компонент интегрированного метода обучения иностранному языку/[Текст]/. К.Х. Гадоев // Проблемы сопоставительного изучения и преподавания иностранных языков: Материалы межвузовской конференции. – Душанбе: РТСУ, 2011. – С. 49-54.

111. Канцур, А.Г. Обучение иноязычной диалогической речевой деятельности будущих учителей на основе страноведческой информации/[Текст]/. А.Г.Канцур // Вестник ПГТУ «Проблемы Языкознание и педагигики». – 2008. – №1 (18). -С. 79-90.

112. Капезина, Т.Т. Исследование межличностных отношений в студенческой группе /[Текст]/. Наука. Общество. Государство №1, т. 4, 2016. –С. 34-39.

113. Лисовский, В.Т. Социальные изменения в молодёжной среде.//Теоретический журнал «Credo»/[Текст]/. –СП, 2002.-С.39-48.

114. Қурбонова Ф.А. Нақши барномаҳо ва китобҳои дарсӣ дар

таҳкими сифати таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ)./Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир. /[Матн]/. /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш.Кӯлоб, 19 марти соли 2021. –Кӯлоб, 2021. -С. 197-202.

115. Никитина, О.А. Формирование социокультурной и страноведческой компетенции /[Текст]/. О.А. Никитина // Технологии обучения иностранным языкам внеязыковых вузах: сб. науч. ст., Ульяновск. УлГТУ,2005. – С. 107-108.

116. Покушалова, Л.В. Обучение профессионально ориентированному языку в техническом вузе /[Текст]/. Л.В. Покушалова, Л.Т. Серебрякова // Молодой ученый. – 2012. – №5. – С. 305-307.

117. Самарин, Ю.А. Психология студенческого возраста и становления специалиста /[Текст]/. ВВШ. - 1969. - № 8. –С.16.

118. Стафеева, Ю.В. Роль студенческого коллектива в адаптации студентов первого курса к условиям обучения в высшей школе /[Текст]/. Вестник КРАУНЦ №2, 2014. –С.52-59.

119. Ҷамолбии, Ҳ. Асосҳои психологӣ-педагогии омӯзиши забони англисӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ /[Матн]/ Ҳ.Ҷамолбӣ //Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, ISSN 2708-5759, № 2 (2). – Душанбе, 2020. –С.186-192.

120. Шаимова, Г.А. Некоторые проблемы формирования иноязычной речевой компетентности будущего специалиста /[Текст]/. Г.А. Шаимова // Молодой ученый, ежемесячный научный журнал. 2012. – № 5 (40) – С. 539-541.

121. Шимановский, Д.С. Самосознание в структуре нравственной деятельности личности /[Текст]/. Вопросы философии.-1984.-№ 3.- С. 93 - 101.

122. Шуртакова, Т.В. Педагогические основы формирования коммунистического мировоззрения студентов средствами искусства: Вопросы теории/[Текст]/.-Казань: изд-во Казанского ун-та, 1978.- 206с.

123. Юркевич, Н.Г. Трудовой коллектив и его руководитель/[Текст]/.- Минск: Изд-во БГУ, 1976.-79с.

## 4. Диссертатсия ва авторефератҳо

124. Галанова, О.А. Обучение стратегиям научной дискуссии на иностранном языке в неязыковом вузе: дис. … канд. пед. наук /[Текст]/ О.А. Галанова. – Пермь, 2003. – 193 с.

125. Ершова, О.Б. Социально-культурная среда как фактор формирования ценностных ориентаций подростков и молодежи: автореф. дис. ... канд. пед. наук. /[Текст]/ О.Б. Ершова. -Тамбов, 2007.-17с.

126. Ионова, А.М. Методика обучения профессионально ориентированному устному общению студентов бакалавриата на основе лингвокультурологического подхода: автореф. дис. … канд. пед. наук/[Текст]/ А.М. Ионова. – Москва, 2012. – 21 с.

127. Казакина, М.Г. Взаимосвязь развития коллектива и нравственного формирования личности: автореф. дис. … докт. пед. наук.-Л., 1983.-37с. Калилина О.Д. О самочувствии ученика в коллективе // Начальная школа. /[Текст]/М.Г.Казакина. - 1972.- №10, С. 30-32.

128. Караева, М.Г. Взаимодействие школы и социокультурной среды в процессе воспитания учащихся: автореф. дис. … канд. пед. наук/[Текст]/Караева М.Г..- М, 2002.-17с.

129. Қурбонов А. Реформирование института образования в условиях трансформации таджикского общества: автореф. дис. … д-ра философ. наук/[Текст]/А.Ш.Курбонов .-Душанбе, 2010.-43с.

130. Қурбонова Ф.А. Асосҳои педагогии ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс... н.и.п. –Душанбе, 2022. -173 с.

131. Осипчукова, Е.В. Организационно-педагогические условия адаптации студентов к образовательному процессу в техническом вузе:

автореф. дисс. канд. пед. наук. /[Текст]/ Е.В. Осипчукова.– Екатеринбург, 2009.-22с.

132. Рахимзода, Х. Влияние социальных институтов воспитания на подготовку старшеклассников к семейной жизни: автореф. дис… д-ра пед. наук//[Текст]\: Х. Рахимзода . – Душанбе, 2002. – 43 с.

133. Рахмонова, Г. Использование национальных традиций в трудовом воспитании учащихся общеобразовательных школь Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. пед. наук./ [Текст] /Г.Рахмонова. – Курган -Тюбе, 2009. – 16 с.

134. Салахутдинова, Е.С. Педагогическое сопровождение адаптации студентов в учебной группе: дисс ...канд. пед. наук. /[Текст]/.Е.С.Салахутдинова.- Кострома, 2014.-19 с.

135. Сороцкая, О.Н. Формирование нравственных представлений у младших школьников на уроках чтения: автореф. дис. … канд. пед. наук. /[Текст]/. О.Н.Сороқкая. - М., 1973.- 24с.

136. Товбаева, М.М. Научно-методические основы интегрированного обучения русскому языку в таджикской школе: дис. … канд. пед. наук /[Текст]/. М.М. Товбаева. – Душанбе, 2010. – 170 с.

137. Эшонжонова, Л.А. Теоретические основы реализации потенциала русского языка в нравственном воспитании студентов неязыковых вузов Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. пед. наук: 13.00.01/[Текст]/ Л.Э.Эшонжонова. - Душанбе, 2009. - 22 с.

138. Якубов, З.И. Социально - педагогические аспекты использования народных традиций в воспитательной работе сельских школ Дагестана: автор. дисс. … канд. пед. наук. /[Текст]/.З.И.Якубова. - М., 1977.-23с.

### 5. Захираҳои электронӣ

139. Арапова, Е.М. Нравственное воспитание на уроках иностранного языка // Фестиваль педагогических идей «Открытый урок».

/[Текст]/Е.М.Арапова/. -2009. [Электронный ресурс].(Санаи муроҷиат: 23.03.2021.)

140. Горюнова, Е.С. Критерии отбора текстов для обучения студентов неязыковых вузов иноязычному профессионально ориентированному чтению//[Текст]/ Е.С. Горюнова//Вестник ТГПУ. 2011, Выпуск 2 (104) – [Электронный ресурс]: http://cyberleninka.ru (Санаи муроҷиат: 17.02.2024.)

141. Дмитроченко, Н.А. Современные подходы к выбору учебных пособий по иностранному (английскому) языку в неязыковом вузе //[Текст]/Н.А.Дмитроченко–[Электронный ресурс]:

http://cyberleninka.ru/article/n/sovremennye-podhody-k-vyboru-uchebnyh-posobiy-po-inostrannomu-angliyskomu-yazyku-v-neyazykovom-vuze(Санаи муроҷиат: 18.07.2024.)

142. Дробинская, Е.С. Духовно-нравственное воспитание на уроках английского языка. [Электронный ресурс]. URL: https://knowledge.allbest.ru/pedagogics/

2c0a65625b 3ac78b5d43a88421206c37_0.html (Санаи муроҷиат: 25.01.2025).

143. URL:http://открытыйурок.рф/%D1%81%D1%82%D0%B0%D1%82%D1%8C%D0%B8/415447/ (Санаи муроҷиат: 25.01.25)

144. Моральные ценности на занятиях по английскому языку // Вестник ХНАДУ. – 2005. – № 31. [Электронный ресурс]. URL: http://cyberleninka.ru/article/n/moralnye-tsennosti-na-zanyatiyah-po-angliyskomu-yazyku-Санаи муроҷиат: 29.01.2025.

145. Особенности организации самостоятельной работы учащихся на различных ступенях образования при обучении иностранным языкам. https://studfile.net/preview/4534447/page:2/ (Санаи муроҷиат: 22.11.21).

146. Толковый словарь русского языка: В 4 т. / Под ред. Д.Н. Ушакова. Репринтное издание:- М., 2000. – [Электронный ресурс]: http://www.dict.t-mm.ru/all/camoctoyatel0nyij.html(Санаи муроҷиат: 29.12.24)

147. Электронный словарь грамота – [Электронный ресурс]: http://www.gramota.ru/slovari/dic/?word=%F2%E5%F5%ED%EE%EB%EE%E3%E8%FF+%EE%E1%F3%F7%E5%ED%E8%FF&all=x (санаи муроҷиат: 11.12.23.)

148. Электронный словарь 1– [Электронный ресурс]: http://enc-dic.com /efremova/Metod-45482.htm (Санаи муроҷиат: 07.08.24.)

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**1) Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:**

[1-М]. Талбакова Н.Қ. Тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ. Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф №3 (44) 2022. – С.124-129.

[2-М]. Талбакова Н.Қ. Ҳадаф ва вазифаҳои тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар дарсҳои забони хориҷӣ(англисӣ) Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №3 (48), 2023. –С. 63-67.

[3-М]. Талбакова Н.Қ., Қурбонов А.Ш. Таҳлили боҳамалоқамандии диалектикии муносибати омӯзгор ва донишҷӯ ҳамчун субъект ва объекти раванди таълиму тарбия. Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф №3 (44) 2023. –С.42-46.

[4-М]. Талбакова Н.Қ. Донишҷӯ ҳамчун объект ва субъекти таълиму тарбия.//Паёми донишгоҳи давлатии бохтарба номи Носири Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. 2025. №1/1 (131) -С. 213- 2016. ISSN 2663-553;

[5-М]. Талбакова Н.Қ. Такмили тарбияи ахлоқии донишҷуён дар дарсҳои забони англисӣ ва омода намудани онҳо ба касби оянда //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ. №2 (39) 2025. -С. 163. ISSN 2616-5260.

[6-М]. Талбакова Н.Қ. Шахсияти омӯзгор ҳамчун омили муҳимми ташаккули тафаккури ахлоқии донишҷӯён.//Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №2 (56), 2025. -С.118-123.

**2) Мақолаҳои дар маҷмуаи маводи конференсия ва нашрияҳои дигар батабърасида:**

[7-М]. Талбакова Н.Қ. Нақши дарсҳои забони англисӣ дар тарбияи ахлоқии донишҷӯён. Маорифи Тоҷикистон. №11, 2022. -С.50-51.

[8-М]. Талбакова Н.Қ. Тарбияи сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ /Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир”. ш. Кӯлоб,19.03.21. –С.188-191.

[9-М]. Талбакова Н.Қ. Омӯзиши забони англисӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули зеҳнии хонандагон/Илму маориф – бунёди маърифати зеҳнӣ./ Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш.Душанбе, 18 апрели соли 2019. –С. 182-188.

[10-М]. Талбакова Н.Қ. (дар ҳаммуаллифӣ). Нақши муштараки мактаб ва оила дар ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва зеҳнии хонандагон.//Маводи Конференсия илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ”. Кӯлоб, 26 декабри соли 2020. –С. 322-3359.

[11-М].Талбакова Н.Қ. Омӯзгор ва тарбияи ахлоқии донишҷӯён./Маорифи Тоҷикистон. 2025, №2. -С.25-26.

[12-М]. Талбакова Н.Қ. Сиёсати давлатӣ доир ба таълими забонҳои хориҷӣ//Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Вазъи илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатӣ». Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон назди Президенти ҶТ 28.10.22.

[13-М]. Талбакова Н.Қ. Курсҳои такмили ихтисос – омили муҳимми тарбияи касбии омӯзгори оянда.//Конференсияи илмӣ- амалӣ дар мавзуи **«**Вазъ ва дурнамои таъмини муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ бо кадрҳои илмӣ**».** Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 7-уми июни соли 2024.